Таваккал Чориев

# Забони тоҷикӣ

## 5

**Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 5-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ**

Нашри дуюм

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон тасдиқ намудааст*

ТОШКАНД — «O‘ZBEKISTON» — 2015

УЎК: 811.222.8(075) + 372.881.1
КБК 81.Тож-922
Ч 78

Муҳаррирони масъул:
номзади илмҳои филологӣ, дотсент **Ю.Ю. Азимов,**
сарметодисти МТР **Х.С. Ҳамидов**

Муқарризон:
**Рухшона Абдулқодирова** — омӯзгори мактаби рақами 17-уми шаҳри Ангрени вилояти Тошканд;
**Тошқул Мирзоев** — омӯзгори мактаби рақами 10-уми ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё;
**Фирӯза Марипова** — омӯзгори мактаби рақами 17-уми шаҳри Ангрени вилояти Тошканд;
**Сайрам Раҳмонова** — омӯзгори мактаби рақами 12-уми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё

АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

 — машқҳои мантиқӣ

 — саволҳо барои санҷиши дониш

 — машқҳои эҷодӣ

 — вазифаи хонагӣ

 — машқҳо барои донишомӯзони соҳибистеъдод

 — тест

**Донишомӯзони гиромӣ!**

Таълими фанни забони тоҷикиро бо такрори мавзӯъҳои дар синфҳои ибтидоӣ омӯхтаатон сар карда, бо мавзӯъ, истилоҳ ва маълумотҳои назарии нав шинос мешавед. Машқу супоришҳоро шифоҳӣ ва хаттӣ иҷро мекунед. Аз рӯйи мазмуни расму тасвирҳо сарлавҳа интихоб мекунед, нақша низ тартиб медиҳед. Матнҳои хурдҳаҷм эҷод мекунед. Ба саволҳои тесту чистонҳо ҷавоб меҷӯед. Фикратонро аз рӯйи мазмуни зарбулмасалу мақолҳо, панду андарзҳо ва порчаҳои шеърӣ баён мекунед.

Дар иҷрои корҳои судманду натиҷабахш ба шумоён ғайрату шуҷоат мехоҳем.

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст.**

ISBN 978-9943-01-736-8

© Таваккал Чориев, 2011, 2015
© ХЭТН «O‘ZBEKISTON», 2011, 2015.

Ватан чархи барин, обу замин аст,
Ватан ду чашми биноро нигин аст.

*Қутбӣ Киром*



Боз гул-гул шукуф, эй хуррамy зебо Ватанам,
Ба ту мезебад бас зинату оро, Ватанам.
Дидаи хушназарон аз ту мунаввар бошад,
Хотири софдилон аз ту мусаффо, Ватанам.
Өнчунон нашъунамо кун, ки ҷаҳон мот шавад,
Ба дили мо фақат ин аст таманно, Ватанам.
Ту, ки сарчашмаи амнияти дунё ҳастӣ,
Чашми ҳурмат ба ту дорад ҳама дунё, Ватанам.
Ҳастии мо ба туву ҳастии ту низ ба мост,
Нисбате ҳаст ба ҷон байни туву мо, Ватанам ...

*Муҳиддин Аминзода*

## Дарси 1. ЗАБОН — МУҲИМТАРИН ВОСИТАИ АЛОҚАИ ОДАМОН

**Машқи 1.** Матнро хонед ва аз рӯйи мазмуни он фикратонро баён кунед.

### Забони модарӣ

Забони модарӣ. Чӣ ибораи аҷибу фараҳбахшест. Маҳз ҳамин забон аст, ки мо аз беҳтарин дурдонаҳои ҳикмати оламиён баҳравар мегардем. Ин забонест, ки модари мушфиқу ғамгусор меҳри онро бо қатраҳои шири сафеду ҷонбахшаш ба ҷисму ҷони мо равон кардааст. Аз ин рӯ, онро поку муқаддас доред!

Инсон бо забони ширину гуворои худ аз тамоми махлуқот фарқ мекунад. Забон ва сухан davраҳоро бо ҳам пайванд месозанд. Ҳар ду дар инкишофи илму дониш ва пешрафти ҷамъият аҳамияти бузург доранд. Махсусан, саҳми забони модарии мо дар ривоҷу равнақи фарҳанги ҷаҳонӣ беандоза аст. Забони модарии мо, ки тоҷикӣ аст, дар замони пеш бо номҳои форсӣ ва дарӣ шӯҳрати зиёд доштааст.

Насими истиқлол, бозсозиву худшиносӣ ба рӯйи забони модарӣ хуршеди ҳақиқатро мунаввар гардонид. Забони тоҷикӣ мақоми давлатиро соҳиб гашт. Бори нахуст 22-юми июли соли 1990 Иди забони тоҷикӣ дар ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон қайд карда шуд.

Забон ҳамсафари доимии одамон аст. Тағйир ва пешрафти забон ҳамеша дар пайвастагӣ ба дигаргуниҳои ҷомеа

дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии он ба амал меояд. Бо суханони бузургон гуфтанӣ бошем, «Забон гаҳвораи фанҳост», «Забон — оинаи фарҳанги халқ», «Забон — ҳодисаи иҷтимоӣ», «Забон — муҳимтарин воситаи алоқаи одамон», «Забон воситаи мубодилаи афкор аст».

**Машқи 2.** Порчаҳои шеъриро хонед, мазмунашро фаҳмонед. Калимаҳои шарҳдодашударо ба дафтарчаи луғат рӯбардор кунед.

Гавҳари ҳуққаи даҳон сухан аст,
Ҷавҳари ханҷари забон сухан аст.

Сухан ваҳй аст, мо арши баринем,
Сухан сеҳр аст, мо сеҳрофаринем.

*Бадриддини Ҳилолӣ*

Бузургӣ саросар ба гуфтор нест,
Дусад гуфта чун ним кирдор нест.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Гуфти инсон пораи инсон бувад,
Порае аз нон яқин, ки нон бувад.

*Ҷалолиддини Румӣ*

**Шарҳи луғат:**

**Ҳуққа** — сандуқчаи ҷавоҳирот.
**Ҷавҳар** — асли моҳият, қимати асосӣ.
**Ваҳй** — пайғоме, ки аз Худо омадааст.
**Арши барин** — тахти баланд ва олӣ.
**Яқин** — ростӣ, бешубҳа.

**Машқи 3.** Бо интихоб ва корбасти зарбулмасалу мақолҳо дар мавзӯи *«Забони модарӣ пайванди ҷонам»* матн тартиб диҳед.
**Машқи 4.** Шеърро хонед ва аз ёд кунед.

### Забони модарӣ

Чу шеъри Рӯдакӣ зебост,
Чу мусиқӣ фараҳафзост.
Дар олам аз ҳама ширин,
Забони модарии мост.

Забони назми пурҳикмат,
Забони давлату миллат.
Зи аҷдодон барои мо
Бувад он беҳтарин сарват.

Ба он чун комрон гаштем,
Чу Айнӣ нуктадон гаштем.
Дар илму санъату эъҷоз,
Ба дунё достон гаштем.

*Бобо Ҳоҷӣ*

# ТАКРОР ВА ҶАМЪБАСТИ МАВОДИ ОМӮХТАШУДАИ СИНФҲОИ I—IV

## Дарси 2. КАЛИМАҲОИ ҲАМРЕША

**Ба хотир оред!**

1. Чӣ гуна калимаҳоро калимаҳои ҳамреша меноманд?
2. Калимаҳои гуногунреша гуфта чӣ гуна калимаҳоро дар назар доред? Мисолҳо оред.
3. Фарқ ва умумияти калимаҳои ҳамреша аз гуногунреша дар чист?

**Машқи 5.** Аз силсилаи мисолҳо калимаҳои ҳамрешаро муайян карда, ба дафтар рӯбардор кунед. Таърифи калимаҳои ҳамрешаро ба хотир оред.

Зарбоф, некном, нозуктабъ, заргудоз, зардӯз, оинасоз, зардкӯб, зарфурӯш, офтобрӯ, зархарид, ростқавл, меҳмондӯст, меҳмоннавоз, сарафроз, накӯбахт, соҳибдил, накӯгӯ.

**Машқи 6.** Ба ҷойи нуқта калимаҳои мувофиқро интихоб карда, калимаҳои ҳамреша тартиб диҳед.

...дон, ...шинос, ...навис, ...бахт, ...бӯ, ...овоз, ...калом, ...дӯст, ...навис, ...фаҳм, ...хон, ...афрӯз, ...саро, ...дор, ...каш, ...парвар, ...истеъдод, ...иқбол, ...давлат, ...ҳуқуқ.

**Калимаҳо барои истифода:** таърих, шеър, хуш, бӯстон, асал, соҳиб.

**Машқи 7.** Реша ва воситаҳои калимасози калимаҳои ҳамрешаро бо гузоштани аломати шартӣ муайян кунед. Инчунин, маънояшро шарҳ диҳед.

Деҳқонӣ, деҳқонписар, даста, дастагул, дастак, дастандоз, дастафшон, дастбанд, дастбоф, дастовез, дастомӯз, дастранҷ, кушода, кушодадаст, кӯҳкан, кӯҳистон, кӯҳсор.

*Намуна:* кафшдӯз, кафшгар.

**Машқи 8.** Ба воситаи калимаҳои ҳамрешаи поёнӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед. Аз кадом ҳиссаҳои нутқ сохта шудани таркибҳояшонро гӯед.

Ғаллакор, ғаллафурӯш, қадбаланд, қадпаст, ҳалвопаз, ҳалвофурӯш.

**Машқи 9.** Пас аз калимаҳои *гул, дониш* калимаҳои поёниро илова карда, калимаҳои ҳамреша тартиб диҳед. Бо гузоштани аломати шартӣ решаашро муайян кунед.

...омӯз, ...дӯз, ...кор, ...парвар, ...фурӯш, ...чин, ...дӯст.

## Дарси 3. ТАРКИБИ КАЛИМА

**Ба хотир оред!**

1. Кадом воҳидҳои забонӣ дар якҷоягӣ таркиби калимаро ташкил медиҳанд?
2. Реша чист? Он бо гузоштани чӣ гуна аломат ишора карда мешавад?
3. Воситаи калимасози пеш аз реша омада чӣ ба шумор меравад?
4. Аломати шартии пешванд чӣ гуна аст?
5. Воситаи калимасози пас аз реша омада чӣ ном дорад?
6. Пешванд, пасванд ва реша дар якҷоягӣ чиро ташкил медиҳанд?
7. Асос чист? Он бо гузоштани чӣ гуна аломат ишора карда мешавад?

**Машқи 10.** Воҳидҳои таркиби калима — *реша*, *пешванд*, *пасванд*, *бандак*, *асос*-ро ёфта, таърифи онҳоро ба хотир оред.

Киштисоз, матоъфурӯш, некдилона, бемашаққат, машваратгоҳ, майсазор, китобам, қаламаш.

**Машқи 11.** Бо илова кардани пешванду пасванд калимаҳои ҳамреша тартиб диҳед. Баъд воҳидҳои таркиби калимаро бо гузоштани аломатҳои шартӣ ишора кунед.

*Зар* (бе-, -гар, -ӣ, гун), *зард* (-а, -ак, -гун, -ина, -фом, -ча, -ӣ), *вазн* (бе-, ҳам-, -ин, -нок), *барф* (бе-, -ак, -ин, -нок, -ӣ).

*Намуна:* бегӯшт, гӯштнок, гӯштин.

**Машқи 12.** Воҳидҳои таркиби калимаро бо гузоштани аломатҳои шартӣ муайян кунед.

Кишваршинос, наботпаз, нишоллофурӯш, болаззат, мехонам, рафтем, ҳамватанӣ, истиқлолият.

**Машқи 13.** Даҳто калима нависед, ки воҳидҳои таркиби калимаро фаро гирифта бошанд.

## Дарси 4. ИСМ ВА СИФАТ

**Ба хотир оред!**

1. Исм чист? Он ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
2. Сифат чист? Он ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
3. Кадом ҳиссаи нутқ номи предмет ва кадом ҳиссаи нутқ аломати предметро ифода мекунад?
4. Сарҳарфи исмҳои ифодакунандаи номи шаҳр, ноҳия, деҳа, одамон, рӯзнома, маҷалла, дарёҳо бо чӣ гуна ҳарф навишта мешаванд?

**Машқи 14.** Матнро хонед, исмҳои ифодакунандаи номи дарё, одамон, дарахтон, олатҳои меҳнат ва сифатҳоро муайян карда, дар алоҳидагӣ ба дафтар нависед.

Яке аз рӯзҳои аввали тирамоҳ, лаълии заррини офтоб ба канори ғарбии дастархони нилгуни осмон расида, ҳарораташ хеле кам шуда буд. Аз поён, аз тарафи дарёи Зарафшон шамоли фораме вазид. Ёбони васеъ, ки дарахтони қатори санҷид, зардолу ва тут онро ба қисматҳо ҷудо мекарданд, нафаси фориғболонае кашидагӣ барин шуд. Рӯзи серкор ва пур аз ташвиш ба охир мерасид. Деҳқонҳо каланду бел дар даст ҳайвоноти кориро пеш андохта, ба қишлоқ бармегаштанд. Онҳо монда шудагӣ, гурусна ва кӯфтаҳол буданд. Аксарият, гӯё ҳамин соат, ҳамин ба охир расидани рӯзро мунтазир буданд, ҳар чӣ зудтар аз кор даст кашиданд, ба сӯйи қишлоқ шитофтанд. Фақат яктодутоҳо, дар он қатор Саидпаҳлавон бо писарчааш ҳанӯз ба кори деҳқонии худ машғул буданд. Онҳое, ки ба қишлоқ бармегаштанд, аз пеши полизи Саидпаҳлавон гузашта истода, ӯро табрик мекарданд:

— Монда нашавед, Паҳлавон, полизатон обод!

— Саломат бошед, бародар! — гуфт Паҳлавон... *(Аз романи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро»-и Ҷалол Икромӣ)*

**Машқи 15.** Бо гузоштани саволҳои мувофиқ исму сифатҳоро дар алоҳидагӣ нависед.

Истгоҳ, тоза, гузаргоҳ, бозаргонӣ, худшиносӣ, дуредгар, барфин, дурахшон, занбӯрак, соф, беозор, болаззат, мискин.

**Машқи 16.** Матнро хонед, бо ном ва хелҳои харбуза шинос шавед. Шакл, таъм ва мазаашонро номбар карда, ба кадом ҳиссаҳои нутқ мансуб буданашонро гӯед.

Мутахассисон то имрӯз 500 навъи харбузаро муайян кардаанд. Харбуза аз рӯйи мӯҳлати пухтанаш пешпазак, миёнсолӣ, дерпазак ба шумор меравад. Зарҳандалак, ҳандалаки кӯкча, ҳандалаки бешак, зомуча, гулсар, ҳандалаки бухорӣ, даҳбедӣ (7), давлатбоӣ харбузаҳои пешпазаканд, ки онҳо миёнаҳои моҳи май мепазанд. Авезонӣ, алогургак, алоча, амирӣ (1), аробакаш (2), асадӣ (3), баргӣ (4), беҳзодӣ (5), баргинозӣ, бешакширин, бӯйшоҳӣ, бӯрикалла, гургак, дониёрӣ, зарметанӣ (8), лабиобӣ, лалмии зардтӯр, лақайӣ, камолӣ (9), кӯли хуштарин, мулосафоӣ, обинабот, парсилдоғ, тошлоқӣ, чокарӣ, шакарпалак (10), шакарпора (11), шерозӣ (12), ширинпӯчоқ,



ҳасанӣ, қаднабот, ҷӯрақанд харбузаҳои миёнсолӣ буда, миёнаҳои моҳи июн мепазанд. Алопӯчоқ, андархамӣ, арконӣ, гулобӣ (6), нонгӯшт, саритокӣ, сиёҳпӯчоқ, токӣ, тиркашӣ, умрбоқӣ, шаббозӣ харбузаҳои дерпазак буда, онҳо моҳи сентябр мепазанд.

**Машқи 17.** Ба исм сифат ҳамроҳ карда, ибораҳо созед. Воситаи алоқаи грамматикии онҳоро номбар кунед.

Себ, ҳаво, кӯҳҳо, дарахт, дарё, тирамоҳ, кишт, либос, чӯб, девор.

## Дарси 5. ФЕЪЛ

### Ба хотир оред!

1. Феъл чист?
2. Феъл ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
3. Феъл чанд замон дорад?

**Машқи 18.** Аз силсилаи мисолҳо феълҳоро муайян намуда, ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред.

Навохт, зангӯла, нав, гузошт, имзо, ҳуҷҷат, омад, кокулдароз, кулол, сохт, кӯҳна, харидем, навиштанд.

**Машқи 19.** Шеърро хонед ва аз рӯйи мазмуни он фикратонро баён кунед. Феъл ва сифатҳои онро дар алоҳидагӣ нависед.

Чӣ хушбахтам! Ба мактаб хурраму дилшод мехонам,
Чу булбул дар гулистони Ватан озод мехонам.
Ватан додаст бар мо бахти хубу рӯзгори хуш,
Сабақҳои Ватанро карда ман аз ёд, мехонам.
Дил аз меҳри Ватан шод асту ӯ пурнур мебошад,
Дар оғӯши сафобахшаш баистеъдод мехонам.
Чу бар ман додааст ӯ зиндагонии гуворо,
Суруди нав ба навро карда ман эҷод, мехонам.
Ғазал хонам ба гулзору дабистонам ба хурсандӣ,
Ки андар мулки ободу фараҳбунёд мехонам.

*Абдуҷалил Воситзода*

**Машқи 20.** Феъл ва замонҳои онро муайян кунед. Таърифи замони гузашта, ҳозира ва ояндаи феълро гӯед.

Навиштам, навишта будам, хондам, мехонем, хоҳам хонд, давид, давида буд, медавад, рафт, меравад, рафтагӣ.

**Машқи 21.** Даҳто феъл интихоб кунед ва саволҳояшонро дар қавсайн пас аз онҳо нависед.

# НАҲВ ВА АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ

## Дарси 6. ИБОРА

Ду ва ё зиёда калимаҳои мустақилмаъное, ки аз ҷиҳати маъно ва муносибати грамматикӣ ба ҳамдигар алоқаманд шуда, мафҳуми мураккабро ифода мекунанд, *ибора* номида мешавад. *Мисол:* кишвари ҷаннатмакон, авлоди камолёфта, инсони комил, арзишҳои миллӣ, давлати ҳуқуқбунёд.

**Машқи 22.** Калима ва ибораҳоро дар алоҳидагӣ номбар кунед.

Гул, гули нилуфар, гули офтобпараст, гулзор, гули бехор, гули наврӯзӣ, гулпайкар, гули раъно, гулдаста, Гулистон, гули хушбӯ, гули зебо, гулбарг, гули саҳар, гулгун, гули бомдодӣ, Гуландом, гули пажмурда, гулпош, гули рангин, гулак, гулоб, Гулрух, гули садбарг, Гулрухсор.

**Машқи 23.** Аз калимаҳо ибора созед ва фарқи онҳоро гӯед.

Ҷавон, хушбахт, овоз, пир, форам, саодатманд, суруд, ҳикоя, дилнишин, бино, навбунёд, китоб, нав, шавқовар, ҷаҳоннамо, ҳаво, офтоб, тоза, сухан, дурахшон, пурҳикмат, либос, заррин, мактаб, ғунучин, оина, тирамоҳ, пахта.

*Намуна:* сухани пурҳикмат.

**Машқи 24.** Порчаи шеъриро хонед, ибораҳоро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

Сарчашмаи ҳаёти ҷаҳонанд модарон,
Зинатфизои давру замонанд модарон.
Сидқу сафои оламиёнанд модарон,
Бахту саодату дилу ҷонанд модарон.

*Боқӣ Раҳимзода*

**Машқи 25.** Ба ҷойи нуқта ибораҳои мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро дар шакли пурра хонед.

1. ...аз меҳру вафо лабрез гардид. 2. ...дамид. 3. ...паёпай рӯйи чеҳрааш медавиданд. 4. ...гулзору токзор буд. 5. Мо ...амонро дӯст медорем.

*Ибораҳо барои истифода:* дили модар, сабзаи навхез, саҳни мактаб, донаҳои ашк.

*Намуна:* Мо Ватани азизамонро дӯст медорем.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Наҳв чиро меомӯзонад?
2. Ибора чист?
3. Фарқи ибора ва калима дар чист?
4. Ибора аз чанд калима таркиб меёбад?

**Машқи 26.** Ибораҳои зеринро ҳамчун нақша истифода баред ва дар мавзӯи «Таътили тобистонаи ман» баён нависед.

1. Таътили тобистона.
2. Дамгирӣ дар истироҳатгоҳ.
3. Манзараҳои аҷойиби табиат.
4. Корҳои нек.
5. Дӯстони нав.
6. Таассуроти ман.

## Дарси 7. КАЛИМАҲОИ АСОСӢ ВА ТОБЕЪ ДАР ИБОРА

Дар ибора яке аз калимаҳо асосӣ буда, боқимонда барои шарҳи он меояд. Калимаи асосӣ *тобеъкунанда* (муайяншаванда), калимаи шарҳу эзоҳдиҳанда **тобеъшаванда** (муайянкунанда) ба шумор меравад. Дар вақти муайян кардани калимаҳои ибора истилоҳҳои **тобеъкунанда, тобеъшаванда** ё ин ки **муайяншаванда, муайянкунанда** интихоб карда мешавад. Дар болои калимаи тобеъкунанда **аломати зарб (×)** ва дар болои калимаи тобеъшаванда **аломати камонак** ⌒ гузошта мешавад. Калимаи **тобеъкунанда** бо калимаи **тобеъшаванда** бо воситаи бандаки изофӣ **(и)** ва бе иштироки он ба ҳамдигар алоқаманд мегарданд. Дар ибора кадом ҳиссаи нутқ асосӣ — тобеъкунанда бошад, ибора ҳамон номро мегирад. Агар калимаи асосии ибора **исм** бошад, онро **иборaи исмӣ, сифат** бошад, онро **иборaи сифатӣ, шумора** бошад, **иборaи шуморaвӣ, ҷонишин** бошад, **иборaи ҷонишинӣ, феъл** бошад, **иборaи феълӣ, зарф** бошад, **иборaи зарфӣ** меноманд.

**Машқи 27.** Калимаҳои асосӣ ва тобеи ибораҳоро муайян кунед.

Парчами давлатӣ, аз шодӣ саршор, устои гулдаст, мактуб навиштан, модари серфарзанд, баҳои аъло, ҳосили тирамоҳӣ, чои хуштаъм, рӯзи истироҳат.

**Машқи 28.** Дар байни калимаҳои асосӣ ва тобеъ бандаки изофӣ (и)-ро кор фармуда, аз калимаҳо ибора созед.

Гӯша... табиат, китобхона... мактаб, тахта... синф, пахта... маҳиннах, чинакчиён... моҳир, саҳро... васеъ, бод... гармсел, ҳаво... нофорам

*Намуна:* боди гармсел

**Машқи 29.** Ҷадвалро бодиққат аз назар гузаронед ва аз рӯйи мазмуни он доир ба ибора маълумот диҳед.




**Машқи 30.** Воситаи алоқаи грамматикии ибораҳои тартиби ҷумлаҳоро муайян кунед.

1. Халқи мо фарзандони мардонавори худро фаромӯш намекунад. 2. Илм қадри инсонро баланд мебардорад. 3. Шахси боҳунар хору зор намешавад. 4. Дурӯғгӯӣ одати бад аст.

**Машқи 31.** Ибораҳоро ба дафтар рӯбардор карда, ҷузъҳои асосӣ ва тобеи онҳоро муайян кунед.

Ҳамин хона, бисёр зебо, мани хушбахт, беҳтарин донишомӯз, оҳиста омадан.

### Саволҳо барои санҷиши дониш:

1. Ибора аз чӣ гуна калимаҳо таркиб меёбад?
2. Калимаи тобеи асосии ибора чӣ гуна вазифаро иҷро мекунад?
3. Фарқи калимаҳои асосӣ ва тобеи ибора аз ҳамдигар дар чист?
4. Дар болои калимаи тобеъкунанда чӣ гуна аломат гузошта мешавад?
5. Бандаки изофӣ (и) чӣ гуна вазифаро иҷро мекунад?

**Машқи 32.** Аз ибораҳо ҷумла созед.

Сарвати бебаҳо, хиёбони нав, ҳайкали Амир Темур, иди истиқлол, Конститутсияи Ӯзбекистон, шахси забондон, рақси дилнишин.

## Дарси 8. ҶУМЛА

Гурӯҳи калимаҳои ба таври грамматикӣ ба якдигар алоқаманд, ё калимаи алоҳидае, ки фикри тамомшударо ифода мекунад, **ҷумла** номида мешавад: 1. Истиқлол ва соҳибихтиёрӣ дари қафаси тангро боз намуд. 2. Кишвари мо аз қадимулайём бо бозорҳои серобу серодамаш шӯҳрат дошт. 3. Мардуми савобҷӯву хайрхоҳ ба кӯмаки вай омаданд.

Ҷумла аз ҷиҳати сохт *содда* ва *мураккаб* мешавад: 1. Дар дилам орзуҳои неку аҷиб пар афшонданд. 2. Рӯзе саросема гӯшт хӯрду дар гулӯяш устухон дармонд.

**Машқи 33.** Матнро хонед ва аз чанд ҷумла иборат буданашро гӯед.

### Ӯзбекистон — кишвари ҷаннатмакон

Замину саҳро, дашту биёбонҳои Ӯзбекистон ҳосилхез аст. Дар он гулу гиёҳҳо, растаниҳо, сабзавоту меваҳои зебову хуштаъм мерӯяд. Ҳавои софу беғубораш касро хушҳолу тануманд мегардонад. Пахта, пилла, гандум, тилло, нафт ва дигар маъданҳои зеризаминӣ ва обӣ боигариҳои он ба шумор меравtotalанд.

Ватан барои фарзандонаш дар солҳои истиқлол литсей, коллеҷ барин масканҳои таълимиро бунёд намуд. Шаҳру деҳот, зиёратгоҳу ҷойҳои таърихиро аз нав таъмир кард. Ҳоло хурду калон машғули кишоварзӣ, чорводорӣ, ғаллакорӣ, ҳунармандӣ, касбомӯзӣ, илмомӯзӣ мебошанд. Хондан ва ҳунаромӯзиро пеша кунед! Баҳри нерӯмандиву ободии Ватан ҳиссагузор бошед!

**Машқи 34.** Аз калима ва ибораҳои пароканда ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Орзу, хушоҳангу мавзун, дил, забони тоҷикӣ, пок, мақсаду андешаҳои хубу бади инсон, аст, аз, гуфтораш, ояд, падид, китоб, берун, фурӯғи субҳи доноӣ, ояд, ҳар чӣ.

**Машқи 35.** Аз рӯйи нақшаҳои зер ҷумлаҳо тартиб диҳед.



**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Ҷумла чист?
2. Ҷумла аз ҷиҳати сохт чӣ гуна мешавад?
3. Фарқи ибора аз ҷумла дар чист?

**Машқи 36.** Бо гузоштани аломатҳои китобатии нуқта, савол ва хитоб ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## Дарси 9. АЛОҚАИ ГРАММАТИКИИ КАЛИМАҲО ДАР ҶУМЛА

Алоқаи грамматикии калимаҳо дар ҷумла бо ду роҳ ба амал меояд. Алоқаи пайваст ва тобеъ. Пайвандакҳои *ва* (*-у*, *-ю*), аломати вергул унсурҳои алоқаи пайваст ба шумор меравацд. Воҳидҳои забонии мазкур пайвастӣ ва пайиҳамии калима, инчунин аъзоҳои ҷумларо таъмин менамоянд: 1. Манзараҳои дилангези Ӯзбекистон ҳамаи сайёҳон ва меҳмононро ба ҳайрат мегузорад. 2. Корафтодагону беморон ин табиброро хеле ситоиш мекунанд. 3. Ватан, ватандӯстӣ, дастовардҳои истиқлол, инсони комил, ишқу муҳаббат, башаргароӣ мавзӯи асосии навиштаҳои аъзои маҳфил аст.

Алоқаи тобеъ хоси ибора ва ҷумлаҳои мураккаб мебошад. Бандаки изофӣ (и), пешояндҳои *аз*, *дар*, *то*, *ба*, *бо* ва пайвандаки тобеъкунандаи *ки* воситаи алоқаи онҳо ба шумор меравад: 1. Роҳи мошингард, дар боғи навбунёд, аз дур намоён. 2. Аз оҳанги суханаш маълум буд, ки чизе мепурсад.

**Машқи 37.** Ҷумлаҳоро хонед, воситаи алоқаи калима ва аъзоҳои ҷумларо муайян кунед.

1. Ҳилагару бахилу миннатгузор дохили биҳишт нашавад. 2. Суръати паҳншавии дуду буғи вулқон меафзуд. 3. Мардуми савобталаб бачаи пурзахму хуншорро зуд ба беморхона бурдаанд. 4. Дар дунё қавму қабилаҳои зиёде умр ба сар мебаранд. 5. Оҳанги мусиқӣ, садои мурғон, шилдирроси оби ҷӯйборон, ишваи баҳорро тараннум мекунад. 6. Ману волидонам боре ба хонаи рафиқи падарам ба меҳмонӣ рафтем.

**Машқи 38.** Воситаи алоқаи калима, ибора ва аъзоҳои ҷумларо муайян кунед. Баъд аз он ҷумлаи дилхоҳро интихоб карда, ба калима ва ибораҳо ҷудо кунед.

1. Фарзандонамон аз рафтору кирдору гуфтори мо ибрат мегиранд. 2. Биноҳои хурду бузург нахуст дар баёзи фикрҳо тарҳрезӣ мешаванд. 3. Дар мавзӯи асрори рӯзгор ва печидагиҳои ҳаёт бузургони адаб Рӯдакӣ, Сино, Хайём, Ҳофиз, Бедил ва дигарон низ шеърҳои пурҳикмат доранд. Тарсу ҳарос, дудилагӣ, ғафлату ҷаҳолат, нодониву сустиродагӣ садди пешравиҳост.

**Машқи 39.** Бо интихоб ва корбасти пайвандакҳои *ва* (*-у*, *-ю*), аломати вергул, бандаки изофӣ дар байни калимаҳо ва ҷумлаҳо мисолҳо нависед.

**Машқи 40.** Аз рӯйи мазмуни расм нақша тартиб диҳед ва дар асоси он иншо нависед. Воситаи алоқаи грамматикии калимаву ибораҳоро муайян карда, ба зераш хат кашед.



**Машқи 41.** Порчаҳои шеъриро хонед ва аз рӯйи мазмуни он сарлавҳаи баёни менавиштагиатонро, интихоб кунед.

Сухандони парварда, пири куҳан
Бияндешад, он гаҳ бигӯяд сухан.

*Саъдии Шерозӣ*

Забон дар забон ганҷ пардохтам,
В-аз он ҷумла сарҷумлае сохтам.

*Низомии Ганҷавӣ*

Ҳунар монанди пурмева дарахт аст,
Ҳунар бар одамон якумра бахт аст.
Бишав соҳибҳунар то метавонӣ,
Ҳунар тиру камону тоҷу тахт аст.

*Содиқи Кашрӯдӣ*

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Алоқаи грамматикии калимаҳо дар ҷумла бо чанд роҳ ба амал меояд?
2. Пайвандакҳои *ва* (*-у*, *-ю*), аломати вергул мавҷудияти кадом алоқаро шаҳодат медиҳанд?
3. Воситаи грамматикии алоқаи тобеъ чӣ ном доранд?

**Машқи 42.** Калима ва ибораҳои ҷумлаҳоро дар алоҳидагӣ нависед. Воситаи алоқаи грамматикиашро муайян кунед.

1. Забондонӣ шахсро бузург ва донишманду тавоно мегардонад. 2. Молу мулк ба вай мерос монд. 3. Мардуми савобҷӯву хайрхоҳ ба кӯмаки вай омаданд. 4. Машшоқону ҳофизони тарабхона бо савту сурудҳои дилнишини худ хотири моро шод, базмамонро обод менамуданд. 5. Шахси маърифатноку маданӣ бояд забондон бошад.

## Дарси 10. ХЕЛИ ҶУМЛАҲО АЗ ҶИҲАТИ ИФОДАИ МАҚСАД

Ҷумла аз ҷиҳати ифодаи мақсад *ҳикоягӣ*, *саволӣ*, *хитобӣ* ва *амрӣ* мешавад. Дар охири ин гуна ҷумлаҳо аломатҳои китобатии нуқта (.), савол (?), хитоб (!) гузошта мешавад. Мисол: 1. Падару модарамон солим будани

моро мехоҳанд. 2. Оё Шумо қоидаҳои ҳаракати роҳро вайрон кардаед? 3. Охир, ба ғайр аз ин ҳам корат аз мӯйи сар бисёр-ку! 4. Рӯи ҳавлиро рӯб.

Ҷумлаи якум ҳикоягӣ, дуюмӣ саволӣ, сеюмӣ хитобӣ, чаҳорумӣ амрӣ аст.

**Машқи 43.** Ҷумлаҳоро аз ҷиҳати ифодаи мақсад ба гурӯҳҳо ҷудо карда нависед.

1. Диққати маро таъриху фарҳанги Ӯзбекистон ҷалб менамояд. 2. Мактаби мо барин мактаб нест! 3. Мулоқот дар толор барпо гардида будааст-мӣ? 4. Адибон, олимон суханронӣ доштанд, шоирон шеърҳои нави худро қироат карданд. 5. Ҳар вақт ки хоҳед, биёед, нури дида, тоҷи сар!

**Машқи 44.** Аз рӯйи мазмуни қисми дуюми ҷадвал доир ба ҷумлаи содда маълумот диҳед.




**Машқи 45.** Доир ба ҷумлаҳои ҳикоягӣ, саволӣ, хитобӣ ва амрӣ мисолҳо нависед.

### Саволҳо барои санҷиши дониш:

1. Ҷумла аз ҷиҳати ифодаи мақсад чӣ гуна мешавад?
2. Аломатҳои китобатии нуқта, савол, хитоб дар чӣ гуна ҷумлаҳо гузошта мешавад?

**Машқи 46.** Бо интихоби ҷумлаҳои ҳикоягӣ, саволӣ, хитобӣ ва амрӣ дар мавзӯи «Ӯзбекистон — кишвари ободу зебоманзар» матн тартиб диҳед.

## Дарси 11. ҶУМЛАИ ҲИКОЯГӢ

Ҷумлае, ки дар бораи амали иҷрошуда ё ин ки иҷрошаванда хабар медиҳад, *ҷумлаи ҳикоягӣ* ном дорад.

Дар ҷумлаҳои соддаи ҳикоягӣ гӯянда дар бораи ҳодиса ва предметҳо ҳикоя мекунад: 1. Шахси касбу кораш хубро одамон эҳтиром менамоянд. 2. Сазовори ҳурмати одамон шудан бахти бузургест.

Дар охири ҷумлаи ҳикоягӣ аломати нуқта (.) гузошта мешавад.

**Машқи 47.** Бо интихоб ва корбасти ҷумлаҳои ҳикоягӣ бо назардошти расму тасвирҳо матн тартиб диҳед.





**Машқи 48.** Аз силсилаи мисолҳо ҷумлаҳои ҳикоягиро муайян карда, ба дафтар рӯбардор кунед.

1. Мулоқоти мо бо вай тӯл накашид. 2. Соҳаи картошкапарварӣ солҳои охир мелангид. 3. Одамони таъинкардаро ёфтед? 4. Ба ин сӯ нигоҳ кун! 5. Шаби торик хаёлҳои гуногун ба гирдоби хеш мекашиданд. 6. Канӣ, тарбуз гиретон! 7. Моро бо суханони пучу ваъдаҳои хомашон ба доми худ кашиданӣ мешуданд.

**Машқи 49.** Ҳудуди ҷумлаҳои ҳикоягиро муайян карда, аломати нуқтаро дар ҷойи даркорӣ гузоред.

Ман ҳамроҳи хоҳаронам ба ошпазиву дӯзандагии модарам ёрӣ мерасонам дилам мехост сари кӯҳи баланде баромада бо тамоми овоз хониш бикунам моҳро бо доман пӯшида нашудааст агар аз таҳти дил ба халқу Ватан хидмат кунед, рӯйи об мебаромадед.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Чӣ гуна ҷумлаҳоро ҷумлаи ҳикоягӣ меноманд?
2. Дар охири ҷумлаи ҳикоягӣ чӣ гуна аломати китобатӣ гузошта мешавад?

**Машқи 50.** Панҷто ҷумлаи ҳикоягӣ нависед.

*Намуна:* Дандон тамоми умр ба инсон хизмат мекунад.

## Дарси 12. ҶУМЛАИ САВОЛӢ

Ҷумлае, ки бо оҳанги пурсиш гуфта мешавад, *ҷумлаи саволӣ* ном дорад.

Дар охири ҷумлаҳои саволӣ аломати савол (?) гузошта мешавад. Хусусияти хоси ҷумлаҳои саволӣ ин аст, ки дар онҳо тааҷҷуб, ҳайрат, шубҳа ва афсӯс, дар шакли савол ифода меёбад.

**Машқи 51.** Шеърро хонед ва аз рӯйи сарлавҳаи он матни мукола-мавӣ тартиб диҳед.

### Мард кист?

Мард аст касе, ки назди ёрон
Аз гуфтани ҳақ намеҳаросад.
Оинаи бахту зиндагиро
Аз чангу ғубор тоза созад.
Номард касе, ки ӯ ба ҳар ҷо
Оҳанги ғализро навозад.

*Мирсаид Миршакар*

**Машқи 52.** Матнро хонед, мазмунашро баён кунед. Ҷумлаҳои ҳикоягиро ба ҷумлаҳои саволӣ баргардонда нависед.

### Ҳусн ҳусн нест, одоб ҳусн аст

Шаммачойи таги пиёларо ба зери миз, зери палос, кунҷаки хона рехтан аз рӯйи одоб нест. Бо дасти равғанолуд, тар, ифлос лаби пиёларо намедоранд. Дар вақти харбуза, тарбуз, тармева хӯрдан чой намедиҳанд. Дар ҳавои сард, пеш аз хоб, шиками гурусна чойро бисёр намenӯшанд. Барои хушбӯю хуштаъм шудани чой баъзан наъно, заъфарон, зира барин гиёҳҳоро илова мекунанд.

*Намуна:* Шаммачойи таги пиёларо ба зери миз кӣ партофт?

Шаммачойи таги пиёларо зери палос кӣ партофт?

Шаммачойи таги пиёларо ба кунҷаки хона кӣ рехт?

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Чӣ гуна ҷумлаҳоро ҷумлаҳои саволӣ меноманд?
2. Дар охири ҷумлаи саволӣ кадом аломат гузошта мешавад?
3. Фарқияти ҷумлаи саволӣ аз ҷумлаи ҳикоягӣ дар чист?

**Машқи 53.** Ҷумлаҳои соддае нависед, ки онҳо тааҷҷуб, ҳайрат, шубҳа ва афсӯсро ифода карда бошанд.

## Дарси 13. ҶУМЛАИ ХИТОБӢ

Ҷумлае, ки фикрро бо ҳиссиёти баланду ҳаяҷон ифода мекунад, *ҷумлаи хитобӣ* номида мешавад: 1. Ҳимояи Ватан вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд аст! 2. Ба ҷойе, ки даъват накунанд, наравед, азизон!

**Машқи 54.** Аз силсилаи мисолҳо ҷумлаҳои хитобиро муайян карда, ба дафтар рӯбардор кунед.

1. Эй Ватани азизи ман, ки модари ҳақиқии ман мебошӣ, зудтар маро ба оғӯши марҳамати худ каш! 2. Асбобҳои газию барқиро шабона хомӯш накарда хобидан хавф-

нок аст. 3. Ватан аз остона оғоз мегардад. 4. Шумо барои имтиҳон кардан тайёр-мӣ? 5. Наврӯзат муборак, диёри азиз! 6. Ту чаро ин қадар ғусса мехӯрӣ? 7. Марҳамат карда шинетон!

**Машқи 55.** Матнро хонед, ҷумлаҳои хитобӣ ва аломатҳои китобатиашро муайян кунед.

### Дӯстон оинаи якдигаранд

Инсон аз давраи кӯдакӣ сар карда, дар пайи ҷустуҷӯи дӯст мешавад. Ниҳоят, шахси ҳамунсу ҳамасрору ҳамсинну солро дӯсти худ мешуморад. Ба ӯ рози дил гуфта, аз маслиҳатҳои судманди дӯсташ хулосаҳои даркорӣ мебарорад. Бо комёбиҳои худ ва дӯсташ мефахраду меболад.

Дӯстон се тоифа мешаванд: ҷонӣ, забонӣ, нонӣ. Аз дӯсти забонӣ ва нонӣ бояд эҳтиёт бошед! Дӯсти ҷониро бо меҳр парваред! Зеро дӯсти ҷонӣ, агар лозим бошад, барои дӯст ҷонашро дареғ намедорад.

Дӯстон оинаи якдигаранд! Донишомӯзони гиромӣ, интихоби дӯсти ҷониро пеша кунед! Дар рӯзҳои душворӣ, тирабахтӣ, хурсандӣ ба ҳамдигар ёрирасон бошед! Нуқсу иллатҳои рафтору гуфтор, хӯ ва атворатонро ба ҳамдигар гуфта, баҳри ислоҳи он кӯшиш кунед! Ҳақ ба ҷониби Шайх Саъдист, ки дар ин хусус гуфтаанд:

Дило, ёрон се қисманд, ар бидонӣ,
Забонианду нонианду ҷонӣ.
Ба нонӣ нон бидеҳ, аз дар биронаш,
Навозиш кун ба ёрони забонӣ.
Валекин ёри ҷониро нигаҳ дор,
Ба ҷонаш ҷон бидеҳ, гар метавонӣ.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Чӣ гуна ҷумлаҳоро ҷумлаҳои хитобӣ меноманд?
2. Дар ҷумлаҳои хитобӣ фикр чӣ гуна ифода меёбад?

**Машқи 56.** Панҷто ҷумлаи хитобӣ нависед.

*Намуна:* Хушбахт бошед, ҳамеша ба шумо омад ёр бод!

## Дарси 14. ҶУМЛАИ АМРӢ

Ҷумлае, ки майл, хоҳиш, ният, орзу, водоркунӣ, фармон, илтимос ва монанди инҳоро ифода карда, бештар ба шунаванда — шахси дуюми танҳо ва ҷамъ нигаронида шудааст, *ҷумлаи* амрӣ номида мешавад.

Мисол: 1. Кӯшед, то ки рафторатон, гуфторатон, кирдоратон нек бошад. 2. Об хӯрӣ, ҷӯйбор тоза кун.

Хабари ҷумлаҳои амрӣ одатан ба воситаи сиғаи амрӣ ифода меёбад.

Ҷумлаҳои амрӣ ба ҷумлаҳои хитобӣ хеле наздиканд. Фарқи онҳо бештар ба мазмуну мундариҷаашон вобастагӣ дорад.

**Машқи 57.** Ҷумлаҳоро аз ҷиҳати ифодаи мақсад ба гурӯҳҳо ҷудо карда нависед.

1. Китобро ҳамчун нон ҳурмат кунед ва онро дӯст доред. 2. Дорои нуқтаи назари худ бош! 3. Агар илоҷ ёбед, ҳеҷ гоҳ танҳо хӯрок нахӯред. 4. Тозагию покизагии кас гарави саломатии ӯст. 5. Кам бихӯру ғам махӯр. 6. Кабӯтаре ба доми сайёд афтод.

**Машқи 58.** Ба ифодаи кадом маънӣ омадани ҷумлаҳои амриро муайян кунед.

1. Аз миннат тарсу аз меҳнат натарс. 2. Меҳнат куну тоҷи сари ҳама бош. 3. Вазифаҳои хонагиатро дар вақташ иҷро кун. 4. Шумо аз дигарон ақиб намонед. 5. Истед, сабр кунед! 6. Ба болои сӯхта намакоб мапош!

**Машқи 59.** Порчаи шеъриро хонед, мазмунашро маънидод кунед. Бо интихоби ҷумлаҳои амрӣ матни хурдакак тартиб диҳед.

Худ бувад илм бо амал пайваст,
Ки садо барнахезад аз як даст.

... Солҳо илми хат агар хонӣ,
Хушнависӣ ба илм натвонӣ.
Машқу таълим ҳар ду мебояд,
В-ар яке нест, хат накӯ н-ояд.

*Камолиддин Биноӣ*

**Машқи 60.** Ба ҷойи нуқта калимаҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳои амриро дар шакли пурра ба дафтар нависед.

1. Ту ин китобро ... 2. Хар пагоҳ варзиш ... 3. Агар боз савол дорӣ, ... , аз мо ҷавоб ... 4. Ба маҳфили «Забоншиносони ҷавон» иштирок ...

**Калимаҳо барои истифода:** хон!, кун, бипурс, бигир.

**Машқи 61.** Ҷумлаҳои зеринро бо оҳанги савол, хитоб, амр ва ҳикоя хонед.

1. Муаллим омад. Шеърҳоямро нишон медиҳам.
2. Барф меборад. Одами барфӣ месозем.
3. Ҷавоби чистонро ёфтам.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Чӣ гуна ҷумлаҳоро ҷумлаи амрӣ меноманд?
2. Ҷумлаҳои амрӣ ба ифодаи чӣ гуна мақсад ва матлаб меоянд?
3. Хабари ҷумлаҳои амрӣ, одатан, ба воситаи кадом сиғаи феъл ифода меёбад?

**Машқи 62.** Порчаи шеъриро хонед ва аз рӯйи мазмуни он фикратонро баён кунед. Бо интихоб ва корбасти ҷумлаҳои амрӣ дар мавзӯи *«Ростқавлу ростгӯ бош!»* матн тартиб диҳед.

Ростии хеш кас ниҳон накард,
Бо сухани рост кас зиён накард.

Агар хоҳӣ накӯ бошӣ, накӯ бош,
Ҳамеша ростқавлу ростгӯ бош.

# Дарси 15. АЪЗОҲОИ ҶУМЛА

Мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда, ҳол **аъзоҳои ҷумла** ба шумор меравplace. Аъзоҳои ҷумла ба гурӯҳи сараъзо ва аъзоҳои пайрав ҷудо мешаванд. Мубтадо ва хабар — *сараъзо*, муайянкунанда, пуркунанда, ҳол — *аъзоҳои пайрав* ба шумор меравand. Ҳар як аъзои ҷумла аломатҳои шартии худро дорад. Аломати шартии мубтадо як хати рост ( ______ ) , хабар ду хати рост ( ══════ ), муайянкунанда хати мавҷнок ( ～～～～ ), пуркунанда тире-тире ( _ _ _ _ ), ҳол тирею нуқта ( _._._._ ) мебошад. Дар вақти таҳлили наҳвӣ аз аъзоҳои ҷумла аввалин шуда хабар муайян карда мешавад. Баъд аз он мубтадо ва дигар аъзоҳои ҷумла.

**Машқи 63.** Мубтадо ва хабари ҷумлаҳоро бо аломатҳои шартӣ муайян кунед.

1. Пеши чашмамро пардаи сиёҳ фаро гирифта буд. 2. Дар хараки ҳавлии беморхона, рӯбарӯйи дарвоза менишастам. 3. Суханони он зан бароям болу пар бахшида буданд. 4. Мӯйҳояш сафед, рӯяш пурожанг шудааст.

**Машқи 64.** Аъзоҳои пайрави ҷумларо муайян кунед.

1. Ашк рухсораҳоямро мешуст. 2. Суруди миллии мамлакатамон садо дод. Аз кӯмак ба дигарон дилат болида мегашт. 3. Роҳгузарон бо рағбати тамом ба ҳаракатҳояш менигаристанд. 4. Замин дар атрофи тири худ давр мезанад.

**Машқи 65.** Сараъзоҳои ҷумларо муайян кунед.

1. Дар овони ҷавонӣ ҳар чизи нав зуд қабул карда мешавад. 2. Саҳни мактаб гулзору токзор буд. 3. Дар дили онҳо орзуҳои нав ба нав пайдо мешавад. 4. Дар ҳавои савту сурудаш пиру ҷавон дастафшону пойафшон мерақсиданд. 5. Духтурон барои ҳаёти оянdai кӯдак мубориза бурданд.

**Машқи 66.** Аз рӯйи ҷадвал доир ба аъзоҳои ҷумла маълумот диҳед.

<table>
<tr><td colspan="4">Аъзоҳои ҷумла</td></tr>
<tr><td colspan="4">Сараъзоҳои ҷумла</td></tr>
<tr><td>Мубтадо</td><td></td><td></td><td>Хабар</td></tr>
<tr><td colspan="4">Аломатҳои шартӣ</td></tr>
<tr><td>(як хати рост)</td><td></td><td></td><td>(ду хати рост)</td></tr>
<tr><td colspan="4">Саволҳо</td></tr>
<tr><td>кӣ? киҳо?<br>чӣ? чиҳо?</td><td></td><td></td><td>чӣ кор мекунад? чӣ шуд? чӣ мешавад?</td></tr>
<tr><td colspan="4">Аъзоҳои пайрави ҷумла</td></tr>
<tr><td>Муайянкунанда</td><td colspan="2">Пуркунанда</td><td>Ҳол</td></tr>
<tr><td colspan="4">Аломатҳои шартӣ</td></tr>
<tr><td>(хати мавҷнок)</td><td colspan="2">(тире-тире)</td><td>(тирею нуқта)</td></tr>
<tr><td colspan="4">Саволҳо</td></tr>
<tr><td>чӣ хел? чӣ гуна? кадом? чанд?</td><td colspan="2">чӣ? кӣ? киро? чиро? ба чӣ? аз кӣ?</td><td>чӣ тавр? кай? дар куҷо? аз куҷо? барои чӣ? то куҷо?</td></tr>
<tr><td colspan="4">Ҷойи сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумла</td></tr>
<tr><td>аввал</td><td colspan="2">мобайн</td><td>охир</td></tr>
</table>

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда, ҳол чӣ ба шумор меравaнд?
2. Сараъзоҳои ҷумла кадомҳоянд?
3. Аъзоҳои пайрави ҷумла кадомҳоянд?
4. Дар вақти таҳлили наҳвӣ аз аъзоҳои ҷумла кадоме аввалин муайян карда мешавад?

**Машқи 67.** Панҷто ҷумла нависед, сараъзо ва аъзои пайравашро муайян кунед.

## Дарси 16. МУБТАДО

**Мубтадо** сараъзои ҷумлаест, ки амал, ҳолат ва ё аломати дар ҷумла ифодаёфта ба он тааллуқ дорад.

Мубтадо ба саволҳои *кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо?* ҷавоб мешавад. Он бештар бо исму ҷонишин ифода меёбад.

**Машқи 68.** Бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода ёфтани мубтадоро муайян кунед ва ба зераш хат кашед.

1. Савсан худро танҳо ҳис мекард. 2. Онҳо дар назди дастархон нишастанд. 3. Бист ба чор бебақия мерасад. 4. Шунидан кай бувад монанди дидан? 5. Бинанда онро як чӯби оддӣ гумон мекард.

**Машқи 69.** Ҷумлаҳое нависед, ки мубтадояш ба саволҳои *кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо?* ҷавоб шуда бошад.

**Машқи 70.** Мубтадоҳоро бо назардошти намуна таҳлил кунед.

1. Ӯзбекистон кишвари дорои таърихи ғанӣ ва мероси бузурги фарҳангӣ мебошад. 2. Ӯ аз хурдсолӣ ба фанни математика шавқу ҳавас ва рағбати беандоза дошт. 3. Духтарони дидадоро аз таҷрибаи дигарон баҳравар мегардиданд. 4. Падари нонпазаш ҳар рӯз бо худ бозича ё шириние меовард. 5. Онҳо бо косибӣ, ҳунармандӣ ва тиҷорат машғул буданд.

### Тартиби таҳлили наҳвии мубтадо

1. Муайян кардани мубтадо.

2. Номбар кардани ба кадом савол ҷавоб шудани мубтадо.

3. Аниқ кардани бо кадом ҳиссаи нутқ ифодаёбии мубтадо.

*Мисол:* Онҳо сояи якдигарро аз девор метарошиданд.

*Намунаи таҳлили даҳонӣ:*

*«Онҳо»* мубтадо аст. Ба саволи киҳо? ҷавоб мешавад. Мубтадо бо ҷонишин ифода ёфтааст.

*Намунаи таҳлили хаттӣ:*

| киҳо? | чиро? | | аз чӣ? | чӣ кор мекарданд? |
|---|---|---|---|---|
| Онҳо | сояи | якдигарро | аз девор | метарошиданд. |

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Мубтадо чист?
2. Мубтадо ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
3. Мубтадо бештар бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода меёбад?

**Машқи 71.** Дар мавзӯи *«Орзуи ман»* матн тартиб диҳед. Сето ҷумлаи дилхоҳро интихоб карда, бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтани мубтадоро муайян кунед.

## Дарси 17. ХАБАР

**Хабар** сараъзои ҷумла буда, амал, ҳолат ва ё аломати мубтадоро мефаҳмонад: Дар чаҳор сӯйи боғ савту садои рангоранг ба фалак печид.

Хабар ба саволҳои *чӣ кор мекунад? чӣ шуд? чӣ хел аст? кист? чист?* ва ғайра ҷавоб мешавад.

Хабар бо феъл ва дигар ҳиссаҳои нутқ ифода меёбад. Агар хабар бо феъл ифода гардида бошад, онро *хабари феълӣ* меноманд: Манзараҳои дилангези Ӯзбекистон ҳамаи сайёҳон ва меҳмононро ба ҳайрат мегузорад.

Агар хабар бо дигар ҳиссаҳои нутқ ифода ёфта бошад, *хабари номӣ* меноманд: Ҳусни маъниро бо ҳусни баён зоҳир намудан маданияти сухан аст.

**Машқи 72.** Хабари ҷумлаҳоро муайян кунед.

1. Ман духтари озоди сарзамини озодам. 2. Бӯйи муаттари гулу буттаҳои шабнамзада ба димоғ зад. 3. Барфи хушк зери пойи онҳо ғарч-ғарч садо медод.

**Машқи 73.** Ҷумлаҳое нависед, ки хабараш ба саволҳои *чӣ кор мекунад? чӣ шуд? чӣ хел аст? кист? чист?* ҷавоб шавад.

**Машқи 74.** Матнро хонед, фикратонро аз рӯйи мазмуни он баён кунед. Сето ҷумлаи дилхоҳро интихоб карда, хабарашро номбар кунед.

## Некӣ мегардад

— Аз дастат ояд, ба ҳама некӣ кун, писарам, — насиҳат кард кампир ба писараш, ки динаякак аз Руссия омада буд. Ман як ҳафта пеш дар беморхонаи шаҳр будаму ба сайри кӯчаҳо баромадам. Дар роҳ нафаскашиам мушкил шуда, ба курсии сари роҳ нишастам, ки камтар қоматамро рост кунам. Ҳамин дам як бача омада, маро аз дастам дошта, ба ошхона бурд. Чою таом гирифт. Ҳар ду тановул кардем. Бечора модараш мурда будааст, маро дида...

Аз ин нағзии вай, аз муомилаи хубу меҳрубониаш хеле ба худ омадам. Нағзӣ нағз-дия...

Писарак гапҳои модарашро шунида, ёдаш омад, ки як ҳафта пеш вай ҳам дар Руссия ба кампираке дилсӯзиву меҳрубонӣ карда буд. Вай дар бозор бо чашмони маҳзуну умедвор гаштани пиразанеро дида, чашмаи раҳмаш ба ҷӯш омад, шояд пул надошта бошад, бечора...

Ва аз зардолуву мавизу чормағзҳои фурӯхтаистодааш кам-кам ба коғазҳои печонида ба кампир дод, ба неберaҳо тӯҳфа. Ва ҳоло ҳозир аз дилаш гузашт: некӣ дар ҳақиқат, як рӯз не, як рӯз мегаштааст *(Аз рӯзномаи «Овози тоҷик», эҷоди А. Маҳмуд.)*

**Машқи 75.** Хабари ҷумлаҳоро мисли намуна таҳлил кунед.

1. Шаби ситоратоб даромад. 2. Мамлакати мо хеле бузург аст. 3. Боди сарду сахт мевазид. 4. Овозаи шоирӣ ва мутрибиаш ба атрофи олам паҳн гашт.

### Тартиби таҳлили наҳвии хабар

1. Муайян кардани хабари ҷумла.
2. Номбар кардани ба кадом савол ҷавоб шудани хабар.

3. Аниқ кардани бо кадом ҳиссаи нутқ ифодаёбии хабар.

*Мисол:* Дар чойҷӯш об мечӯшид.

*Намунаи таҳлили даҳонӣ:*

*«Мечӯшид»* хабари ҷумла аст. Ба саволи чӣ кор мекард? ҷавоб мешавад. Хабар бо феъл ифода ёфтааст.

*Намунаи таҳлили хаттӣ:*

дар чӣ? чӣ? чӣ кор мекард?

Дар чойҷӯш об мучӯшид.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Хабар чист?
2. Хабар ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
3. Чӣ гуна хабарҳоро хабари феълӣ меноманд?
4. Хабари номӣ бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода меёбад?

**Машқи 76.** Ҷумлаҳое нависед, ки хабари он бо феъл ва дигар ҳиссаҳои нутқ ифода ёфта бошад.

## Дарси 18. МУАЙЯНКУНАНДА

*Муайянкунанда* аъзои пайрави ҷумла буда, предметро аз ягон ҷиҳат муайян мекунад ва ба саволҳои *чӣ гуна? чӣ хел? кадом? аз он кӣ? чанд? чандум?* ҷавоб мешавад.

Муайянкунанда бо муайяншаванда аксар бо бандаки изофӣ ва бе бандаки изофӣ ҳам алоқаманд мешавад. **Мисол:** 1. Ҳавои гарми осмони абрнок дар дил заъф падид меоварад. 2. Нағзтарин одамҳо ҳам баъзе хислатҳои аҷиб ва номафҳум доранд.

Муайянкунанда дар таркиби сараъзо ва аъзои пайрави ҷумла меояд.

**Машқи 77.** Ба зери муайянкунанда хат кашед ва ба кадом саволҳо ҷавоб шуданашро гӯед.

1. Бечора модари фирефташуда зориву тавалло карда оби дидагонашро резонд. 2. Ҳамаи инҳо одамони меҳнатдӯст, хоксор ва соҳиби фазлу камол буданд.

**Машқи 78.** Ҷумлаҳое нависед, ки муайянкунандаи он ба саволҳои **чӣ гуна? чӣ хел? кадом? аз он кӣ? чанд? чандум?** ҷавоб шавад.

**Машқи 79.** Аз рӯйи нақша ҷумлаҳо тартиб диҳед.

1. ________ ~~~~~~~~ ========.
2. ________ – – – – – – – ~~~~~~~~ ========.
3. ________ –·–·–·–·– ========.
4. –·–·–·–·– ~~~~~~~~ – – – – – – – ========.

**Машқи 80.** Муайякунандаҳоро мисли намуна таҳлил кунед.

1. Шамоли форам мевазид. 2. Дар кӯҳсор борони сел борид. 3. Аз чашмони батамкину зирак, аз ҷабини васеъ ва чеҳраи нарму назаррабои ӯ меҳру шафқат бармеомад.

**Тартиби таҳлили наҳвии муайянкунанда**

1. Дарёфт намудани муайянкунанда.
2. Ба кадом савол ҷавоб шудани муайянкунандаро номбар кардан.
3. Бо кадом ҳиссаи нутқ ифодаёбии муайянкунандаро аниқ кардан.

*Мисол:* Шахси баодоб ҳама ҷо бологузар аст.

*Намунаи таҳлили даҳонӣ:*

«Баодоб» муайянкунанда аст. Он ба саволи кадом? ҷавоб мешавад. Бо сифат ифода ёфтааст.

Намунаи таҳлили хаттӣ:

| кӣ? | кадом? | дар куҷо? | чӣ хел аст? |
|---|---|---|---|
| Шахси | баодоб | ҳама ҷо | бологузар аст. |

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Муайянкунанда чист?
2. Муайянкунанда ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
3. Воҳиди забоние, ки муайянкунандаву муайяншавандаро бо ҳам васл мекунад, чӣ ном дорад?

**Машқи 81.** Ҷумлаҳое нависед, ки муайянкунанда ва муайяншавандаҳои он бо бандаки изофӣ (и) ва бе он таркиб ёфта бошад.

## Дарси 19. ПУРКУНАНДА

Предмете, ки таъсиру ҳаракати амал ба он гузаштааст, *пуркунанда* номида мешавад.

Пуркунанда ба саволҳои *кӣ? чӣ? киро? чиро? ба кӣ? ба чӣ? аз кӣ? аз чӣ? дар кӣ? дар чӣ? дар бораи чӣ?* ва ғайра ҷавоб мешавад.

Пуркунанда ба хабар тобеъ аст ва амали хабар ба пуркунанда мегузарад. *Мисол:* Хонаи мардумро *(киро?)* чароғ равшан мекунад. Ӯ дар дил *(дар чӣ?)* орзу *(чӣ?)* мепарварид.

**Машқи 82.** Пуркунандаи ҷумлаҳоро муайян кунед ва ба зераш хат кашед.

1. Рӯмолча гирифта, оби чашмашро пок кард. 2. Ревоҷу пиёзи анзур, бодому писта, дӯлонаю чормағз ва гӯштҳои паррандаю чаррандаҳоро мекашонд. 3. Ошпазҳои соҳибтаҷриба суманак, ҳалиса, самбӯсаҳои алафин тайёр мекунанд. Модар писарро аз раъйаш нагардонд. (*З. Ҳасанзода)*

**Машқи 83.** Ба кадом савол ҷавоб шудани пуркунандаҳоро номбар кунед.

1. Фатҳи коинот чашмаи илҳоми ӯро борҳо ба ҷӯш оварда буд. 2. Баъд аз изҳори орзу ҳар ду оҳи пурдарде баровარданд.

**Машқи 84.** Пандҳоро хонед ва бо корбасти пуркунанда дар мавзӯи *«Пурхӯрӣ — зиёни тандурустӣ»* фикратонро баён кунед.

Тандурустӣ агар ҳавас бошад,
Андаке аз таом бас бошад.

Кам хӯрдӣ, бурдӣ,
Пур хӯрдӣ, мурдӣ.

Пур хӯрдию дам кардӣ,
Умри худро кам кардӣ.

**Машқи 85.** Пуркунандаи ҷумлаҳоро мисли мисоли намуна таҳлил кунед.

1. Кайфияташ вайрон шуда дар чашмонаш ашк халқа зад. 2. Ӯ ҳар калимаро дар тарозуи ақл бармекашад. 3. Рӯзе аз рӯзҳо бо он дӯстам дар лаби ҳавз саёҳат карда мегаштем.

## Тартиби таҳлили наҳвии пуркунанда

1. Муайян кардани пуркунанда.
2. Номбар кардани ба кадом савол ҷавоб шудани пуркунанда.
3. Аниқ кардани ҷойи пуркунанда дар ҷумла.

*Мисол:* Вай аз бахти худ шод аст.

*Намунаи таҳлили даҳонӣ:*

*«Аз бахти худ»* пуркунандаи ҷумла мебошад. Ба саволи аз чӣ? ҷавоб мешавад. Пуркунанда пеш аз хабари ҷумла омадааст.

*Намунаи таҳлили хаттӣ:*

| *кӣ?* | *аз чӣ?* | *чӣ гуна аст?* |
|---|---|---|
| Вай | аз бахти худ | шод аст |

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Пуркунанда чист?
2. Пуркунанда ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
3. Пуркунанда ба кадом аъзои ҷумла тобеъ мешавад?

**Машқи 86.** Ҷумлаҳое нависед, ки пуркунандаҳояш ба саволҳои киро? чиро? ба кӣ? ба чӣ? ҷавоб шавад.

## Дарси 20. ҲОЛ

Аъзои пайрави ҷумла, ки тарз, замон, макон, сабаб, мақсад ва ҳолатҳои дигари воқеъ шудани амалро мефаҳмонад, ***ҳол*** номида мешавад.

Ҳол ба саволҳои *чӣ тавр? кай? дар куҷо? аз куҷо? то куҷо? чаро? аз чӣ сабаб? бо чӣ мақсад? барои чӣ? чӣ қадар?* ва ғайра ҷавоб мешавад.

Ҳол ба хабар тобеъ буда, он ба воситаи пешояндҳои *аз, ба, бе, дар, то* алоқаманд мегардад. Мисол: 1. Дар кишвари мо навъҳои нарм ва сахти гандум кишт мешаванд. 2. Ҳар рӯзу ҳар соат достонҳои тозабатозаи қаҳрамонӣ ва паҳлавонӣ ба вуҷуд меоянд.

**Машқи 87.** Ҷумлаҳоро хонед ва ба зери ҳол хат кашед.

1. Усторо барои таъмири хона даъват намуданд. 2. Мӯйи ӯ мисли пахта сап-сафед шуд. 3. Заминро баробари қади худаш кофт. 4. Дар мамлакати мо шабу рӯз кор меҷӯшад. 5. Дар боғи мактаб гулҳои рангоранг сабзидааст. 6. Ба сабаби камтаҷрибагиаш масъаларо ҳал карда натавонист. 7. Табиат сарзамини моро гӯё чун намоишгоҳи азими ҳамаи намуди кӯҳҳо офаридааст.

**Машқи 88.** Ҳол ва хелҳои онро ба дафтар рӯбардор кунед.



**Машқи 89.** Ба кадом савол ҷавоб шудани ҳоли ҷумлаҳоро гӯед.

1. Дар остона пой кӯфта ё нидое бароварда ӯро аз омадани худ огоҳ мекарданд. 2. Дар чойхона ва дӯконхонаҳо шамъҳои калон месӯхт. 3. Аз камоли маъюсӣ ва ноумедӣ дар дарёи андӯҳ ва андеша фурӯ рафта, чун ғарқшудагон дар об аз худ бехабар роҳ мерафт. 4. Ӯ қасдан ё ин ки саҳван он корро вайрон карда мефиристонад. 5. Охир, китобхонӣ ё тамошои кино рӯздармиён ҳар чӣ ҳам бошад, касеро мисли хурсандию ҳаловат ё ташвишу тараддуди хонаву ҷойи худ банд карда наметавонад.

**Машқи 90.** Ҳоли ҷумлаҳоро мисли мисоли намуна таҳлил кунед.

1. Ҳозирон дигар худро дошта натавониста хандиданд. 2. Духтурон барои ҳаёти ояндаи кӯдак мубориза бурданд. 3. Байни мо аз замин то осмон фарқ ҳаст. 4. Торикӣ ба атроф мӯҳри сиёҳи худро пахш мекард.

### Тартиби таҳлили наҳвии ҳол

1. Муайян кардани ҳол.
2. Номбар кардани ба кадом савол ҷавоб шудани ҳол.

*Мисол:* Ӯ тез-тез қадам монда, ба хона даромад.

### Намунаи таҳлили даҳонӣ:

*«Тез-тез қадам монда»* ҳоли ҷумла мебошад. Ба саволи чӣ тарз? ҷавоб мешавад.

*Намунаи таҳлили хаттӣ:*

| кӣ? | чӣ тарз? | ба куҷо? | чӣ кор кард? |
|---|---|---|---|
| Ӯ | тез-тез кадам монда | ба хона | даромад |

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Ҳол чист?
2. Ҳол ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?

3. Кадом хели ҳолро медонед?
4. Ҳол бештар ба кадом аъзои ҷумла тобеъ мешавад?

**Машқи 91.** Ҷумлаҳое нависед, ки ҳол ба саволҳои *чӣ тавр? кай? дар куҷо? аз куҷо?* ҷавоб шавад.

*Намуна:* Дар майдон (дар куҷо?) навои дилкаш садо медиҳад.

## Дарси 21. ҶУМЛАҲОИ ХУЛЛАС ВА ТАФСИЛӢ

Ҷумлаи соддае, ки танҳо аз мубтадою хабар таркиб ёфтаст, *ҷумлаи хуллас* ном дорад: Гул сабзидааст. Нон пухт. Дарс сар шуд.

Ҷумлае, ки ба ғайр аз сараъзоҳо аъзоҳои пайрав дорад, *ҷумлаи тафсилӣ* ном дорад: Гули коштаамон сабзидааст. Гули дар майдони ҳавлӣ коштаамон сабзидааст. Нонро модарам пухт. Дарси ҷуғрофия сар шуд.

**Машқи 92.** Ҷумлаҳои соддаи хуллас ва тафсилиро дар алоҳидагӣ нависед.

Борон борид. Борон бошиддат борид. Борони найсон бошиддат борид. Мо дӯст медорем. Мо Ватанро дӯст медорем. Мо Ватани азизамонро дӯст медорем. Ман хондам. Ман китобро хондам. Ман китоби шавқовар хондам.

**Машқи 93.** Ҷумлаҳоро хонед ва ба воситаи кадом аъзои ҷумла тафсил ёфтани онҳоро номбар кунед.

*I. Офтоб мепошад.*

1. Офтоб нур мепошад.
2. Офтоби баҳор нур мепошад.
3. Офтоби баҳор ба гирду атроф нур мепошад.

*II. Оҳиста-оҳиста меравем.*

Оҳиста-оҳиста роҳ меравем.
Оҳиста-оҳиста сӯйи роҳ меравем.
Оҳиста-оҳиста сӯйи роҳи калон меравем.

Ман оҳиста-оҳиста сӯйи роҳи калон меравам.

Ман оҳиста-оҳиста сӯйи роҳи калони деҳа меравам.

Ман оҳиста-оҳиста сӯйи роҳи калони деҳа бо дӯстам меравам.

**Машқи 94.** Ҷумлаҳои соддаи хулласро ба ҷумлаҳои соддаи тафсилӣ табдил дода нависед.

1. Ман меравам. 2. Барги дарахтон рехтааст.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Чӣ гуна ҷумлаҳоро ҷумлаи хуллас меноманд?
2. Ҷумлаҳои соддаи аз сараъзо ва аъзои пайрав таркибёфта чӣ ном дорад?
3. Фарқият ва умумияти ҷумлаҳои соддаи хуллас ва тафсилӣ дар чист?

**Машқи 95.** Сетоӣ ҷумлаи соддаи хуллас ва тафсилӣ нависед.

*Намуна:* Шамол мевазид.

Шамоли форам мевазид.
Шамоли форами баҳор мевазид.
Шамоли форами баҳор дар нисфирӯзӣ мевазид.

## Дарси 22. ҶУМЛАҲОИ СОДДАИ ЯКТАРКИБА

Ҷумлаи соддае, ки танҳо аз як сараъзо (мубтадо ё хабар) таркиб ёфтааст, *ҷумлаи соддаи яктаркиба* номида мешавад. Мисол: 1. Маро дида ба поён фуромад. 2. Бо роҳи каҷу килеб сӯйи манзиле равон мешавем.

**Машқи 96.** Сараъзои ҷумлаҳои соддаи яктаркибаро муайян кунед.

1. Ҳамроҳи устод дар сояи зардолуи бузург қарор гирифтем. 2. Гӯшҳоро ба ихтиёри одами донишманд додем. 3. Дар мактаби деҳаҳои Сариканда, Ровон, Қалъаи Боло аз сидқи дил кор кард. 4. Дар лаби ҷӯйчаи обаш шаффоф нишастем.

**Машқи 97.** Шахсу шумораи ҷумлаҳои соддаи яктаркибаро номбар кунед.

1. Хомӯширо афзал донистам. 2. Гузаштаамро ба хотир овардӣ. 3. Дигар тоқати ҳасрати туро шунидан надорам. 4. Одамонро аз чанголи марг наҷот медиҳӣ.

**Машқи 98.** Ҷумлаҳои соддаи яктаркибаро ба ҷумлаҳои соддаи дутаркиба баргардонда нависед.

Шабона бемору бемадор шудам. Аз овони хурдсолӣ дар дил ба овозхонӣ майлу рағбате доштам. Сурудҳои классикиамонро мижа ба ҳам назада гӯш мекунанд. Каму беш аз хӯрок истеъмол кардем. Фикри ӯро тасдиқ кардам.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Чӣ гуна ҷумлаҳоро ҷумлаҳои соддаи яктаркиба меноманд?
2. Фарқи ҷумлаҳои соддаи яктаркиба аз дутаркиба дар чист?
3. Аз рӯйи бандакҳои феълӣ ва хабарии ҷумлаҳои соддаи яктаркиба кадом аъзои ҷумла муайян карда мешавад?

**Машқи 99.** Панҷто ҷумлаи соддаи яктаркиба нависед. Ба зери хабар хат кашед ва саволҳояшро муайян кунед.

чӣ кор мекард?
*Намуна:* Барои мардуми деҳа дару тиреза месохт.

## Дарси 23. ҶУМЛАҲОИ ЧИДААЪЗО

Аъзоҳои ҷумла — мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда, ҳол дар як ҷумла думо ё зиёдтар бошанд, аъзои чидаро ташкил медиҳанд.

Аъзоҳои чида пайдарпай воқеъ гашта, ба саволи ягона ҷавоб мешаванд: Вай ба гирду атроф, ба замину осмон (ба куҷо?) нигоҳ кард.

**Машқи 100.** Ҷумлаҳои чидааъзоро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

1. Ситорагон бо дурахшандагии худ ба ҷаҳон равшанӣ медоданд. 2. Аз хӯрданиҳо нон ва мавиз, қандалот ва печак, писта ва бодом, ғӯлинг ва санҷид, шӯрбо, палав, харбуза ва ангур ба навбат дастархонро зинат медоданд.

**Машқи 101.** Аъзоҳои чидаи ҷумлаҳои зерро муайян кунед.

1. Дар миёнаи майдонҳои гандумкорӣ, ҷавкорӣ, зағир ва кунҷидкорӣ пайколҳои пахта ва ғӯза зинати нав ва зебои тоза медод. 2. Аз байни деҳаи мо роҳи васеъ ва рост мегузарад. 3. Даштҳо, дараҳо, роҳҳо, кӯчаҳо, бомҳо, теппаҳо, ҳама ҷо пур аз барф бошад ҳам, ҳавлии васеи Полвон-Арабро рӯфта тоза карда буданд.

**Машқи 102.** Савол ва воситаи алоқаи мубтадою хабари чидаро муайян кунед.

1. Дар атрофи гулхан Рӯзӣ, Сафарғулом, Қулмурод, Комил, Юсуф дастҳои худро гарм карда менишастанд. 2. Гӯсфандон, бузон, баррагон ва бузғолагон ба хобгоҳи худ даромада осуда хобида буданд. 3. Мо мешунавем, мехонем ва менависем. 4. Кӯчаю бозор, одаму олам ҳам ба назарам нағзу дилрабо менамуданд.

**Машқи 103.** Аъзоҳои пайрави чидаро муайян кунед.

1. Хома ва гиёҳҳои регии саланг, шӯра, шутурхор, кавар, кавора, явшон манзараҳои табиии он биёбонанд. 2. Ҳар кадом як порча заминро бо каланд гардонда гандум, ҷав, арзан, мош, ё ин ки харбуза ва тарбуз мекориданд. 3. Гӯсфандони дар қӯра буда бедор шуда аз ҷояшон хеста маъос зада ҳаракат мекарданд. 4. Дар ин бозӣ ӯ ё мебурд ё бой медод.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Чӣ гуна ҷумлаҳоро ҷумлаҳои чидааъзо меноманд?
2. Фарқи ҷумлаҳои чидааъзо аз ҷумлаҳои ғайричидааъзо дар чист?
3. Аъзоҳои чида ба чӣ гуна саволҳо ҷавоб мешаванд?

**Машқи 104.** Бо интихоб ва корбасти аъзоҳои ҷумла ҷумлаҳои чидааъзо тартиб диҳед.

*Намуна:* Дар майдони олузор, дар зери дарахтони олу, ба рӯйи сабза ва себаргаҳо занон ва духтарон ба шакли нимдоира якзону қатор шуда нишастанд.

## Дарси 24. ҶУМЛАҲОИ ЧИДААЪЗОИ ПАЙВАНДАКДОР

Пайвандакҳои *ва (-у,-ю, -ву)* воситаи алоқаи аъзоҳои чида ба шумор мераванд.

Агар дар байни аъзоҳои чидаи ҷумла пайвандакҳои *ва (-у, -ю, -ву)* оянд, вергул гузошта намешавад.

**Машқи 105.** Воситаҳои алоқаи аъзоҳои чидаи машқи зеринро муайян кунед.

1. Саҳро бесадо ва сокит, дунё ором ва хомӯш буд. 2. Дар рӯйи дастархон нон ва лаълии чоршарбат гузошта шуд. 3. Анор ва анҷир аз навда афзоиш меёбанд. 4. Гӯсфандҳо дар марғзору чарогоҳҳои кӯҳу дашт дар рамаҳо парвариш карда мешаванд. 5. Ба падару модарат салом гӯй.

**Машқи 106.** Аъзоҳои чида ва воситаи алоқаи онҳоро номбар кунед.

1. Дар канори кӯча ва хиёбонҳо дарахтҳои аз қабили чинор, бед, тӯс, булут, заранг, сафедор месабзанд. 2. Тухми тарбуз, харбуза ва ҳандалак моҳи март кошта мешавад. 3. Дар вилоятҳои Фарғона, Намангон ва Бухоро заводҳои азнавкоркарди нефт ҳастанд. 4. Шулха ва кунҷора барои ҳайвоноти хонагӣ ғизои серӣ ба ҳисоб мераванд. 5. Падару писар дар як ҷо кор мекунанд.

**Машқи 107.** Бо пайвандакҳои пайвасти пайиҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ мисли ҷумлаҳои дар ҷадвал навишташуда ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## Воситаҳои алоқаи грамматикии ҷумлаҳои чидаазо

| Пайвандакҳо | | Интонатсия |
|---|---|---|
| | Навъи пайвандакҳо | |
| Пайвандакҳои пайиҳам | Пайвандакҳои хилофӣ | Пайвандакҳои ҷудоӣ |
| ва, -у (-ю, -ву) | аммо, вале, лекин, балки | ё, ё ки, ё ...ё |
| | Мисол | |
| Дар рӯймол себ, ангур, мавиз, чормағз, гӯшти пухта ва нони фатир буд.<br>Рубобу доираву думбак бо ҳам ҷӯр шуданд | Вай донишманд, аммо сергап буд.<br>Ин сухани ӯ ба назари кас на шӯхӣ, балки ҷиддӣ барин менамуд. | Латофат ё аз шарм, ё ниҳояти хурсандӣ чизе нагуфту фақат табассуми мамнунона карду рафт.<br>Кор фармуданро хуб медонед, ё ба зорӣ, ё ба зӯрӣ, ё ба зар гуфтаанд. |

**Машқи 108.** Аъзоҳои чида ва воситаҳои алоқаашонро муайян кунед.

1. Ману Шоҳин дар як парта менишинем. 2. Чароғи электр, газ, яхдон, чангтозакунак ва як қатор асбобҳои рӯзгор кори соҳибхоназанро хеле сабук карданд.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Кадом пайвандакҳо воситаи алоқаи аъзоҳои чида ба шумор меравaнд?
2. Пайвандакҳои *ва (-у,-ю, -ву)* дар бунёди аъзоҳои чида чӣ гуна вазифаро иҷро мекунанд?

**Машқи 109.** Ба зери аъзоҳои чида хат кашед. Воситаҳои алоқа ва саволҳояшро муайян кунед. Сето ҷумлаи чидаазо нависед.

1. Пӯст танаи моро аз шикастёбӣ, об, чанг ва микробҳо ҳимоя мекунад. 2. Лолаву лолаарӯсак, бунафша, савсан, қоқу, садбарг барин гулҳои рангоранг диққати касро ба худ ҷалб мекунанд.

# Дарси 25. ҶУМЛАҲОИ ЧИДААЪЗОИ БЕПАЙВАНДАК

Аломати вергул (,) мисли пайвандакҳои *ва (-у,-ю, -ву)* воситаи алоқаи ҷумлаҳои чидааъзо ба шумор меравад. Онҳо дар байни аъзоҳои чида гузошта мешаванд. *Мисол:* 1. Дарахтони бед, ғуҷум ва тут ҳам шукуфта шукуфазореро ба назаратон ҷилва мекунонанд. 2. Навдаҳои дарахтони себу шафтолу, ноку зардолу алвонҷ хӯрда, хишир-хишир садои дилнавоз мебароварданд.

**Машқи 110.** Воситаи алоқаҳои аъзоҳои чидаро муайян кунед.

1. Ман, Маъруф ва Моҳина баъд аз дарс ба хонаи Маҳмуд рафтем. 2. Хуршеда, Умеда ва Зебӣ ба ниҳолҳо об медиҳанд. 3. Кӯдакон шеър хонданд, суруданд, афсона гуфтанд, рақсиданд. 4. Вай қадбаланд, қоматаш рост, ришаш сип-сиёҳ, пӯсти рӯяш сиёҳтоб, нигоҳи чашмонаш тези андак қаҳролуд буд.

**Машқи 111.** Ҷумлаҳои аъзоҳои пайрави чида доштаро муайян кунед ва ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред.

1. Зоғони алою шӯрнӯлҳо ҳар ҷо — ҳар ҷойи заминҳои шудгор тӯда-тӯда нишаста ризқу рӯзӣ меҷустанд. 2. Шӯълаи офтоби бегоҳӣ аз рӯйи гулҳои қадпаст оҳиста-оҳиста бардошта шуд. 3. Аз таркишу роғҳои дару тиреза ғуввасзанон шамол медаромад. 4. Борон аз пагоҳӣ боз бо ғулғула ва селвор мерехт.



**Машқи 112.** Бо интихоб ва корбасти аъзоҳои пайрави чида шашто ҷумла нависед. Савол ва воситаи алоқаҳояшонро муайян кунед.

*Намуна:* 1. Чизи хубу зебо дар ҳама ҳолат дилрабо аст. чӣ хел? — хубу зебо (муайянкунанда). Воситаи алоқааш пайвандаки *у* мебошад.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Кадом аломати китобӣ ҳамчун воситаи алоқаи аъзоҳои чида хизмат мекунад?
2. Дар байни аъзоҳои чида кадом аломат гузошта мешавад?
3. Чаро аъзоҳои чидаи ҷумла бо вергул ҷудо карда мешаванд?

**Машқи 113.** Матнро хонед ва ба зери аъзоҳои чида хат кашед. Савол ва воситаҳои алоқаашро муайян кунед.

Даруни боғро токҳои ангури гуногун, ноку ношпотӣ, шафтолуву олуи ҳиротӣ ва дигар дарахтони мевадор раста-раста, қатор-қатор фаро гирифта буданд. Ғайр аз инҳо, полизҳои харбуза, палакҳои каду, палакҳои тарбуз низ ин боғро ҳам пурзинат, ҳам пурнеъмат карда буданд.

## Дарси 26. МУХОТАБ

Калима ва ибораҳое, ки предмети муроҷиатшударо ифода мекунанд, *мухотаб* ном доранд.

Мухотаб бо аъзоҳои ҷумла алоқаи грамматикӣ надорад ва худ аъзои ҷумла шуда наметавонад. Он дар аввал, мобайн ва охири ҷумла меояд. Агар мухотаб дар аввал омада бошад, пас аз он, агар дар мобайн омада бошад, аз ҳар ду тараф аломати вергул гузошта мешавад. Агар дар охир омада бошад, баъд аз он аломати хитоб гузошта мешавад.

**Машқи 114.** Ҷумлаҳоро хонед ва ҷойи мухотабро муайян кунед.

1. Саросема нашав, ҷони падар! 2. Ту, эй гул, баъд аз ин дигар маранҷон булбули худро. 3. Ин қадар дер кардӣ, Аҳмадҷон, корат баромад?

**Машқи 115.** Порчаҳои шеъриро хонед, мухотаб ва аломатҳои китобатиро муайян кунед.

Эй бародар, дӯстро бинӣ, варо оғӯш кун,
Сӯхтореро бубинӣ ҳар куҷо, хомӯш кун.

Эй Ватан, ҳар зарраи хокат зар аст,
Эй Ватан, ҳар қуллаат тоҷи сар аст.

Дунё, ту пурасрору аҷаб зебоӣ,
Дунё, ту пур аз пайраҳаву саҳроӣ.

*Содиқи Кашрӯдӣ*

**Савол ва супоришҳо:**

1. Мухотаб чист?
2. Ҷойи мухотаб дар ҷумла чӣ гуна аст?
3. Дар кадом вақт пеш ва пас аз мухотаб аломати вергул гузошта мешавад?
4. Агар мухотаб дар охир омада бошад, баъд аз он чӣ гуна аломат гузошта мешавад?

**Машқи 116.** Мухотабҳоро дар аввал, мобайн, охир кор фармуда ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## Дарси 27. ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБ

Ду ва зиёда ҷумлаҳои соддаи аз ҷиҳати сохт, мазмун ва оҳанг фикри яклухтро ифодакунанда, **ҷумлаи мураккаб** ном доранд: 1. Офтоби истиқлол аз қаъри зулмат баромаду ба сари Сӯхи азизу муқаддас нурҳои зарҳалинашро пош дод. 2. Агар одамизод ҳаракат накунад, аз камолёбӣ бозмемонад.

**Машқи 117.** Ҷумлаҳои содда ва мураккабро муайян кунед.

1. Ӯ асабонӣ шуд ва бори аввал ҳар се писарро аз хона берун андохт. 2. Беандоза шод будам, саманди дил гӯё дар роҳи сина пой мекӯфт, охир, мурғи бахт ба китфам нишаста буд. 3. Аз бим мисли барги бед меларзид. Шабҳо дида ба осмони ситорабор медӯхт. 4. Бо ғазалу рубоӣ дилҳоро тасхир месохт. 5. Фахр мекунам, ки дар Ӯзбекистони ҷаннатмакон таваллуд ёфта, дар ин ҷо кору зиндагонӣ мекунам.

**Машқи 118.** Бо интихоб ва корбасти пайвандакҳо ҷумлаҳои соддаро ба ҷумлаҳои мураккаб табдил диҳед.

1. Шабҳо ҳаво соф буд. Ситораҳо милт-милт медурахшиданд.

2. Духтарон ба лолачинӣ рафтанд. Дар талу теппаҳо лола бисёр набуд.

3. Дар боғи ҳайвонот ҳамаи ҳайвонҳо мавҷуд буданд. Фил набуд.

**Машқи 119.** Дар мавзӯи «Метрои Тошканд» матн тартиб диҳед. Ҳудуди ҷумлаҳои соддаи ҷумлаҳои мураккабро бо гузоштани аломати // муайян кунед.



**Машқи 120.** Бо гузоштани аломати // ҳудуд ва воситаҳои грамматикии ҷумлаҳои соддаи мураккабро муайян кунед.

1. Нодон айб мекунад, доно худаш мефаҳмад. 2. Онҳо рафтанду дар дилу дидаи дӯстон ҷойи худро гузоштанд. 3. Агар он китоб мебуд, ман суратҳояшро ба рафиқам нишон медодам.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Чӣ гуна ҷумлаҳоро ҷумлаҳои мураккаб меноманд?
2. Фарқи ҷумлаи содда аз мураккаб дар чист?

**Машқи 121.** Панҷто ҷумлаи мураккаб нависед ва ба зери воситаҳои грамматикии ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаи мураккаб хат кашед.

## Дарси 28. НУТҚИ АЙНАН НАҚЛШУДА

Нутқи ба каси дигар тааллуқ доштае, ки онро гӯянда ё нависанда бо тамоми хусусиятҳои лексикӣ, грамматикӣ айнан меорад, *нутқи айнан нақлшуда* ном дорад.

Нутқи айнан нақлшуда бо ҳарфи калон сар шавад, ба нохунак гирифта мешавад. Агар нутқи айнан нақлшуда пеш аз сухани нақлкунанда ояд, пас аз он аломати вергул ва тире гузошта мешавад. Агар нутқи айнан нақлшуда ҷумлаи саволӣ ва хитобӣ бошад, пас аз он аломати савол ё хитоб ва тире гузошта мешавад.

**Машқи 122.** Нутқи айнан нақлшударо муайян кунед.

Пас аз нишастан, соҳиби хона ба меҳмон рӯй оварда — «Хуш омадед, нури дида, тоҷи сар!» гуфта даст ба сина мебарад. Меҳмон бошад, — «Хонаобод бошед, ташаккур», ё «Хонаобод бошед, аз лутфу эҳсонатон миннатдорам» гуфта даст ба сари сина мебарад. Дар урфият «рӯй оинаи дил аст», мегӯянд. *(Аз «Бунёди маданияти шахс»-и Ё. Одинаев)*

**Машқи 123.** Матнро хонед ва мазмуни онро шарҳ диҳед. Гӯед, ки сухани муаллиф дар куҷои ҷумла омадааст?

Ҷаҳонгир табассум ба лаб, пеши назараш рост истода мегӯяд: «Маро, ки ба умед хононда будед, додо, худам ҷарроҳӣ мекунам шуморо, худам!».

«Не, не! — ваҳм гирифта буд Беҳзодакаро. Ҷаҳонгир идома медод: «Нигаред, аз шумо сар мекунам нахуст ҷарроҳии мустақилонаро, аҷиб-а? Омада-омада, аз шумо!».

«Ҷарроҳӣ лозим нест, бачаам. Маро бар. Маро ба хона бар!».

«Ҷарроҳӣ накунам, додо ... мемиред!» — гуфт Ҷаҳонгир ва ба болои падар хам шуд. Теғе, ки дар дасти ӯ буд, дурахшид *(Аз рӯзномаи «Овози тоҷик», эҷоди Ш. Муҳаммад)*

**Машқи 124.** Матнро хонед, аломатҳои китобатӣ ва мавриди корбасти нутқи айнан нақлшударо ёдрас кунед.

### Одоби чойкашӣ ва чойнӯшӣ

Чойкаш аввал бояд ба тозагии пиёлаҳо назар афканад, сипас пиёларо обгардон карда, баъд бо он чойро гардонад. Баъд кам-кам, чойро кашида бо дасти рост аввал ба кӯҳансол, меҳмонон муроҷиат намуда дароз кунад. Масалан: «бобоҷон, марҳамат як пиёла чой гиред». Дар вақти пиёлаи чойро гирифтан одатан, «ташаккур, дастатон дард накунад», — мегӯянд. Чойкаш ҳам дар ҷавоб «нӯши ҷон шавад», — мегӯяд. *(Аз «Бунёди маданияти шахс»-и Ё. Одинаев)*

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Чӣ гуна нутқро нутқи айнан нақлшуда меноманд?
2. Нутқи айнан нақлшуда бо гузоштани кадом аломатҳои китобатӣ навишта мешавад?

**Машқи 125.** Аз асари хондагиатон матне интихоб кунед, ки дар он нутқи айнан нақлшуда мушоҳида карда шавад.

## Дарси 29. МУКОЛАМА

Гуфтугӯи ду ва ё зиёда шахсро **муколама** меноманд.

Сухани ҳар як шахс бо аломати тире ва ҳарфи калон сар мешавад.

**Машқи 126.** Матнро хонед, мазмунашро баён кунед. Аломатҳои китобатро номбар кунед.

## Шоир ва шеър

Шоире пеши табиб рафт ва гуфт:

— Чизе дар дили ман гиреҳ шудааст ва вақти маро нохуш медорад ва аз он ҷо афсурдагӣ ба ҳама аъзои ман мерасад ва мӯй бар андоми ман бармехезад.

Табиб марде зариф буд, гуфт:

— Ҳеҷ шеъре ба тозагӣ гуфтаӣ, ки ҳанӯз бар касе нахонда бошӣ?

Гуфт:

— Оре.

Гуфт:

— Бихон!

Хонд.

Боз гуфт:

— Бори дигар бихон!

Бихонд то се навбат.

Гуфт:

— Бархез, ки наҷот ёфтӣ. Ин шеър буд, ки дар дили ту гиреҳ шуда буд ва хунукии он ба берун сироят мекард, чун аз дили худ берун кардӣ, халос ёфтӣ. *(Аз китоби «Лутфи латиф»)*

**Машқи 127.** Ҷумлаҳои матни муколамавиро аз ҷиҳати таркиб ва ифодаи мақсад муайян карда, дар алоҳидагӣ номбар кунед.

— Бачаҳои гуфтагиам, ана, ҳаминҳо, — гуфт пирамард. — Дари асрорхонаи табиатро кушодан мехоҳанд.

— Бисёр хуб. Хӯш, чӣ ном дорад?

— Салим.

— Ҳалим.

— Дар синфи чандум мехонед?

— Панҷум.

— Нағз. Канӣ, ба ман гӯед, ки кадом паррандаҳоро медонед?

— Кафтар, мусича, майна, гунҷишк, тӯтӣ, кабк, бедона, зоғ, акка, лаклак, турна, — гуфт Салим.

— Духтари сӯфӣ, шӯрнӯл, бум, ҷуғз, каргас, уқоб, фароштурук, доснӯл, — илова намуд Ҳалим.

— Офарин, бачаҳо! *(Аз китоби «Мурғи сухангӯй»)*

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Гуфтугӯи ду ва ё зиёда шахс чӣ номида мешавад?
2. Дар муколама сухани ҳар як шахс бо гузоштани кадом аломат ва чӣ гуна ҳарф сар мешавад?

**Машқи 128.** Мантро хонед ва дар ҷойи даркорӣ аломати тире гузоред. Калимаҳои *«Ҷамол»* ва *«Ҷимол»*-ро аз ҷиҳати маънӣ шарҳ диҳед.

### Ҷамол ва Ҷимол

Мегӯянд, боре Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ба Бағдод рафта буд. Пирҷамоли Ироқӣ, ки яке аз шайхони он аср буд, ба иттифоқи гурӯҳе аз муридони худ ба истиқболи вай омад. Одати Пирҷамол аз муридони вай он буд, ки либоси худро аз пашми шутур тайёр мекарданд ва ҷуз он чизе намепӯшиданд. Пирҷамол пас аз мулоқоти Мавлоно Ҷомӣ аз рӯйи эҳтиром хитоб ба Мавлоно гуфт:

Мо ҷамоли Худоро дидем!

Мавлоно Ҷомӣ дар ҷавоб гуфт:

Мо низ ҷимоли Илоҳиро дидем.

## Дарси 30. ТАКРОРИ НАҲВ ВА АЛОМАТИ КИТОБАТ

### Тест

1. Ду ва ё зиёда калимаҳои мустақилмаъное, ки аз ҷиҳати мафҳум ва муносибати грамматикӣ ба ҳамдигар алоқаманд шуда, маънои мураккабро ифода мекунанд, чӣ ном доранд?

а) калима б) ҷумла в) ибора г) матн

2. Гурӯҳи калимаҳои ба таври грамматикӣ ба якдигар алоқаманд, ё калимаи алоҳидае, ки фикри тамомшударо ифода мекунад, чӣ ном дорад?

а) ҷумла в) ҷумлаи мураккаб
б) ҷумлаи содда г) нутқ

3. Ҷумлае, ки дар бораи амали иҷрошуда ё ин ки иҷрошаванда хабар медиҳад, чӣ ном дорад?

а) ҷумлаи ҳикоягӣ в) ҷумлаи хитобӣ
б) ҷумлаи саволӣ г) ҷумлаи амрӣ

4. Ҷумлае, ки майл, хоҳиш, ният, орзу, водоркунӣ, фармон, илтимос ва монанди инҳоро ифода карда, бештар ба шунаванда — шахси дуюми танҳо ва ҷамъ нигаронида шудааст, чӣ ном дорад?

а) ҷумлаи хитобӣ в) ҷумлаи ҳикоягӣ
б) ҷумлаи саволӣ г) ҷумлаи амрӣ

5. Аломати шартии хабарро муайян кунед.

а) як хати рост в) хати мавҷнок
б) ду хати рост г) тире-тире, тирею нуқта

6. Дар вақти таҳлили наҳвӣ кадоме аз аъзоҳои ҷумла аввалин шуда муайян карда мешавад?

а) мубтадо б) муайянкунанда
в) хабар г) пуркунанда, ҳол

7. Мубтадо ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?

а) кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо?
б) чӣ кор мекунад? чӣ шуд? чӣ хел аст? кист? чист?
в) кӣ? чӣ? киро? чиро? ба кӣ? ба чӣ? аз кӣ? аз чӣ?
г) чӣ тарз? чӣ гуна? кай? аз чӣ сабаб?

8. Аъзои пайрави ҷумла, ки тарз, замон, макон, сабаб, мақсад ва ҳолатҳои дигари воқеъ шудани амалро ифода мекунад, чӣ ном дорад?

а) хабар б) муайянкунанда в) ҳол г) мубтадо.

9. Ҷумлаи соддаи танҳо аз мубтадою хабар таркибёфта чӣ ном дорад?

а) ҷумлаи соддаи тафсилӣ

б) ҷумлаи соддаи хуллас
в) ҷумлаи мураккаби пайваст
г) ҷумлаи мураккаби тобеъ

10. Ҷумлаи соддае, ки танҳо аз як сараъзо (мубтадо ё хабар) таркиб ёфтааст, чӣ ном дорад?
а) ҷумлаи соддаи яктаркиба
б) ҷумлаи соддаи дутаркиба
в) ҷумлаи нопурра
г) ҷумлаи пурра

11. Калима ва ибораи предмети муроҷиатшударо ифодакунанда чӣ ном дорад?
а) муколама б) монолог в) диалог г) мухотаб

12. Ду ё зиёда ҷумлаҳои соддаи аз ҷиҳати сохт, мазмун ва оҳанг фикри яклухтро ифодакунанда чӣ ном дорад?
а) ҷумлаи содда в) ҷумлаи яктаркиба
б) ҷумлаи мураккаб г) ҷумлаи иловагӣ

13. Гуфтугӯи ду ва ё зиёда шахсро чӣ меноманд?
а) баҳс б) муколама в) мунозира г) мушоира.

## Дарси 31. УСЛУБҲОИ НУТҚ

*Услуб* калимаи арабӣ буда, маънои луғавии он тарз, рафтор, равиш мебошад. *Услубҳои нутқ* аз рӯйи вазифа ва хусусият аз ҳамдигар фарқ дошта, навъҳои зеринро фаро мегиранд: *услуби гуфтугӯӣ, услубӣ бадеӣ, услуби илмӣ, услуби хабарнигорӣ (публитсистӣ), услуби расмиву коргузорӣ.*

*Услуби гуфтугӯӣ* дар нутқи ҳаррӯзаи мо дар кӯчаву бозор, корхона истифода мешавад. Он табиатан характери диалогӣ дорад. Дар ин услуб бештар калимаю ифодаҳои халқӣ, лафзҳои шевагӣ, калимаю истилоҳҳои хоси касбу кори гуногун, суханҳои дурушти кӯчагӣ ба кор бурда мешавад.

*Услуби бадеӣ* дар асарҳои бадеӣ: назму наср истифода мешавад. Дар ин услуб нигориш образнокии баде-

ият ва мундаричаи тарбиявию ахлоқӣ мақоми асосӣ дорад.

*Услуби илмӣ* дар нигориши асарҳои илмӣ ба кор бурда мешавад. Истилоҳоти ин услуб дар услубҳои дигар ба кор намераванд. Забони ин навъ асарҳо бисёр рехта ва орӣ аз образнокист.

*Услуби расмиву коргузорӣ*, ки дар ҳуҷҷатҳои расмӣ ва коргузорӣ: мактубҳои расмӣ, ариза, тарҷимаи ҳол, тавсифнома, оиннома, низомнома, забонхат, қонунҳо ба кор бурда мешаванд.

**Машқи 129.** Матнҳоро хонед ва ба кадом услуби нутқ мансуб буданашро гӯед.

I. Дар байни мардум одат шудааст, ки беихтиёр «Хайр набошад» мегӯянд. Ибораи «Хайр набошад!» мантиқан хато аст. Чунки шумо пеш аз ҷудоии сафар ба рафиқатон некиву хайрият орзу менамоед. На ин ки бадӣ. Бинобар он «Хайр, хуш бошед!», «Хуб, то дидан!» гуфтан шарт аст. *(Аз «Бунёди маданияти шахс»-и Ё. Одинаев)*

II. Дар он юнучқазорҳо барраҳои ширмаст, ки барои озодона чариданашон соҳибонашон сар додаанд, монанди мурғобиҳои ба даруни оби зулол шино мекардагӣ сайр менамуданд ва ҳар кадом буттаи алафе, ки ба назарашон хуш ояд, бо дандони нафиси садафини худ аз сари он оҳистекак канда мегирифтанд. Бузғолаҳои шӯхшанги беором аз он ҳама алафҳои дилрабо рӯй тофта, магар барои ҳунарнамоӣ бошад, ба сӯйи тал медавиданд. Ба баҳонаи хӯрдани хор ё чаридан дар ҷангалзор то болои мазор давон-давон мебаромаданд. *(Аз «Куллиёт»-и ҷилди 5-уми С. Айнӣ)*

III. Раиси Иттиҳодияи эҷодии журналистони Ӯзбекистон Шерзод Ғуломов қайд кард, коре, ки бино бар давра ба давра ва мустақиман таҳти роҳбарии Президент Ислом Каримов татбиқ мегардад, бозсозӣ ва ислоҳи ҳаёти ҷомеа, ки ба табиат, орзуву омол ва саъю кӯшишҳои халқ куллан

ҷавобгӯ мебошад, ба дигаргуниҳои амиқи ҷабҳаи маънавияту маърифат ҳамоҳанг аст, ба афзоиши худшиносии миллӣ, рушди расонаҳои ахбори оммавӣ мусоидат мекунад. *(Аз рӯзномаи «Овози тоҷик»)*

**Машқи 130.** Ба дӯст, бародар, хоҳаратон мактуб нависед. Гӯед, ки матни мактуби навиштагиатон ба кадом услуб мансуб аст?

**Машқи 131.** Дар мавзӯи дилхоҳ муколома тартиб диҳед ва ба кадом услуби нутқ алоқамонд буданашро гӯед.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Калимаи услуб чӣ гуна маъноро ифода мекунад?
2. Услубҳои нутқ аз рӯйи вазифа ва хусусият ба чӣ гуна навъҳо тақсим мешаванд?
3. Чӣ гуна услубро услуби гуфтугӯӣ меноманд?
4. Кадоме аз услубҳои нутқ доир ба ҳуҷҷатҳои расмӣ маълумот медиҳад?
5. Чӣ гуна услубро услуби хабарнигорӣ меноманд?
6. Фарқияти услуби бадеӣ аз дигар услубҳои нутқ дар чист?

**Машқи 132.** Аз рӯзнома ва маҷаллаҳои дӯстдоштаатон матн интихоб кунед. Калима ва ибораҳои сиёсӣ-иҷтимоиро дар алоҳидагӣ нависед.

## Дарси 32. МАТН ВА СОХТУ ТАРКИБИ ОН

Ду ва ё зиёда ҷумлаҳои аз ҷиҳати маъно ва грамматика ба ҳамдигар пайваст, **матн** ном дорад.

Матн вобаста ба мазмун нақлӣ (ё ҳикоягӣ), тасвирӣ ва муҳокимавӣ мешавад.

**Матни ҳикоягӣ.** Дар ин гуна матн воқеаву ҳодисаҳое нақл карда мешаванд, ки онҳо сужети муайян доранд.

**Матни тасвирӣ,** ки дар онҳо ҷойи намоёнро унсурҳои тасвир ишғол мекунад.

**Матни муҳокимавӣ,** ки дар он муҳокима ронда мешавад.

**Машқи 133.** Хонед ва хели матнро номбар кунед. Аз рӯйи рақам навъҳои себро ба дафтар нависед.

Себ ҷинси бутта ё дарахти мевааш тухмдорест аз оилаи настаранҳо. Дар дунё қариб 50 намуди себи худрӯй ҳаст. Себҳои маҳаллӣ бештар ширин (то 10—15% қанд доранд) мешаванд. 0,13—12% туршӣ ва то 22,2% мг витамини С доранд. Парвариши себ қариб 3—4 ҳазор сол пеш сар шудааст. Себро барои тархӯрӣ, тайёр кардани мураббо, компот, консерв, мармелад, повидло, пастила, шарбат, инчунин, дар қаннодӣ ва ғайра истифода мебаранд. Ниҳоли себро тирамоҳ ва баҳор кӯчат мекунанд. Ба себ гулхӯраки себ, зиреҳаки себ, кирми себ, мевахӯраки себ, миттаи себ, ширинчаи себ ва ғайра зарар мерасонад. Хубонӣ, ҳусниюсуф, толибӣ, нурчинакӣ, ҷангалӣ, гуломадӣ, шелмунӣ, шоҳусайнӣ (10), гулбанд, амирӣ, сангсеб, аштархонӣ, туршак, қимизак, қаламфурак, дарачиён, мирсангӣ (7), чарсак, дулак (3), сурхсеби тирамоҳӣ (9), гулсебак (2), шӯшӣ, ширинак, кадусебак, кулчасебак, пахтасебак, тирамоҳӣ, чарсаксеб (1), сафедсеб (4), лола (5), дубарабанд (6), муллораҷабӣ (8) навъҳои себро ташкил медиҳанд.



**Машқи 134.** Матни нақлӣ ё худ тасвирӣ, муҳокимавӣ эҷод кунед.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Матн чист?
2. Матнҳо аз рӯйи мазмун ба чӣ гуна навъҳо тақсим мешаванд?
3. Чӣ гуна матнро матни нақлӣ меноманд?
4. Матни тасвирӣ гуфта чӣ гуна матнро дар назар доред?
5. Фарқи матни муҳокимавӣ аз матни нақлӣ ва тасвирӣ дар чист?

# ОВОЗШИНОСӢ. ТАЛАФФУЗИ АДАБӢ. ИМЛО

## Дарси 33. МАЪЛУМОТИ МУХТАСАР ДОИР БА ОВОЗШИНОСӢ, ТАЛАФФУЗИ АДАБӢ ВА ИМЛО

**Овозшиносӣ (фонетика)** яке аз соҳаҳои илми забоншиносӣ буда, ҷиҳати овозии забонро меомӯзад. Воҳидҳои забон — овоз, ҳиҷо, зада, оҳангро равшан ва муқаррар намуда, моҳияту саҳми онҳоро дар ташкили мубодилаи афкор муайян менамояд.

Садонокҳо, ҳамсадоҳои ҷарангдору беҷаранг, шаклҳои ҷудогонаи грамматикиро равшан, дуруст талаффуз карда тавонистанро талаффузи адабӣ мегӯянд. Талаффузи адабиро бо талаффузи ин ё он шева, ё худ маҳал омехта кардан хатои маҳз аст.

**Имло** низ яке аз соҳаҳои илми забоншиносӣ аст, ки қоидаҳои дуруст навиштанро меомӯзонад. Ҳарфҳои садоноку ҳамсадо, ҳиссаҳои нутқ — исм, сифат, шумора, феъл, зарф, пешоянд, пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо ва шаклҳои ғайритасрифии феъл сифати феълӣ, феъли ҳол қоидаҳои имлоиро доранд.

**Машқи 135.** Матнро хонед, калимаҳое, ки дар таркиб «*ӣ*»-и зада доранд, ба дафтар рӯбардор кунед. Аз ҷиҳати талаффуз ва навишт фарқашонро аз ҳарфи *и* гӯед. Дар талаффузи кадоми онҳо овоз баландтару дарозтар садо медиҳад?

## Соҳибҳунарӣ

Мардуми кишварамон аз қадимулайём бо касбу ҳунарҳои оҳангарӣ, рехтагарӣ, аслиҳасозӣ, наългарӣ, мисгарӣ, кордсозӣ, тунукасозӣ, бофандагӣ, кандакорӣ, сандуқсозӣ, аробасозӣ, челонгарӣ, оҳангудозӣ, зардӯзӣ, патдӯзӣ ва ғайра машғул мешавад. Ҳунармандӣ, хусусан, дар давраи темуриён ва баъдина авҷ гирифт. Дар ин давра ба савдо ва ҳунармандии шаҳр аҳамияти калон дода шуд. Бозор, растаю дӯконҳои савдо ва ҳунармандӣ хеле зиёд шудаанд. Ҳоло ҳам шумораи онҳо торафт меафзояд.

**Машқи 136.** Аз чанд ҳарфу овоз иборат будани калимаҳоро муайян намуда, фарқи маъно ва навишти калимаҳои *«оҳан»* ва *«оҳанг»*-ро гӯед.

Ҷумъа, шанбе, нӯҳ, дувоздаҳ, чиҳил, ҳафтоду ҳашт, рӯбарӯ, анбор, оҳан, помидор, самолёт, поезд, ғалла, киштӣ, жола, барфреза, абрпора, мусаввир, андӯҳ, оҳанг.

**Машқи 137.** Ба ҷойи ҳарфи аввалини калимаҳо ҳарфи дар қавсайн навишташударо кор фармуда, калимаҳо тартиб диҳед. Фарқи маънояшонро гӯед.

*Бино* — (к, ҳ, в), *гард* — (з, с, д), *кон* — (д, ҷ, х, р)

**Машқи 138.** Калимаҳои ду сутунро ба таври муқоиса аз назар гузаронида, калимаҳои навишту талаффузашон дурустро ба дафтар рӯбардор кунед.

| Талаффузи гуфторӣ | Навишти хаттӣ |
|---|---|
| Вахт, девол, авҳол, бӯйро, дайро, мимбаъд, забонхойӣ, заминкушойӣ, аллагӯйӣ, аҷойиб, бадеҳагӯйӣ, дидадаройӣ, дойим, дойир, ношойиста, ғойиб. | Вақт, девор, аҳвол, бӯрё, дарё, минбаъд, забонхоӣ, заминкушоӣ, аллагӯӣ, аҷоиб, бадеҳагӯӣ, дидадароӣ, доим, доир, ношоиста, ғоиб. |

**Машқи 139.** Ҷумлаҳоро хонед, калимаҳои дар таркиб ҳамсадои ъ, шадда доштаро муайян намуда, бо ҳиҷоҷудокунӣ рӯбардор кунед.

1. Асари Наршахӣ «Таърихи Бухоро» оид ба касбу ҳунар сарчашмаи аввалинест, ки то ба мо омада расидааст. 2. Калимаҳои гардун, даббус, дурбош, уқобин дар асари «Таърихи Масъуд»-и Байҳақӣ дида мешавад. 3. Ибни Сино шахсест, ки ба ҷойи калимаҳои арабии ифодакунандаи касбу ҳунар мизон, тӯл, арз, иттисол, сукун, мураббаъ, ҳаракат, қотеъ, маҳоли тақотеъ, қобили ҳаракат номҳои тоҷикиашон тарозу, дарозо, паҳно, пайвастагӣ, оромӣ, чорсу, ҷунбиш, бурранда, буридангоҳ, ҷунбишпазирро барқарор кард.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Ибни Сино чӣ гуна хизматро ба ҷо овардааст?
2. Мувофиқи қоидаҳои имлоӣ номи одамон ва асарҳо бо чӣ гуна ҳарф навишта мешавад?

**Машқи 140.** Калимаҳое нависед, ки дар таркиб ҳарфҳои *у-ӯ, и-ӣ, э-е* дошта бошанд. Ҳарфҳои ҳамовозу гуногуновоз буданашонро гӯед.

## Дарси 34. ҲОСИЛ ШУДАНИ ОВОЗҲО

Овозҳои нутқ ба воситаи узвҳои нутқ (узвҳои овозсоз) пайдо мешаванд.

Узвҳое, ки дар сохтани овозҳо иштирок мекунанд, узвҳои овозсоз (нутқ) ном доранд.

Узвҳои овозсоз: лаб, забон, забонча, ҳалқ ва садопардаҳо дар якҷоягӣ дастгоҳи овозсозӣ ё дастгоҳи нутқ ё дастгоҳи гуфторро ташкил медиҳанд.

Ҳавои аз шуш бароянда дар ковокии даҳон ба мамонияти узвҳои овозсоз дучор гардида, овозҳоро ба вуҷуд меорад.

**Машқи 141.** Калимаҳоро ба дафтар нависед. Ҳарфу овозҳои бо иштироки лаб ва забон ба вуҷуд омадаро номбар кунед.

Тӯб, тир, туфанг, нарх, матоъ, бозор, харидор, фасл, рангин, хунук, чобук, кафш, сангпушт.

**Машқи 142.** Бо узвҳои овозсоз ва номашон шинос шавед. Баъд аз он ҳарфҳои *т, д, з, с, ж, ш, ч, ҷ, н, л, р, й, к, г*-ро талаффуз кунед. Узви овозсози фаъол иштирок кардаро гӯед.




**Машқи 143.** Матнро хонед ва мазмунашро баён кунед. Гӯед, ки овозҳо ба воситаи кадом узвҳои нутқ ба вуҷуд омадаанд.

## Нони Самарқанд

Амири Бухоро Саид Олимхон нони Самарқандро бисёр дӯст медошт. Боре амр намуд, чунин нонро дар худи Бухоро пазанд. Аммо натавонистанд. Амир дарғазаб шуда, фармудааст, ки танӯре аз хоки Самарқанд созанд, орд, об ва ҳезумро низ аз он ҷо биёранд. Нонпази моҳири Самарқандро ҳам маҷбур намоянд, ки омада дар Бухоро нон пазад, аммо нашудааст. «Чаро намешудааст?» — гӯён дарқаҳр шудааст амир. Ба ӯ мефаҳмонанд, ки ба нони Самарқанд «дами пир рафтааст» ва инчунин, ҳавои Самарқанд ба пухтани чунин нон мутобиқ аст.

Амир Олимхон танҳо баъди он фаҳмидааст, ки гапу кор дар куҷост. *(Ривояти халқӣ)*

## Тест

1. Ҳавои аз шуш бароянда дар ковокии даҳон ба мамонияти узвҳои овозсоз дучор гардида чиро ба вуҷуд меорад?
а) аломатро  б) ҳарфро  в) овозро  г) хатро

2. Овозҳои нутқ ба воситаи чиҳо пайдо мешаванд?
а) шуш  б) нафас  в) узвҳои овозсоз  г) гулӯ

3. Узвҳои овозсоз кадомҳоянд?
а) шуш, ком, гӯш | в) чашм, даст, по
б) гулӯ, димоғ, сар | г) лаб, забон, забонча, ҳалқ

4. Узвҳое, ки дар сохтани овозҳо иштирок мекунанд, чӣ ном доранд?
а) узвҳои овоз | в) узвҳои танаи поёнӣ
б) узвҳои одам | г) узвҳои танаи болоӣ

5. Узвҳои овозсози лаб, забон, забонча, ҳалқ ва садопардаҳо дар якҷоягӣ чиро ташкил медиҳанд?
а) зудии лаппиш ва баландии овозро
б) қувваи талаффуз ва сахтии овозро
в) замони талаффуз ва дарозии овозро
г) дастгоҳи овозсозӣ, нутқ, гуфторро

**Машқи 144.** Бо интихоб ва корбасти ҳарфҳои *б, п, м, в, ф, ъ, х* калимаҳо тартиб диҳед. Узви овози фаъол иштироккардаро гӯед.

## Дарси 35. ОВОЗ ВА ҲАРФ

Воҳиди нутқи гуфташудаистода, ки ба воситаи узвҳои нутқ ба вуҷуд меояд, *овоз* ном дорад.

Аломати шартие, ки дар хат барои ифодаи овозҳо ва намудҳои он хизмат мекунад, *ҳарф* аст.

Шумо медонед, ки мо овозҳоро талаффуз мекунем ва мешунавем. Ҳарфҳоро менависем ва мебинем.

Овозҳоро дарозу кӯтоҳ, баланду паст ва сахту оҳиста талаффуз карда метавонем, вале ҳарфҳо чунин хусуси-

ят надоранд. Онҳо хурду калон, чопиву дастӣ мешаванд. Дар хат овозҳо бо ҳарфҳо навишта мешаванд. Ҳарфу овозҳои калимаҳои *ширкат* ва *саҳроро* аз назар мегузаронем. Калимаи ширкат аз шаш ҳарф (ш, и, р, к, а, т), аз шаш овоз (ш, и, р, к, а, т), калимаи саҳро аз панҷ ҳарф (с, а, ҳ, р, о), аз панҷ овоз (с, а, ҳ, р, о) таркиб ёфтааст.

**Машқи 145.** Хушзеҳнӣ. *«Кӣ бисёртар калима менависад?», «Ҳарфу овозҳоро ин тавр муайян мекунанд»* ном мусобиқаҳои тарафайни панҷдақиқагӣ ташкил карда, калимаҳои дилхоҳ нависед. Баъд аз он ҳарфу овозҳояшонро муайян кунед.




**Машқи 146.** Бо интихоб ва иловаи ҳарфҳо калимаҳо тартиб диҳед. Ҳарфу овозҳои ба ҷойи ҳамдигар кор фармудаатонро гӯед.

**Машқи 147.** Ҳарфу овозҳои ба ивази ҳамдигар омадаро муайян кунед. Маънӣ ва фарқияташро гӯед.

Барф — ҳарф, мард — фард, нидо — фидо, коза — тоза, кӯза — мӯза, бахт — тахт, кӯфт — рӯфт, мағз — нағз, чарх — нарх, теша — беша, пок — нок, пур — нур, ҳол — бол, ҳумо — шумо, фикр — зикр, январ — Анвар.

**Машқи 148.** Хонед ва гӯед, ки бо коҳишу афзоиши кадом ҳарф маънои калимаҳо тағйир ёфтааст.

Мавҷ — авҷ, мадад — адад, мош — ош, панҷ — панҷа, сабз — сабза, сафед — сафеда, разм — азм, ҳалқ — ҳалқа.

**Машқи 149.** Аз силсилаи мисолҳо калимаҳои ҳарфу овозҳояшон нобаробарро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

Аъзам, Ёдгор, ашё, анбоз, ҳаяҷон, яхмос, яхдон, шамол, пурқувват, ҳаво, нофорам, якрӯя, ҳосил, ҳушёр, ҳошия, оҳубарра.

**Машқи 150.** Даҳто калимаи дилхоҳ нависед. Сониян, ҳарфу овозҳояшонро муайян кунед.

*Намуна:* **зимистон** (ҳашт ҳарф, ҳашт овоз), **январ** (панҷ ҳарф, шаш овоз), **даъват** (шаш ҳарф, панҷ овоз).

## Дарси 36. АЛИФБО

Ҳарф ва тартиби онҳо *алифбо* ном дорад.

Алифбои мо 35 ҳарф дорад. Шаш ҳарф *(а, и, о, у, э, ӯ)* овозҳои садонокро ифода мекунанд. Овозҳои ҳамсадо ба воситаи 24 ҳарф *(б, в, г, ғ, д, ж, з, й, к, қ, л, м, н, п, р, с, т, ф, х, ҳ, ч, ҷ, ш, ъ)* ифода мешаванд. Аксарияти ҳарфҳо дорои як овозанд. Баъзе овозҳо ба воситаи ду ҳарф навишта мешаванд. Аз ҷумла, овози *и* ба воситаи ҳарфҳои *и* ва *ӣ*, овози *э* ба воситаи ҳарфҳои *э* ва *е* навишта мешаванд.

Баъзе ҳарфҳо ду овозро ифода мекунанд: *я = й+а, ю = й+у, ё = й+а, е = й+е*. Ин ҳарфҳоро *ётбарсар* меноманд.

Ҳарфҳо, миқдор, шакл ва муносибати онҳо бо овозҳо дар хат (графика) омӯхта мешавад. Ҳарфҳо унсур ва **аломатҳои диакритикӣ** (фарқкунанда) доранд. Аломатҳои иловагии ҳарфҳо ба тарзи дигар хонда шудани онҳоро нишон медиҳад. Ду нуқта дар болои ҳарфи е, нимтире дар болои ҳарфи *у*, думчаи ҳарфҳои *к, х, ч* **аломати диакритикӣ** буда, талаффузи тамоман дигари

он ҳарфҳоро нишон медиҳад: *ё, ӯ, қ, ҳ, ҷ, ғ, ӣ, й*. Ҳарфҳои мазкур бо аломати диакритикӣ овозҳои *ё, ӯ, қ, ҳ, ҷ, ғ, ӣ, й* ва бе аломати диакритикӣ овозҳои *е, у, к, х, ч*-ро ифода мекунад.

**Машқи 151.** Ҳарфҳои дар поён навишташударо талаффуз кунед.

К, л, м, н, р, с, ғ, е, ё, й, қ

**Машқи 152.** Матнро хонед, калимаҳои бо ранги сиёҳ навишташударо ба дафтар рӯбардор кунед. Аз чанд ҳарф ва овоз иборат будани онҳоро гӯед.

Ҳар шому саҳар аз болои пуштаи сабзу **хуррам тоҷикдухтаре** бо кӯзаи **нилобӣ** дар бағал бар лаби **наҳре** мефаромад ва соатҳо акси худро дар оби **шаффофу** зулол дида, **мӯй**ҳоро ба ҳар ҷониб густурда, ба рухсораконаш об мепошиду шодӣ мекард.

Рӯд аз ин навниҳоли қадрас **таманно** мекард, то ки вай ба зудӣ бо кӯзаи об сӯи хонааш барнагардад, бештар обпошиву **обпартоӣ** бикунад, ки дар ин **муддат** ранги **рӯд** аз ранги духтар аксбардор шуда, соҳиби ҳусну тароватӣ нав ба нав гардад. Софию покиро аз рухсори ӯ ба худ касб бикунаду сурхии хуну шир омехтаро аз гунаи ӯ рабояд. Сокинони водии Сурхоб ҳамон гуландомро Таҳминаи худ медонанд ва **лаҳзае** аз тасвири шоири бузургамон Абулқосими Фирдавсиро такрор ба такрор ёдовар мешаванд.

*(А. Девонақулов)*

Ҳарфҳо ном ва тартибҳои муайян доранд. Тартиб ва номи ҳарфҳои алифбои забони модариамон чунин аст: Аа (а), Бб (бе), Вв (ве), Гг (ге), Ғғ (ғе), Дд (де), Ее (йе), Ёё (йо), Жж (же), Зз (зе), Ии (и), Ӣ (и-и), Йй (йи), Кк (ке), Ққ (қе), Лл (ле), Мм (ме), Нн (не), Оо (о), Пп (пе), Рр (ре), Сс (се), Тт (те),

Уу (у), Ӯӯ (ӯ), Фф (фе), Хх (хе), Ҳҳ (ҳе), Чч (че), Ҷҷ (ҷе), Шш (ше), ъ (ъе), Ээ (э), Юю (йу), Яя (йа).

Калимаҳо дар луғатҳо, ному насаби одамон дар рӯйхатҳо, дар журнали синф, дар китоби рақами телефонҳо аз рӯйи тартиби ҳарфҳои алифбо оварда мешаванд.

**Машқи 153.** Ҳарфу овозҳои алифбои забони тоҷикиро аз рӯйи тартиб номбар кунед.

## АЛИФБО ВА НОМИ ҲАРФҲО

**Машқи 154.** Номи предметҳои дар синф бударо нависед. Ҳарфу овозҳояшонро номбар кунед.



### Тест

1. Алифбои мо аз чанд ҳарф иборат аст?

а) 35 ҳарф  б) 34 ҳарф  в) 29 ҳарф  г) 32 ҳарф

2. Ҳарф ва овозҳои садонок кадомҳоянд?

а) я, ю, ё, е  в) й, ӣ

б) а, и, о, у, э, ӯ  г) л, м, р, с

3. Ҳарфҳои дорои ду овоз кадомҳоянд?

а) г, ғ, к, қ  в) я, ю, ё, е

б) у, ӯ, ч, ҷ  г) ё, ж, х, ҳ

4. Ҳарфҳои танҳо шакли хурд дошта дар кадом банд навишта шудааст?

а) ғ  б) ш  в) ӣ, ъ  г) ҳ

**Машқи 155.** Номи аҳли хонаводаро аз рӯйи тартиби ҳарфҳои алифбо нависед.

## Дарси 37. ОВОЗҲОИ САДОНОК ВА ҲАМСАДО

*Овозҳои нутқ* ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: *садонок* ва *ҳамсадо*.

Овозҳои танҳо аз садо иборат будае, ки дар натиҷаи бе монеа аз даҳон баромадани ҳаво ба вуҷуд меоянд, *садонок* ном доранд. *а, и, о, у, э, ӯ* овозҳои садонок буда, миқдоран шаштоянд.

Овозҳои нутқи аз шавшувҳо ё худ аз шавшуву садо иборат буда, ки дар натиҷаи иштироки садопардаҳо ва узвҳои нутқ дар ҷойи холигии даҳон ба вуҷуд меоянд, *ҳамсадо* ном доранд. *Б, в, г, ғ, д, ж, з, й, к, қ, л, м, н, п, р, с, т, ф, х, ҳ, ч, ҷ, ш, ъ* овозҳои ҳамсадоянд, ки миқдоран бисту чортоянд.

Садонокҳо хусусияти ҳиҷосозӣ доранд. Ҳамсадоҳо бошанд, ин гуна хусусиятро надоранд.

**Машқи 156.** Ба ҷойи нуқтаҳо садонок ва ҳамсадоҳои мувофиқ гузошта, калимаҳоро дар шакли пурра ба дафтар рӯбардор кунед.

ба ... оба, д...ҳа, ша ...р, с ..рд, за ... д, к ..ча, боб ..., ни ...ол, па ...хта, т ...г, та ... ом, тӯ ..., у ... р

**Машқи 157.** Порчаи шеъриро хонед, калимаҳои сатри аввалро дар алоҳидагӣ навишта, садоноку ҳамсадоҳояшро муайян кунед.

Лолаҳо дар ёлаҳо машъал шуданд,
Майсаҳо дар ёнаҳо бахмал шуданд.
Кӯза дар бар духтарони оташак,
Дар сари сарчашмаҳо маътал шуданд.

*Гулрухсор*

**Машқи 158.** Бо ҳарфҳои *ӣ, ъ* якчанд калима тартиб диҳед. Сабаби дар аввали калима истифода нашудани ин ҳарфҳоро гӯед.

**Машқи 159.** Мантро хонед ва аз таркиби он панҷ-шаш калимаи дилхоҳро ба дафтар нависед. Ҳарфу овозҳои садоноку ҳамсадоро муайян кунед.

Офтоб кайҳо аз қуллаи кӯҳҳо намоён гашта, гармии он торафт зиёдтар мешуд. Хониши паррандаҳои кӯҳӣ, ки аз шохи дарахт ба шохи дарахти дигар, аз зери буттае ба

буттаи дигаре парида мегузаштанд, пуршӯртар ва акси садои он аз ҷойҳои ба назар ноаёни кӯҳҳои пурҳавлу пуртамкин бо як тарзи афсонавӣ ба гӯш мерасид. *(Р. Ҳодизода)*

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Овозҳои нутқ ба чанд ва кадом гурӯҳҳо тақсим мешаванд?
2. Чӣ гуна овозҳоро овозҳои садонок меноманд?
3. Овозҳои ҳамсадо гуфта чӣ гуна овозҳоро дар назар доред?

**Машқи 160.** Даҳто калима нависед, ҳарфу овозҳои садоноку ҳамсадояшонро ҷудо кунед.

## Дарси 38. ОВОЗҲОИ САДОНОК ВА ХЕЛҲОИ ОН

*Садонокҳо* вобаста ба иштироки лабҳо ба ду гурӯҳ — садонокҳои *лабӣ* (о, у, ӯ) ва *ғайрилабӣ* (и, э, а), аз рӯйи фарохии даҳон — *камфарох* (и, у), *нимфарох* (о, э, ӯ), *фарох* (а), аз рӯйи иштироки забон — *нӯгизабонӣ* (и, э, а), *байнизабонӣ* (ӯ), *бехизабонӣ* (о, у) ҷудо мешаванд. Аз ҳамин ҷиҳат ва ҳам аз ҷиҳати талаффуз овозҳои садонок аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

### Нишонаҳои фарққунандаи садонокҳо

| Бардошт | Қатор | | | Иштироки лаб |
|---|---|---|---|---|
| | пеш | омехта | қафо | |
| боло | и | | у | лабӣ<br>ғайрилабӣ |
| миёна | э | е | о | ғайрилабӣ<br>лабӣ |
| поён | | а | | ғайрилабӣ |

**Машқи 161.** Хонед ва бо номҳои ҳозираву пешинаашон шинос шавед. Садонокҳои таркиби калимаҳоро бо назарандозӣ ба ҷадвал аз рӯйи қаторҳо номбар кунед.

*Тошканд* — Чоч, Шош, Шошкент, Бинкат, Таркан.
*Самарқанд* — Мароканда, Самаря, Семизкент.
*Бухоро* — Фохира, Нӯмижкан, Навмичкат, Бумичкат, Фухо, Ансӣ, Бухэ.
*Хоразм* — Хворазм, Хоразмия, Хваиризем, Увbabaразмис.
*Қаршӣ* — Насаф.
*Шаҳрисабз* — Кеш.
*Амударё* — Ҷайҳун, Ому, Аму, Оксус, Ӯкуз, Балх, Вахш.
*Сирдарё* — Сайҳун, Яоша, Хашарт, Яксарт, Дану.

**Машқи 162.** Калимаҳоро хонед ва гӯед, ки ҳарфи *е* кадом овозро ифода кардааст?

Бедона, пешоянд, бехато, ҳезум, пешдоман, гилем, мех, теғ, мева.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик чандто садонок ҳаст?
2. Садонокҳо аз кадом ҷиҳат ба гурӯҳи садонокҳои лабӣ ва ғайрилабӣ ҷудо мешаванд?
3. Садонокҳо аз рӯйи фарохии даҳон ба чӣ гуна гурӯҳҳо тақсим мешаванд?
4. Садонокҳои нӯгизабонӣ, бехизабонӣ ва байнизабонӣ кадомҳоянд?

**Машқи 163.** Даҳто калима нависед ва садонокҳояшро муайян намоед.

*Намуна:* шоҳбайт (о, а).

## Дарси 39. ОВОЗҲОИ ҲАМСАДО ВА ХЕЛҲОИ ОН

Дар сохтани овозҳои ҳамсадо узвҳои гуногуни нутқ иштирок мекунанд. Вобаста ба иштироки узвҳо ҳамсадоҳо ба гурӯҳҳои *лабӣ (п, б, м, в, ф), нӯгизабонӣ (т, д, з,*

*с, ж, ш, ч, ҷ, н, л, р), байнизабонӣ (й), бехизабонӣ (к, г), забончагӣ (х, ғ, қ) ва ҳалқӣ (ъ, ҳ)* ҷудо мешаванд.

Овозҳои *м* ва *н* ҳамсадоҳои димоғӣ ном доранд, зеро дар тавлиди онҳо ковокии димоғ ҳам ширкат дорад.

**Машқи 164.** Ҳамсадоҳои забонии *д, т, н, з, с, л, ж, ш, ч, ҷ, р, к, г, й-ро* дар алоҳидагӣ талаффуз кунед. Онҳоро аз рӯйи талаффуз ва иштироки забон ба гурӯҳҳои ҳамсадоҳои нӯгизабонӣ, байнизабонӣ, бехизабонӣ ҷудо карда нависед.

**Машқи 165.** Бо интихоб ва корбасти ҳамсадоҳои ҳалқии *ъ* ва *ҳ* калимаҳо тартиб диҳед. Кадоме аз онҳо ҳамсадоҳои ҳалқии рӯяк ва халқии чуқур буданашонро гӯед.

**Машқи 166.** Даҳто калима нависед. Ҳамсадоҳои лабӣ, нӯгизабонӣ, байнизабонӣ, бехизабонӣ, забончагӣ ва ҳалқиашонро бо назарандозӣ ба ҷадвал, дар алоҳидагӣ нависед.

| Гурӯҳи ҳамсадоҳои узвҳои овозсози фаъол | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| лабӣ | нӯгизабонӣ | байниза-бонӣ | бехиза-бонӣ | забон-чагӣ | ҳалқӣ |
| п, б, м, | т, д, з, с, ж, ш, ч, х, н, л, р | й | к, г | х, ғ, қ | ъ, ҳ |

**Машқи 167.** Ҷумлаҳоро хонед, калимаҳои дар таркиб ҳамсадоҳои ҳалқӣ доштаро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

1. Бӯйи хуш ва таъми аҷибе дорад нони гарм. 2. Ваъда кардам, ки сидқидилона аз пайи хондан мешавам. 3. Модарҷон, орзу ва ниятҳои шуморо ба амал мебарорам. 4. Моҳи ҳилол шаби торикро мунаввар мегардонд. 4. Аз тахти дил хон, писарҷонам!

**Машқи 168.** Ҳамсадоҳои забончагии *ғ, к, х*-ро талаффуз кунед ва сабаби ҳамин ном гирифтанашонро фаҳмонед.

## Тест

1. т, д, з, с, ж, ш, ч, ҷ, н, л, р чӣ гуна ҳамсадоҳо ба шумор меравdefinitionанд?

а) нӯгизабонӣ в) бехизабонӣ
б) байнизабонӣ г) ҳалқӣ

2. Кадоме аз онҳо ҳамсадоҳои лабӣ?

а) ъ, ҳ в) п, б, м, в, ф
б) х, ғ, қ г) й

3. ъ, ҳ чӣ гуна ҳамсадост?

а) лабулабӣ в) димоғӣ
б) лабудандонӣ г) ҳалқӣ

4. Қатори ҳамсадоҳои забончагиро муайян кунед.

а) м, н в) х, ғ, қ
б) ъ, ҳ г) у, ӯ, ӣ

5. Кадоме аз онҳо ҳамсадоҳои димоғӣ?

а) ъ б) р в) м, н г) қ

**Машқи 169.** Ҳарфҳои поёниро дар аввал, мобайн ва охир кор фармуда, калимаҳо тартиб диҳед. Ҳамсадоҳои лабулабӣ, лабудандониро дар алоҳидагӣ ҷудо кунед.

б, п, м, в, ф

## Дарси 40. ҲАМСАДОҲОИ ҶАРАНГДОР ВА БЕҶАРАНГ

Овозҳои ҳамсадо *ҷарангдор* ва *беҷаранг* мешаванд.

Овози аз шавшув иборат будае, ки ҳангоми ба вуҷуд омадани онҳо садопардаҳо ба ларзиш меоянд ва узвҳои овозсози нутқ фаъолтар иштирок мекунад, ҷарангдор ном дорад.

Ҳамсадоҳои ҷарангдор сездаҳтоанд: *б, в, г, ғ, д, ж, з, й, л, м, н, р, ҷ.*

Овози аз шавшув иборат будае, ки ҳангоми ба вуҷуд омадани онҳо садопардаҳо бар ларзиш намеоянд ва

узвҳои овозсози нутқ сусттар иштирок мекунад, *беҷаранг* ном дорад.

Ҳамсадоҳои беҷаранг ёздаҳтоанд: *к, қ, п, с, т, ф, х, ҳ, ч, ш, ъ.*

Баъзе аз ҳамсадоҳои ҷарангдор ва беҷаранг ҷуфти худро доранд: *б-п, в-ф, д-т, з-с, ж-ш, ҷ-ч, г-к, ғ-х.* Ҳамсадоҳои ҷарангдори *й, л, м, н, р* ва беҷаранги *қ, ҳ, ъ* ҷуфт надоранд.

**Машқи 170.** Гӯшҳоятонро бо дастонатон пӯшонда, овозҳои ҳамсадои *б-п, в-ф, д-т, з-с, ж-ш, ҷ-ч, г-к, ғ-ҳ*-ро ду-се бор равшан талаффуз кунед. Гӯед, ки талаффузи кадом овозҳо шунавотару ҷарангдортар аст.

**Машқи 171.** Ба ҷойи ҳамсадоҳои аввали беҷаранг ҳамсадои ҷарангдорро монда нависед ва маънои калимаҳоро шарҳ диҳед.

Тор, панд, фасл, сар, шола, чанг, хор.

**Машқи 172.** Ҷадвали поёниро ба дафтар кашед. Дар бандҳои холии он аз рӯйи навиштаҳо ҳамсадоҳоро нависед.

| Ҳамсадоҳои ҷарангдор | Ҳамсадоҳои беҷаранг | Ҳамсадоҳои ҷарангдор ва беҷаранги ҷуфт | Ҳамсадоҳои ҷарангдори беҷуфт | Ҳамсадоҳои беҷаранги беҷуфт |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

**Машқи 173.** Даҳто калима нависед. Ҳамсадоҳои ҷарангдору беҷаранги ҷуфтдору беҷуфтро дар алоҳидагӣ қайд кунед.

**Машқи 174.** Ба талаффузи овозҳои *б, з, д, г* аҳамият диҳед. Гӯед, ки ин ҳамсадоҳо дар ин ҳолат ҷарангнокии худро нигоҳ медоранд ё не?

Мазкур, бадтар, хубтар, тазкира, бодпо, сагпараст.

**Машқи 175.** Ба талаффузи ҳамсадоҳои беҷаранги *т, п, ш* ва *к* зеҳн монда калимаҳоро ба дафтар нависед. Сабаби беҷарангшавии он ҳамсадоҳоро гӯед.

Бозсозӣ, дудкаш, бузкашӣ, дегшакл.

## Тест

1. Овозҳои ҳамсадо аз ҷиҳати талаффуз ва оҳангдорӣ чӣ гуна мешаванд?

а) ҷарангдор ва беҷаранг        в) ҳиҷосоз
б) ҳиҷоҷудокун                  г) фаъол ва ғайрифаъол

2. Ҳамсадоҳои ҷарангдор чандтоанд?

а) 6-то   б) 13-то   в) 11-то   г) 24-то

3. Қатори ҳамсадоҳои беҷарангро муайян кунед.

а) а, и, о, у, э, ӯ        в) я, ю, ё, е
в) к, қ, п, с, т, ф, х, ҳ, ч, ш, ъ
г) б, в, г, ғ, д, ж, з, й, л, м, н, р, ҷ

4. Ҳамсадоҳои *б, в* ҷуфти кадом ҳамсадоҳои беҷаранганд?

а) т, с   б) ш, ч   в) к, қ   г) п, ф

5. Кадоме аз онҳо ҷуфти ҳамсадоҳои беҷаранги *т, с, ш* мебошанд?

а) б-п, в-ф   б) ҷ-ч   в) г-к, ғ-ҳ   г) д, з, ж

6. Ҳамсадоҳои ҷарангдор ва беҷаранги беҷуфт кадомҳоянд?

а) й, л, м, н, р, қ, ҳ, ъ        б) я, ю, ё, е
б) а, и, о, у, э, ӯ             г) х, к, ч, ш, с, т, ф, п

**Машқи 176.** Панҷто калима нависед ва аз байни онҳо ҳамсадоҳои ҷарангдору беҷарангро муайян кунед.

## Дарси 41. ИМЛОИ САДОНОКИ *Э*

Овози *э* садоноки ғайрилабӣ, нӯгизабонӣ ва нимафарох аст. Дар талаффузи ин овоз лабҳо иштирок намекунанд, забон паҳн шуда пеш меояд ва паст мефарояд.

Садоноки *э* бо ду ҳарф ифода мешавад: *э* ва *е*. Ҳарфи *э* дар аввал, ҳарфи *е* дар мобайн ва охири калима меояд: Эргаш, эҷод, эзоҳ, элак, бед, рег.

Ҳарфи *е* дар мобайн ва охири калима пас аз ҳамсадо, дар ҳиҷойи баста пеш аз ҳамсадои *ҳ,* дар охири калима пас аз ҳамсадои *ъ, э* талаффуз шуда, *е* навишта мешавад: беҳ, деҳ, шамъе, табъе.

Дар баъзе калимаҳои иқтибосӣ (вомӣ) ҳарфҳои *э* ва *е* дар аввал, дохили калима меоянд: Евгений, Ефимов, аэропорт, аэроплан, гигиена.

Овози *э* баъд аз садонок ояд, бо ҳарфи *е* навишта, вале *йе* талаффуз карда мешавад: моҳие, олуе, доруе.

**Машқи 177.** Бо риояи талаффузи овози *э* калимаҳоро хонед ва ҳарфҳои ифодакунандаи ҳамин овозро гӯед.

Эълон, эъзоз, эътибор, эътиқод, эҳсос, эҳтиёҷ, гелос, девор, девон, дег, нонреза, пойтеша, реша, мева, ғалбер, тендер, теннис, интернет.

**Машқи 178.** Калимаҳое нависед, ки овози *э* дар аввал, мобайн ва охир омада бошад.

**Машқи 179.** Пеш аз кадом ҳамсадо ва дар чӣ гуна ҳиҷо ҳарфи корфармудашудаи *е*-ро ёдрас кунед.

Меҳвар, меҳрубон, зиреҳ, меҳмон, Деҳнав, Фотеҳ, медиҳам, мениҳам, мениҳодам.

**Машқи 180.** Ҷумлаҳоро хонед, калимаҳои бо ҳарфи *э* навишташударо ба дафтар рӯбардор кунед. Гӯед, ки он калимаҳо аз кадом забон ба забони тоҷикӣ дохил гардидаанд. Сабаби калон ва хурд навишта шудани ҳарфи *э*-ро гӯед.

1. Элмурод дар деҳаи Эҷи ноҳияи Нурато зиндагӣ мекунад. 2. Эътирози Элдору Эшонқул ҳаққу ҳақиқат аст, ки Эҳсон шеърро нодурусту боғалат хонд. 3. Эмини экскаваторчӣ занбари дандонадори оҳанини экскаваторро ба канали лойолуд партофта, онро пур аз лой мекард. 4. Бо сарварии Элӣ эксперимент ва экспедитсияи олимон натиҷаи хуб додааст, ки онҳо ба мақсад ва орзуи хеш расидаанд. 5. Ман нияти ба сафари кишварҳои Эстония, Эфиопия, Эквадор рафтанро дорам. 6. Маҳсулотҳои пахта баъд аз экспертиза ба мамлакатҳои дигар экспорт карда мешавад.

**Машқи 181.** Муайян кунед ва гӯед, ки ҳарфи *е* дар кадом калимаҳо овози *э*-ро ва дар кадом калимаҳо овози *йе-ро* ифода кардааст.

Воқеъ, мавқеъ, монеъ, шамъе, ҷамъе, елим, ем, бӯе, доя, поя, соате, баландие, етим, меъда, шеър, толеъ.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Ҳарфи *э* чӣ гуна овоз аст?
2. Садоноки *э* бо кадом ҳарфҳо ифода меёбад?
3. Садоноки *э* дар кадом вақт *е* навишта шуда *э* талаффуз карда мешавад?
4. Дар аввали чӣ гуна калимаҳо ҳарфи *э* калон навишта мешавад?
5. Дар кадом вақт овози *э* бо ҳарфи *е* навиштаву *йе* талаффуз карда мешавад?

**Машқи 182.** Даҳто калима нависед, ки ҳарфи *е* дар ҳиҷойи баста пеш аз ҳамсадои *ҳ* овози *э*-ро ифода карда бошад.

*Намуна:* Меҳ-ан, меҳ-нат, беҳ-тар.

## Дарси 42. ИМЛОИ САДОНОКИ *И*

Овози *и* садоноки ғайрилабӣ, нӯгизабонӣ ва камфарох аст. Дар талаффузи он нӯги забон ба дандонҳои пасти пеш ҷафс намешавад.

Овози *и* бо ду ҳарф ифода мешавад: *и* ва *ӣ*. Аввалӣ — «*и*»-и кӯтоҳ, дуюмӣ — «*ӣ*»-и дароз. Дар илми забоншиносӣ дуюмиро «ӣ»-и заданок мегӯянд.

«*И*»-и кӯтоҳ, дар аввали калима пеш аз ҳамсадо, дар байни калима пас аз садонок, инчунин, дар байни калимаҳои ибора ҳамчун бандаки изофӣ (и) меояд. Дар аввали исмҳои хос ва ҷумла бо ҳарфи калон навишта мешавад: Исфандиёр, Исфара, Индонезия. *«ӣ»*-и дароз танҳо шакли хурдро дорад, ки он дар охири калима меояд. Аз ҷиҳати доро будан ва набудани шаклҳои калон, талаффузи кӯтоҳу дароз, дар аввалу мобайн ва охир омадан, «*и*»-и кӯтоҳу «*ӣ*»-и дароз аз ҳамдигар фарқ мекунанд: Иброҳим, Исомиддин, ихтироъ, гиреҳ, кошкӣ, балки, барфи бисёрборида, зимистони сармо, оби яхбаста, доноӣ, шодкомӣ, ҷарроҳӣ, фирӯзмандӣ.

**Машқи 183.** Бо риояи талаффуз ҳарфи *и*-ро хонед.

Инсоф, ибрат, имтиҳон, илова, ариза, писта, ришта, шиша, шифт, хирман, хирад, хислат, мушоҳида, сарзамин, мубоҳиса, мунозира.

**Машқи 184.** Муайян кунед ва гӯед, ки садоноки *и* дар аввал пеш аз кадом ҳарфи ҳамсадо, дар мобайн пас аз кадом ҳарфи садонок омадааст.

Иншо, имло, имконият, истилоҳ, иқтисод, истиқлол, иқлим, ишва, афзоиш, доим, моил, намоиш, поидан, полиз, муқоиса, илм.

**Машқи 185.** Хонед ва бо тарзи навишти калимаҳо шинос шавед. Китобро пӯшонед ва аз лавҳи хотир ба дафтар нависед. Навиштаҳоятонро бо аслият муқоиса карда, хатоҳоятонро ислоҳ кунед.

Меҳр, сеҳр, фатҳ, тифл, ҳазл, лафз, ҷаҳл, ҷирм, ҷисм, сабр, ҳадя, қисм, зеҳн, фасл, баҳр, баҳс, чашм, базм, хатм, хасм, чатр.

**Машқи 186.** Ибораҳоро ба дафтар рӯбардор кунед. Зери ҳарфи *и* хат кашед. Гӯед, ки ин ҳарф дар байни ҷузъи муайяншаванда ва муайянкунандаи ибора чӣ гуна вазифаро иҷро кардааст?

Гули бодом, насими кӯҳсор, панди марди фозил, бародари дӯсти наздики ман, донишомӯзи синфи панҷум, сухани ҳайратангез, шеъри дилнишин, наққоши соҳибистеъдод.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Овози *и* чӣ гуна садонок аст?
2. Кадом ҳарфҳо овози и-ро ифода мекунанд?
3. Кадоме аз ҳарфҳои *и* дар аввал, мобайн, инчунин, дар байни калимаҳои муайянкунанда ва муайяншавандаи ибора навишта мешаванд?
4. Дар байни калимаҳои ибора ҳарфи *и* чӣ гуна вазифаро адо мекунад?
5. Ҷойи ҳарфи «*ӣ*»-и заданок дар калима чӣ гуна аст?

**Тест**

1. Ҳарфи баландтару пурқувват талаффуз кардаи *и* чӣ ном дорад?

а) «и»-и кӯтоҳ
б) «ӣ»-и дароз, заданок
в) «и»-и дарозу кӯтоҳ
г) ҳеҷ гуна ном

2. Овози *и* бо кадом ҳарфҳо ифода меёбад?

а) танҳо бо ҳарфи *и*
б) танҳо бо ҳарфи *ӣ*
в) бо ҳарфҳои *и* ва *ӣ*
г) бо овози номуносиб

**Машқи 187.** Қоидаҳои имлоии ҳарфи *и*-ро хонед ва ба ҳар яки онҳо чортоӣ мисол нависед.

## Дарси 43. ИМЛОИ ҲАРФИ *Ӣ*

Ҳарфи «*ӣ*»-и заданок дар калимаҳои ҳиҷойи охиринашон баланду пурқувват талаффузшаванда, дар охири исм ва сифатҳои нисбии ҳиҷойи охиринашон заданок пас аз ҳамсадо, дар бандакҳои феъливу хабарии шахси

дуюми танҳо, дар пурсишҷонишинҳои *кӣ, чӣ, чӣ қадар, чӣ гуна, барои чӣ* навишта мешавад. Рӯдакӣ, пешравӣ, дигаргунӣ, хонагӣ, даштӣ, гуфтӣ, гуфтаӣ, хондӣ, хондаӣ.

**Машқи 188.** Ба калимаҳои поёнӣ ҳарфи «*ӣ*»-ро илова карда нависед. Навишти аввал ва минбаъдаи калимаҳо мансуби кадом ҳиссаҳои нутқ буданашонро ба хотир оред.

Нек, бад, сафед, сурх, зард, сиёҳ, торик, баланд, паст, зебо, ноинсоф, саводнок, шердил, ҷавон, пир.

*Намуна:* Некӣ — исм, аввалӣ (нек) — сифат, пирӣ — исм, аввалӣ (пир) — сифат.

Ҳарфи *и* ва тарзи навишти он дар пайвандакҳо. Ҳарфи *ӣ* ва тарзи навишти он дар пурсишҷонишинҳо.

Балки, азбаски, вақте ки, бе он ки, ҳар қадар ки, барои он ки, ба шарте ки, ба ғайр аз, кӣ, чӣ, чӣ тавр, чӣ гуна, чӣ сон, чӣ тариқа, чӣ қадар.

**Машқи 189.** Аз охири калимаҳо ҳарфи *ӣ*-ро партофта хонед ва маънои ифодакардаи калимаҳоро фаҳмонед.

Равшанӣ, моҳӣ, шоҳӣ, мӯрӣ, ҳавлӣ, озодӣ, хурсандӣ, дӯстӣ, гармӣ, хондӣ, дидӣ, бозӣ.

**Машқи 190.** Ҷумлаҳоро хонед, калима ва ибораҳои дар таркиб ҳарфи «*и*» ва «*ӣ*» доштаро ба дафтар рӯбардор кунед. Вазифа ва имлояшонро хотирнишон кунед.

1. Тангкӯча ба сӯйи ҳавлӣ не, балки ба сӯйи роҳи калон мебарад. 2. Азбаски ҳеҷ чизро намедонӣ, ту ҳамеша баҳои ғайриқаноатбахш мегирӣ. 3. Ту вазифаи хонагиро чӣ тавр иҷро мекунӣ? 4. Кӣ, чӣ гӯён ту маро дарди сар кардӣ. 5. Вақте ки ба манзил мерасем, дар он ҷо чизи дилхоҳро ба даст меорем. 6. Аксарияти мардуми кишварамон бо ғаллакорӣ, чорводорӣ, токпарварӣ ва кишти зироатию сабзавотӣ машғул мешаванд.

**Машқи 191.** Қоидаҳои имлоии ҳарфи *ӣ*-ро хонед ва бо назардошти он қоидаҳо мисол нависед.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Ҳарфи *«ӣ»*-и заданок чӣ гуна қоидаҳои имлоӣ дорад?
2. Ҳарфи *«ӣ»*-и заданок нисбат ба дигар ҳарфу овозҳо ба чӣ дараҷа талаффуз карда мешавад?
3. Аз рӯйи кадом қоидаҳои имлоӣ ҳарфи *и* ва «*ӣ*»-и заданок аз ҳамдигар фарқ мекунанд?
4. Ҷойи ҳарфи «ӣ»-и заданок дар калима чӣ гуна аст?

**Машқи 192.** Дар охири калимаҳои *ғаллакор, ҳалвопаз, чархтарош, хонасоз, резаворфурӯш, бинокор* ҳарфи «*ӣ*»-ро кор фармуда, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## Дарси 44. ИМЛОИ САДОНОКҲОИ *У* ВА *Ӯ*

Садонокҳои *у* ва *ӯ* ҳарфу овозҳои гуногунанд. Дар вақти талаффузи садоноки *у* бехи забон боло бардошта шуда, нӯги забон ба қисми поёнии дандонҳои пасти пеш мерасад. Лабҳо ба худ шакли доиравӣ гирифта, сӯрохии он хурд мешавад: нур, дур, умр, шукр, шутур.

Садоноки *ӯ* овози лабӣ, миёнизабонӣ ва нимфарох буда, нисбат ба *у* дарозтар талаффуз карда мешавад: гӯгирд, гӯштингир, бӯрё, кӯҳ, абрӯ.

Садонокҳои *у* ва *ӯ* дар аввал, мобайн ва охири калима меоянд. Фарқи садонокҳои *у* ва *ӯ* чунин аст: дар ҳиҷойи безада садоноки *у* моили ихтисоршавӣ аст, аммо садоноки *ӯ* ихтисор намешавад ва равшан талаффуз меёбад.

**Машқи 193.** Бо риояи талаффузи садонокҳои *у* ва *ӯ* калимаҳоро хонед.

Рӯбучин, шустушӯ, нӯҳ, шудгор, шукӯҳ, рӯҳбаландӣ, шустан, рӯзгор, сулҳдӯст, сулҳҷӯ, тарбузфурӯш, ҷорӯб, пӯстин, пӯстлох, бону, сиёҳпӯст, бузург, шӯх, рӯд, рӯзнома, саводомӯзӣ, сарватдӯст, рӯҳбаланд.

**Машқи 194.** Садоноки *«у»* ва *«ӯ»*-ро дар мобайн кор фармуда калимаҳо тартиб диҳед.

| г | б | х | к | с |
|---|---|---|---|---|
| у | | | | |
| л | р | ш | ш | м |

| г | б | х | к | с |
|---|---|---|---|---|
| ӯ | | | | |
| л | р | ш | ш | м |

**Машқи 195.** Мавриди истеъмоли садоноки «у»-ро гуфта, калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед. Гӯед, ки оё калимаҳои ба ҳиҷо ҷудо кардаатонро аз сатр ба сатр кӯчонидан мумкин аст?

Умар, Умед, Убайд, уқоб, уфуқ, умум, усул.

**Машқи 196.** Дар ҳиҷои бастаи аввал пеш аз ҳамсадоҳои *ҳ, ъ,* й садоноки *«ӯ»*-ро кор фармуда, калимаҳо нависед.

*Намуна:* Мӯҳ-та-шам, кӯҳ-на-дӯз, шӯъ-ла, шӯъ-ба, мӯй-сафед.

**Машқи 197.** Вобаста ба мавриди истеъмоли садоноки *ӯ* калимаҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо карда нависед.

Пӯшок, рӯз, дӯст, чӯб, ӯмоч, зӯр, ӯсма, ӯгай, занбӯр, гулӯ, ӯғурча, бадхӯ, ӯҳдадорӣ, ашӯла, кӯза, беобрӯ, пӯстиндӯз, пӯстак.

| Дар аввал | Дар мобайн | Дар охир |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |

**Машқи 198.** Порчаи шеъриро хонед, мавриди истифодаи ҳарфи *«у»* ва *«ӯ»*-ро гӯед.

Некбахт он касе, ки доду бихӯрд,
Шӯрбахт он ки ӯ нахӯрду надод.

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

**Машқи 199.** Матнро хонед, калимаҳои дар таркиб садоноки *у* ва *ӯ* доштаро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед. Аз ҷиҳати талаффуз то чӣ дараҷа аз ҳамдигар фарқ доштани садонокҳоро гӯед.

Хидматгор дастархон овард. Нони гандуми хушбӯй, шири гарм ва асал ҷоғи меҳмононро тафсонд. Зоҳиран ӯ хеле гурусна буд, ки хӯрданиҳоро бо ғояти иштиҳо меошомид, ширро ҳӯрт мекашид ва пораҳои калони нонро ба асал ғӯтонда ва нима хоида фурӯ медоду гап мезад. Хеле суханвар ва пургӯй буд. (*Аз романи «Фирдавсӣ»-и С. Улуғзода*)

## Тест

1. Ҳарфи *ӯ* бо кадом аломат аз ҷиҳати навишт аз ҳарфи *у* фарқ мекунад?

а) аломати диакритикии зерсатрӣ
б) аломати диакритикии болосатрӣ
в) унсурҳои ҳамшабеҳи мобайнисатрӣ
г) унсурҳои якхелаву ҳамранг

2. Ном ва аломати диакритикии болосатрии ҳарфи *ӯ*-ро муайян кунед.

а) хатчаи дароз
б) хатчаи кӯтоҳ
в) хатча
г) нимхатча

**Машқи 200.** Калимаҳоро хонед ва бо тарзи навишташон шинос шавед. Баъд аз он варақи китобро пӯшонда, калимаҳоро аз лавҳи хотир нависед. Навиштаҳоятонро бо аслият муқоиса кунед. Хато ва камбудиҳоро бартараф намуда, бо се-чор калимаи дилхоҳ ҷумла тартиб диҳед.

Қулф, субҳ, чуғз, узр, узв, унс, тухм, умр, ҳукм, устувор, устухон.

## Дарси 45. ИМЛОИ САДОНОКҲОИ *О* ВА *А*

Садонокҳои *а* ва *о* овоз ва ҳарфҳои гуногунанд. Садоноки *а* овози ғайрилабӣ, фарох ва нӯгизабонӣ мебошад. Дар талаффузи овози *а* лабҳо иштирок намекунанд, ҷоғ поён мефароянд, фарохии даҳон калон мешавад. Садоноки *а* пеш аз ҳамсадоҳои *ҳ*, *ъ* дар ҳиҷои баста дарозтару шиддатноктар ва дар ҳиҷои кушодаи якуми калима кӯтоҳтар талаффуз карда мешавад.

Садоноки *о* овози пасизабонӣ, нимфарох ва лабӣ мебошад. Ҳангоми талаффузи садоноки *о* лабҳо гирд шуда ба пеш ҳаракат мекунад. Нӯги забон як дараҷа аз дандонҳо дур ва забон бо устухони зераш ба қафо кашида мешавад.

Садоноки *а* ва *о* дар аввал, мобайн ва охири калимаҳо меоянд: абр, асо, оина, олам, байт, баҳо, бодом, дарзмол.

Дар баъзе калимаҳо пеш аз ҳамсадои *ҳ* садоноки *о* ба садоноки *а* бадал мешавад: роҳ-раҳ, чоҳ-чаҳ, коҳ-каҳ, гоҳ-гаҳ, моҳ-маҳ.

**Машқи 201.** Калимаҳоро бурро ва равшан талаффуз кунед. Вароқи китобро пӯшонда, калимаҳоро аз лавҳи хотир нависед. Навиштаҳоятонро бо аслият муқоиса намуда, хатоҳои содиркардаатонро ислоҳ кунед.

Баҳс, баҳр, ваҳм, гавазн, сатр, даҳр, аҳд, сатҳ, қаср, қарн, аср.

**Машқи 202.** Садонокҳои ба ивази ҳамдигар кор фармудашударо номбар кунед.

Моҳрӯ-маҳрӯ, гуноҳ-гунаҳ, даргоҳ-даргаҳ, дуроҳа-дураҳа, моҳӣ-маҳӣ, ногоҳ-ногаҳ, оброҳа-обраҳа, пешгоҳ-пешгаҳ.

**Машқи 203.** Ҷумлаҳоро хонед, садоноки калимаҳои ба зераш хат кашидашударо номбар кунед.

1. Вай калон шуда, ҷавони бокитфу бозу ва нерӯманде гардид. 2. Кушодачеҳра, хуррамдил ва одамдӯст марде буд. 3. Худпарастӣ ва ҳирсу ҷоҳононро аз хирад бегона кардаааст. 4. Дар мобайни дарё найзоре буд.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Садонокҳои *а* ва *о* чӣ гуна овозҳоро ифода мекунанд?
2. Аз садонокҳои *а* ва *о* кадоме садоноки ғайрилабӣ, фарох нӯгизабонӣ аст?
3. Садоноки *а* пеш аз ҳамсадоҳои *ҳ, ъ* дар ҳиҷойи баста чӣ гуна талаффуз карда мешавад?
4. Овози *о* чӣ гуна садонок ба шумор меравад?

**Машқи 204.** Даҳто калима нависед, ки садонокҳои *а* ва *о* дар ҳиҷойи баста пеш аз ҳамсадоҳои *ҳ, ъ* омада бошад.

## Дарси 46. ИМЛОИ ҲАРФҲОИ ЁТБАРСАР

Ҳарфҳои ётбарсари *я* ду овоз *(й+а)*, *ю* ду овоз *(й+у)*, *ё* ду овоз *(й+о)*, *е* ду овоз *(й+е)*-ро ифода мекунанд. Овозҳои ётбарсарҳо дар хат бо як ҳарф, яъне бо ҳарфҳои *я, ю, ё, е* навишта мешаванд. Аз ётбарсарҳо фақат ҳарфи *ю* дар охири калима намеояд. Ҳарфҳои боқимондаи ётбарсар дар аввал, мобайн ва охири калима меоянд: ягона, ният, якрӯя, юмор, юғӣ, июл, риёзат, туғён.

**Машқи 205.** Аз силсилаи мисолҳо калимаҳои ётбарсардорро муайян намоед ва номбар кунед.

Яздон, Шаҳриёр, якрӯя, ривоҷёбӣ, якдилона, риёкор, як, риёкорӣ, самолёт, сиёҳ, тайёр, ялаққосӣ, тайёра, такя, юрист, такягоҳ, тӯёна, тӯтиё, эҳё, эҳтиёт, хаёл, гиря.

**Машқи 206.** Калимаҳои ҳарфу овозҳояшон нобаробарро муайян карда, ба дафтар нависед.

Яман, саҳро, Ёсуман, умумиҷаҳонӣ, Юсуф, бузург, Ёдгор, камнамо, Яҳё, июн, тобистон, январ, зимистон, яксон, яктаҳ, баҳор, якҷоя, воиз, сиюм, сеюм, суханвар, қошсиёҳ, юнучқазор, шоён, аён.

**Машқи 207.** Калимаҳое фикр карда нависед, ки дар таркиб ҳарфҳои ётбарсар дошта бошанд.



**Тест**

1. Дар кадом банд ҳарфҳои ётбарсар навишта шудааст?

а) я, ю, ё, е  в) г, ғ, х, ҳ
б) а, о, у, ӯ, и, э  г) ч, ж, ҷ

2. Овозҳои ифодакунандаи ҳарфҳои ётбарсарро муайян кунед.

а) йа, йу, йо, йе  в) йи, йо, йе, и
б) ле, ме, не, ре  г) фе, пе, се

3. Кадоме аз ётбарсарҳо дар охири калима навишта намешаванд?

а) я  в) ё
б) ю  г) е

4. Овозҳои ётбарсар дар хат бо чанд ҳарф навишта мешаванд?

а) бо як ҳарф  в) бо се ҳарф
б) бо ду ҳарф  г) бо чаҳор ҳарф



**Машқи 208.** Бо интихоб ва корбасти ҳарфҳои ётбарсари *я, ю, ё, е* калимаҳо нависед.

## Дарси 47. ИМЛОИ ҲАМСАДОҲОИ ШАДДА

Шадда, ташдид, мушаддад калимаҳои ҳаммаъно буда, онҳо ҳамчун истилоҳ ҳарфу овозҳои якхелаи ҳампаҳлу омадаро ифода мекунанд. Шаддашавии ҳамсадоҳо асосан хоси калимаҳои дуҳиҷойиву сеҳиҷогӣ буда, дар дохили калима меоянд: *пашша, латта, таваллуд, мураккаб.*

Ҳамсадои шадда дар охири калима ояд, бо як ҳарф, аммо пеш аз бандаки изофӣ дар калимабандӣ ва калимасозӣ бо ду ҳарф навишта мешавад: дур — дурру *гавҳар, сир — сирри ниҳон, зар — заррин, маҳал — маҳаллӣ.*

Дар мавридҳои ташдиди овоз калима мувофиқи меъёри талаффузи забони адабӣ навишта мешавад.

**Машқи 209.** Бо риояи талаффузи овоз калимаҳоро хонед ва ҳамсадои шаддаро номбар кунед. Калимаҳои маънояш бароятон нофаҳмову душворро аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ҷустуҷӯ кунед.

Муаррих, муҳаррир, муқарриз, мунаққид, мураттиб, аттор, харрот, аккос, муассир, аккол, аммо, аррадос, аррадаста, тараҳҳум, таҳаммул, маккор, миннатдор.

**Машқи 210.** Калимаҳое нависед, ки дар таркиб ҳамсадои шадда дошта бошанд.

**Машқи 211.** Бо интихоб ва корбасти ҳамсадои шадда аз калимаҳо ибора тартиб диҳед.

Фан ... и забон, ҳад ... у канор, беҳад ... у шумор, қад ... и расо, зид ... и душман, сир ... и ҳарбӣ, кул ... и мардум.

**Машқи 212.** Даҳто калимаҳои ҳамсадои шаддадори фикркардаатонро бо риояи қоидаи аз сатр ба сатркӯчонӣ нависед.

*Намуна:* Муат-тар, мусав-вир



## Тест

1. Калимаҳои шадда, ташдид, мушаддад ҳамчун истилоҳ чӣ гуна маъноро ифода мекунанд?

а) ҳарфу овозҳои якхелаи ҳампаҳлуро

б) ҳарфу овозҳои гуногуни дар аввалу охири калима омадаро

в) ҳарфу овозҳои аз ҳамдигар фарқдоштаро

г) ҳарфу овозҳои бо ҳам номутаносибро

2. Калимаҳои *бурро, зарра, арра* бо кадом ҳамсадоҳои шадда навишта шудааст?

а) з  в) а  б) р  г) з

3. Кадоме аз калимаҳо бо ҳамсадои шаддаи *б* ва *д* навишта шудааст?

а) муассиса, муаллим  в) лаббай, муддат
б) содда, тилло  г) модда, қувва

4. Ҳамсадои шадда дар охири калима ояд, бо чанд ҳарф навишта мешавад?

а) бо як ҳарф
б) бо ду ҳарф
в) дар байн бо ду ҳарф бо гузоштани аломати тире
г) ба ҳиссаҳо ҷудо намуда бо ду ҳарф

5. Дар кадом маврид ҳамсадои шадда дар охири калима бо ду ҳарф навишта мешавад?

а) дар мавриди иборасозӣ пеш аз бандаки изофӣ ва калимасозиву калимабунёдкунӣ
б) дар мавриди аз ҳарфу овозҳо тартиб додани калимаҳои ҳаммаъно
в) дар мавриди бунёди калимаҳои ҳамшакл
г) ҳамсадои шадда дар охири калима намеояд ва низ навишта намешавад.

**Машқи 213.** Калимаҳои шаддадори дар таркиб ҳамсадои *с, р, т, м, н* доштаро нависед.

## Дарсҳои 48—49. ИМЛОИ ҲАМСАДОИ Ъ

Ҳарфи ъ (айн) ду вазифа дорад:

1. Ҳамсадои ҳалқиро ифода карда, сактадор шудани садонок ё ҳамсадои пешомадаро мефаҳмонад. Он дар дохил ва охири калима навишта мешавад: *аъло, масъул, масъала, ҷамъ, навъ.*

2. Барои ҷудо кардани ҳиҷо хизмат мекунад. Маҳз дар ҳамин вазифа аломат буда, овозро ифода намекунад: *ашъ-ор, аъ-зо, анъ-а-на, машъ-ал, объ-ект, субъ-ект.*

Калимаи бо ҳамсадои ъ анҷомёфта бандаки изофӣ ё пайвандак қабул кунад ҳам, ҳарфи ъ нигоҳ дошта мешавад: *навъи харбуза, ҷамъи мардум, шамъу парвона, табъу нашр.*

Дар ибораҳои изофӣ ҳарфи ъ дар байни ду садонок ояд, навишта намешавад: *манбаъ — манбаи об, тулӯъ — тулӯи офтоб.*

**Машқи 214.** Калимаҳои маънояшон нофаҳмову душворро аз *«Фарҳанги забони тоҷикӣ»* дарёфт намуда, шинос шавед.

Шамъ, маънӣ, сунъӣ, қалъа, монеъ, маҷмӯъ, таърих, ихтироъ, маътал, маъхаз, таъбир, маъмул, қуръа, қаър, маъво, сараъзо, ҷомеъ, мабдаъ, мӯъмин, мӯътадил, мӯъҷиза.

**Машқи 215.** Ба талаффуз ва имлои ҷуфти калимаҳои зерин диққат диҳед, фарқияташонро гӯед.

Бад-баъд, сурат-суръат, шӯла-шӯъла, лал-лаъл, ман-манъ, таб-табъ, рад-раъд, шер-шеър, нал-наъл, маъдан-мадан, аъло-ало, таъна-тана, даъво-даво.

**Машқи 216.** Ба ҷойи нуқта ҳарфи ъ-ро гузошта, калимаҳоро дар шакли пурра ба дафтар нависед.

1. Хониши мӯ...тадили булбулҳо ба шукуфтани гулҳо алоқаманд аст. 2. Зоғҳои кӯҳӣ, одатан ба...ди хӯрок фа...олтар мегарданд. 3. Ба...ди ба маҳфил а...зо шудан Озод серкору пурташвиш шуд. 4. Баҳорон, айёми гулшукуфту гардолудшавӣ нав...ҳои ҳархела ба якдигар та...сир мерасонанд. 5. Мусичаҳо ҷонварони наф...расон, дӯстони инсонанд. 6. Дар қа...ри обанбор об кам монд. 7. Дилкушо ма...вое буд, дарахтони бисёр ва обҳои равон дошт.

**Машқи 217.** Ба ҷойи нуқтаҳо пас аз садоноки калимаҳои аввал бандаки изофиро илова карда, ибораҳо тартиб диҳед. Қоидаи имлоии амалкардаатонро гӯед.

матоъ ... зарбофт, мисраъ ... шеър, матлаъ ... ғазал, низоъ ... дохилӣ, мавзӯъ ... и дарс, руҷӯъ ... лирикӣ.

**Машқи 218.** Ҷумлаҳоро хонед, калимаҳои дар таркиб ҳарфи **ъ** доштаро ба дафтар нависед.

1. Лӯъбату Ҷаъфар барои хониши шеър баҳои аъло гирифтанд. 2. Маъсумаю Маъмура, Маъруфу Меъроҷ бо навбат маънои калимаро шарҳ доданд. 3. Хонандаи маъзаратхоҳ маъзур мехоҳам гуфта, бо овози паст маъюсона ба савол ҷавоб дод. 4. Даъватномаи тадбири маънавӣ-маърифии ташкилкардаамонро ба маъмурияти мактаб супоридем. 5. Пеш аз баргузоршавии мусобиқаҳои оламшумули варзишӣ машъал афрӯхта мешавад. 6. Поезд дар разъезди аз хонаи мо андаке дур ист мекунад. 7. Неъмату Саъдулло дӯстони меҳрубонанд.

**Машқи 219.** Бо навишти калимаҳо ошно шавед ва бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Саъдӣ, Талъат, Санъат, Раъно, меъмор, анъана, таъм, шамъ, аъзо, баъд, руҷӯъ, хуштолеъ.

*Намуна:* Иншоотҳои таърихию меъмории кишварамон зебову хушманзар аст.

## Тест

1. Ҳарфи **ъ** чӣ гуна ҳамсадо ба шумор меравад?

а) димоғӣ — в) ларзон
б) ҳалқӣ — г) ҳеҷ гуна ҳамсадо

2. Дар таркиби кадом гурӯҳи калимаҳо ҳарфи ъ бештар истеъмол меёбад?

а) ӯзбекӣ — в) русӣ-байналмилалӣ
б) арабӣ — г) туркӣ

3. Ҳарфи **ъ** ва ҷойи он дар калима чӣ гуна аст?

а) дар аввал — в) дар аввал ва мобайн
б) дар дохил ва охир — г) дар аввал ва охир

4. Дар байни кадом ҳарфҳо ъ навишта намешавад?
а) дар байни ду садонок
б) дар байни садоноку ҳамсадо
в) дар байни ҳамсадову садонок
г) дар охири калима пас аз ҳамсадо

**Машқи 220.** Мисолҳое нависед, ки дар онҳо ъ ҳамчун аломат истифода шуда бошад.

## Дарси 50. ИМЛОИ ҲАМСАДОҲОИ *Д, Т, Ҳ*

Ҳамсадоҳои *д, т, ҳ* дар баъзе калимаҳо равшан ва ё тамоман талаффуз намешаванд, ки ин ба меъёри талаффузи забони адабӣ мувофиқ аст. Чунончӣ: дар калимаи баландтар ҳамсадои *д* ва дар калимаи пасттар ҳамсадои *т* (аввалӣ) талаффуз карда намешаванд ва зӯр зада талаффуз кардани онҳо ҳам шарт нест. Дар калимаи бегоҳ ҳамсадои *ҳ* равшан, бурро талаффуз намешавад. Бинобар ин ҳамсадоҳои *д, т, ҳ*-ро ҳамсадоҳои талаффузнашаванда меноманд.

Барои он ки дар навишти калимаҳои номбурда ба хато роҳ надиҳем, онҳоро аз ҷиҳати сарфӣ (морфологӣ) таҳлил бояд кард: *баландтар, пасттар, бегоҳ.* Ё ин ки калимаҳоро ба тариқи зерин муқоиса кардан зарур аст: *баландтар — баландӣ, пасттар — пастӣ, бегоҳ — бегоҳӣ.*

Дар ҳолати дуюм ҳамсадоҳои *д, т, ҳ* равшан талаффуз мешаванд.

**Машқи 221.** Ба дараҷаи талаффузи ҳамсадоҳои *д, т, ҳ* эътибор дода, калимаҳоро хонед. Калимаҳои ҳамсадоҳояшон равшану норавшан талаффуз гардидаро дар алоҳидагӣ номбар кунед.

Низорамоҳ, Озодамоҳ, Роҳат, Ибодат, Лутфинисо, пандномa, иззатманд, зардча, кабудча, дастгоҳ, даҳ, баъдтар, бистсола, якчандто, забт кардан.

**Машқи 222.** Калимаҳое нависед, ки ҳамсадоҳои *д* ва *т, с* ва *т* дар он калимаҳо пасу пеш ҷой гирифта бошанд. Дар хусуси талаффуз ва навишти ҳамсадоҳо фикратонро баён кунед.

**Машқи 223.** Порчаҳои шеъриро хонед, калимаи *«забун»*-ро аз ҷиҳати маъно шарҳ диҳед.

Ба пирони забун кун дастгирӣ,
Ки дар пирӣ бидонӣ қадри пирӣ.

*Носири Хисрав*

Агар хоҳӣ накӯ бошӣ, накӯ бош,
Ҳамеша росткору ростгӯ бош.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Даме ки мешунидам пурбаҳо суханҳоро,
Баландтар зи Ватан нест дар забон ҳаргиз.

*Мирзо Турсунзода*

**Машқи 224.** Ҷумлаҳоро хонед, калимаҳои дар таркиб ҳамсадоҳои *д, т, ҳ* доштаро ба дафтар рӯбародор кунед. Дараҷаи талаффузи ҳамсадоҳои мазкурро гӯед.

1. Дастпонаи хоҳарам бисёр зебо аст. 2. Самолёт баландтар парвоз кардан гирифт. 3. Шамсия ба истгоҳи машина наздик шуд. 4. Бародарам дар хондан маро дастгирӣ намуд. 5. Ростгӯӣ ва ростқавлӣ аз хислатҳои беҳтарини инсониянд. 6. Қади ман аз қади бародарам пасттар аст.

**Машқи 225.** Бо интихоб ва корбасти ҳамсадоҳои *д, т, ҳ* якчанд калима нависед. Дараҷаи талаффузашонро аз ҷиҳати равшанию норавшанӣ муайян кунед.

## Дарси 51. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 226—230

**Машқи 226.** Калимаҳоро хонед ва гӯед, ки ҳамсадои пеш аз *б* омада дар гуфтори шифоҳӣ бо кадом овозу ҳарф бадал меёбад.

Анбар, занбар, анбор, анбур, занбӯр, занбар, шанбе, санбӯса, пунба, сунбул, танбал, танбеҳ.

**Машқи 227.** Ҷумлаҳоро хонед, калимаҳои дар таркиб ҳамсадои *ж* доштаро ба дафтар рӯбардор кунед. Маънои калимаҳои *«диж»* ва *«наҷод»*-ро аз *«Фарҳанги забони тоҷикӣ»* муайян намоед. Муродифи кадом калимаҳо буданашонро гӯед.

1. Исфандиёр якбора ба нажоди Рустам таъна зад. 2. Дарвозаи дижро маҳкам кунед. 3. Гуждаҳами дижбон духтаре дошт, Гурдофарид ном, далер ва размовар. 4. Он аждаҳои оташнафас ман будам, хостам шуморо озмоям. 5. Дар он вилояти нав ҳам шаҳре бас аъло ва бошукӯҳтар аз Гангдиж бунёд кард. 6. Ба оби дида мижгон тар мекард. 7. Манижа ба сари чоҳ баргашт ва мурғбирёни нонпечро аз сӯрох ба Бежан партофт. *(Аз «Шоҳнома»-и А.Фирдавсӣ)*

**Машқи 228.** Шеърро хонед, сабаби дар шакли *хидмат, дилшон, парвардаст* навишта шудани калимаҳои *хизмат, дилашон, парвардааст-ро* гӯед. Муродифи эшон кадом калима аст?

## Ҳурмати падару модар

Ба пирӣ хидмати модар, падар кун,
Ҷавонию ҷунун аз сар бадар кун!
Мазан таъна бар эшон аз дили сер,
Ки гар ёбӣ замон, гардӣ ту ҳам пир,
Ки парвардаст модар дар канорат,
Падар буд солҳо тимордорат.
Биҷӯ дилшон ба хулқу хубрӯӣ,
Ки ин аст, эй бародар, некхӯӣ.

*Носири Хисрав*

**Машқи 229.** Калимаҳое нависед, ки ҳамсадоҳои *д, т, ҳ* дар он ҷо дошта бошад.

**Машқи 230.** Бо имлои калимаҳо шинос шавед ва бо чор-панҷ калимаи дилхоҳ ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Мужда, жола, жарф, каждум, аждар, жанр, жаргон, ҷайб, ҷиҳоз, ҳаждаҳ, ҷовид, ғеҷон, пажмурда, ғиҷим, ғиҷҷак, ҳабдаҳ, мижа, мижгон, жӯлидамӯ, жюри (довар), журнал, журналист.

*Намуна:* Гули тоза шинондаам, лекин он аз беобӣ пажмурда шуд.

## Дарси 52. ИМЛОИ ҲАМСАДОИ *Й*

Ҳарфи *й* дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

1. Дар аввал, мобайн ва охири калима: *йилт-йилт, йӯрмадӯзӣ, рӯймол, пайвандак, ростгӯй*. Аз хотир фаромӯш набояд кард, *ки* ҳарфи *й* дар аввал камтар, вале дар мобайн, охири калима бисёртар истеъмол меёбад.

2. Пас аз *й* садоноки *а* ояд, ётбарсари *я* (пой-поя, ой-ояд, гӯй-гӯяд), пас аз *й* садоноки *о* ояд, ётбарсари ё (хубрӯй-хубрӯён, тӯй-тӯёна), пас аз *й* садоноки *у* ояд, ётбарсари *ю* (най-наю дутор, лой-лою гил), пас аз *й* садоноки *э* ояд, ётбарсари *е* (ҷӯй-ҷӯе, той-тое) навишта мешавад. Вале дар калимаҳои мураккаб садонокҳо вазъияти худро нигоҳ медоранд: лойолуд, пойандоз ва амсоли инҳо.

3. Дар баъзе калимаҳо, ки ҳарфи *й* ташдиднок аст, як *й* дар таркиби ётбарсар медарояд, ки он ин тавр навишта мешавад: муайян, Муҳайё, Сайидо, тағйир, тағйирот ва ғайра.

**Ҳарфи *й* дар мавриди зерин навишта намешавад:**

4. Дар мобайн ва охири калима дар байни садонокҳо дар талаффуз *й* афзоиш ёбад ҳам, навишта намешавад: барои, хонаи нав, тӯйи арӯсӣ, орзуи дерина ва ғайра. Вале калимаҳое, ки таърихан дар таркиби худ ҳамсадои *й* доранд, аз ин истисно мебошанд: чой (чойи кабуд), пой (пойи рост), мӯй (мӯйи сафед), рӯй (рӯйи зебо).

**Машқи 231.** Калимаҳоро хонед ва мавриди истеъмоли ҳарфи *й*-ро номбар кунед. Ба кадом забон мансуб будани калимаҳои *Йӯлдош, йигит, йӯрғаро* гӯед.

Йӯлдош, байт, қайд, тӯй, тӯйхона, йигит, байтбаракбозӣ, пойафзол, пойлуч, йӯрға, пайраҳа, қайчӣ, найнавоз, поймол, пайваст, ростгӯй, пайрав, пойбараҳна.

**Машқи 232.** Пас аз садонокҳои *о* ва *а* ба ҷойи ҳарфи *й* ётбарсари *ю*-ро кор фармуда, калимаҳо тартиб диҳед.

Чой — ... қанд, карнай — ... сурнай, най — ... доира, май — ... шароб.

**Машқи 233.** Калимаҳое нависед, ки *й* пас аз садонокҳо омада овозҳои *йа, йу, йо, йе*-ро ифода кунанд ва бо ҳарфҳои *я, ю, ё, е* навишта шуда бошанд.

**Машқи 234.** Бо назардошти қоидаҳои имлоии ҳамсадои *й* мисолҳо нависед.

## Дарси 53. ТАКРОРИ МАВЗӮЪҲОИ ЧОРЯКИ ЯКУМ

## Дарси 54. ИМЛОИ ҲАМСАДОИ *С* ДАР КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСӢ

Калимаҳои иқтибосии дар таркиб ҳарфи *ц* дошта дар забони тоҷикӣ бо ҳарфи *с* навишта мешаванд. Ҳамсадои *с* пеш аз садонок ва дар дохили калима пас аз ҳамсадо *с*, дар дохили калима, яъне дар байни ду садонок *тс* навишта мешавад: *с*ех, кон*с*ерт, интона*тс*ия, информа*тс*ия.

**Машқи 235.** Бо имлои калимаҳо шинос шавед ва онҳоро ба дафтар рӯбардор кунед. Мавриди истеъмол ва тарзи навишти ҳамсадои *с*-ро муайян намуда, муродифи калимаҳои абзатс ва сиркулро гӯед.

Абзатс, лексия, сиркул, силиндр, стансия, сирк, семент.

**Машқи 236.** Бо кӯмаки омӯзгор номҳои тоҷикии истилоҳҳои забоншиносиро рӯбарӯ нависед. Гӯед, ки дар ин калимаҳо *с* ба ҷойи кадом ҳарф дар шакли *с* ва *тс* навишта шудааст.

Аксент, ассимилятсия, диссимилятсия, суффиксатсия, классификатсия, префиксатсия, аффиксатсия, конструксия.

**Машқи 237.** Ҳамсадои *с*-ро мувофиқи имло дар аввал, мобайн ва охир кор фармуда, калимаҳои иқтибосӣ нависед.

## Дарсҳои 55—56. ҲИҶО ВА ХЕЛҲОИ ОН

Калимаҳо дар талаффуз ба ҳиссаҳо тақсим мешаванд. Масалан, калимаҳои *қалам, паргор* ба ҳиссаҳои *қа-лам, пар-гор* ҷудо мешаванд. Ин ҳиссаҳои калима *ҳиҷо* ном доранд. Ҳиҷо хурдтарин воҳиди талаффуз аст.

Воситаи асосии ҳиҷосозӣ садонокҳо мебошанд. Онҳо алоҳида ё дар якҷоягӣ бо ҳамсадоҳо ҳиҷойи гуногунро месозанд. Бинобар ин, дар калима миқдори ҳиҷоҳо ба миқдори садонокҳо баробар аст. Дар калима чӣ қадар садонок бошад, дар он ҳамон қадар ҳиҷо мешавад: *о-су-да, о-бод, дил-ни-шин, гаҳ-во-ра.*

Ҳиҷо хелҳои гуногун дорад. Агар ҳиҷо бо садонок тамом шавад, *ҳиҷойи кушод* (до-ру, шо-на) ва агар бо ҳамсадо ба охир расад, *ҳиҷойи баста* (шаб-нам, панҷ-сад) ном дорад.

Ҳиҷо агар зада гирад, ҳиҷойи заданок ва агар безада гуфта шавад, ҳиҷойи безада ном дорад.

**Машқи 238.** Калимаҳоро аз рӯйи адади ҳиҷо ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед.

Посбон, бинокор, тунукасоз, мисраъ, реша, пошна, хонатлас, хушҳаво, ғамгусор, байтбарак, роҳхат, рубоӣ, ришта, ривоят, хонасоз, ғазалхон, ҷафокаш, соҳибҳунар.

**Машқи 239.** Даҳто калимаи ҳиҷоҳояшон кушод нависед.

*Намуна:* хо-ла, ха-зи-на, бо-да.

**Машқи 240.** Фикрҳои пандомӯзро хонед ва хулосаатонро аз рӯйи мазмуни он баён кунед. Калимаҳоро дар алоҳидагӣ ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед.

1. Модари соҳибдухтар — шахси хушбахт.
   Модари бедухтар — шахси сарсахт.
2. Одами хонанишин — шахси худнафрин.
3. Тухми кошта — нишонаи навмедӣ ва рӯзафзунӣ.

**Машқи 241.** Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда, хели ҳиҷояшонро номбар кунед.

Шафтолуранг, пурнур, хайма, чормағзфурӯшӣ, шабнамхӯрда, шашмақомдон, ҳикматшинос, мавзунқомат, хамидақомат.

**Машқи 242.** Понздаҳто калимаи ҳиҷоҳояшон баста нависед. Намуна: шат-ранҷ, ях-дон.

## Тест

1. Ҳиҷоҳо вобаста ба таркибу хусусиятҳои овозиашон чӣ гуна мешаванд?

а) кушод ва баста
б) равшан ва норавшан
в) камистеъмол
г) серистеъмол

2. Ҳиҷоҳои аз садонок таркибёфта ё худ бо садонок тамомшаванда чӣ гуна ҳиҷо ба шумор меравaнд?

а) ҳиҷойи кушод
б) ҳиҷойи баста
в) нимҳиҷо
г) бисёрҳиҷо

3. Ҳиҷоҳои ҳарфи охиринашон ҳамсадо буда, кадом гурӯҳи ҳиҷоро ташкил медиҳанд?

а) ҳиҷойи кӯтоҳро
б) ҳиҷойи бастаро
в) ҳиҷойи дарозро
г) ҳиҷойи кушодро

4. Ҳиҷоҳо вобаста ба заданокӣ чӣ гуна мешаванд?

а) заданок ва безада
б) кушода ва пӯшида
в) дароз ва кӯтоҳ
г) пурра ва нопурра

**Машқи 243.** Панҷтогӣ калимаҳои дуҳиҷойӣ, сеҳиҷойӣ, чорҳиҷойӣ нависед.

## Дарси 57. БА САТРИ ДИГАР КӮЧОНИДАНИ ҲИССАИ КАЛИМА

Ҳангоми ба сатри дигар кӯчонидани ҳиссаи калима шартҳои зерин ба ҳисоб гирифта мешаванд:

1. Яклухтии ҳиҷо нигоҳ дошта мешавад: *боғ-бон, дӯс-тӣ, баъ-зан, қаҳ-ва, му-си-қа-на-воз, қа-лам-ча-пай-ванд.*

2. Дар калимаҳои ташдиддор як ҳарф дар сатри аввал мемонад ва ҳарфи дуюм ба сатри дигар кӯчонида мешавад: *хур-рам, табас-сум, муваф-фақият.*

3. Як ҳарф ҳиҷоро ташкил кунад ҳам, дар сатри пешина намемонад ва ба сатри дигар кӯчонида намешавад: оҳис-та, офтоб-рӯя (шакли дуруст), *о-ҳиста, офтобрӯ-я (шакли нодуруст).*

4. Ҳамсадои ҳалқии ъ дар таркиби ҳиҷойи пеш ва дар сатри аввал мемонад: *меъ-да, меъ-мор.*

5. Калимаи якҳиҷойии ба сатри аввал нағунҷида ба сатри дигар яклухт навишта мешавад: *сол, моҳ, зарб, ҷамъ, кач, рост, лой, барф, дуд, роҳ* ва *ғайра.*

6. Дар сатри аввал пас аз ҳиҷойи яклухт аломати тире гузошта шуда, ҳиссаи боқимондаи он ба сатри дигар навишта мешавад.

**Машқи 244.** Калимаҳоро мувофиқи қоидаи якуми аз сатр ба сатркӯчонӣ ба ҳиссаҳо ҷудо карда нависед.

Фарёд, нола, вазифа, осон, душвор, муаммо, мухаммас, ҳаво, хунук, гармсел, форам, корчаллон, тадбиркор, ташаббускор, мунтазам, тараққиёт, тааҷҷуб, талаффуз, ошуфтаҳол, ҳақиқатнигор.

**Машқи 245.** Калимаҳои дар таркиб ҳарфи ташдиддорро ба тарзи аз сатр ба сатркӯчонӣ ба дафтар рӯбардор кунед.

Ассалом, иттифоқ, миллӣ, муддат, мураккаб, мусаллаҳ, муқаддима, чилла, шиддат, якка, қисса.

**Машқи 246.** Бо интихоби калимаҳои поёнӣ матне бо сарлавҳаи *«Ба рӯйи ях ва барф метозему мебозем»* тартиб диҳед.

Барф, барфбозӣ, ях, яхпора, барфин, барфолуд, барфпӯш, барфреза, яхи тунук, яхи ғафс, барфтӯда, барфтеппа, барфӣ, яхак, яхбанд, яхбур, яхбаст, барфи лак-лак борида, яхи шикаста.

**Машқи 247.** Калимаҳоро аввал ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед, сонӣ бо қоидаи аз сатр ба сатркӯчонӣ нависед. Фарқи ҳиҷоҷудокуниву аз сатр ба сатркӯчонии калимаҳоро гӯед.

Офтоб, олам, аҷоиб, ахлоқ, асос, амма, айём, иваз, хайма, доира.

**Машқи 248.** Калимаҳои дар таркиб ҳамсадои ҳалқии ъ доштаро ба тарзи аз сатр ба сатркӯчонӣ ба дафтар рӯбардор кунед.

Ҷамъият, ҷамъбаст, чидааъзо, шеърнавис, қалъасозӣ, ҷамъомадгоҳ, аълосифат, аъмол ҷамъшаванда, бамаъни, баъди кор, шаъну шараф.

**Машқи 249.** Аз силсилаи мисолҳо калимаҳои якҳиҷоийи ба сатри аввал нағунҷидаи ба сатри дигар яклухт навишташавандаро муайян кунед.

Хол, рубоб, хишт, калима, шакл, баландмартаба, байт, ресмон, бахт, бонг, рост, ширмоҳӣ.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Мувофиқи чӣ гуна шартҳо ҳиссаи калимаҳо аз як сатр ба сатри дигар кӯчонида мешавад?
2. Аз сатр ба сатркӯчонии ҳиссаи калима гуфта чиро мефаҳмед?
3. Пас аз ҳиссаи яклухт дар сатри аввал пеш аз ҳиссаи дигари калима кадом аломат гузошта мешавад?
4. Ҳиҷоҳои аз як садонок таркибёфтаро дар шакли танҳо дар сатри аввал вогузошта навиштан дуруст аст оё хато?
5. Ҳамсадои ҳалқии дар дохили калима омадаи ъ дар вақти ба ҳиссаҳо ҷудо карда навиштани калимаҳо дар кадом сатр мемонад?

**Машқи 250.** Маълумотро доир ба қоидаҳои аз сатр ба сатркӯчонӣ хонед ва фикратонро бо навиштани мисолҳо исбот кунед.

## Дарси 58. ЗАДАИ КАЛИМА

Равшантару сахттар садо додани яке аз ҳиҷоҳои калимаро *зада* меноманд. Ҳиҷойи заданок ба воситаи аломати / нишон дода мешавад: мактаб, хона, тиреза, ниҳоят, фардо.

Зада дар ҳиҷоҳои гуногуни калима меояд. Он дар исмҳо, сифатҳо, шумора ва баъзе ҷонишинҳою зарф дар ҳиҷойи охир меояд: Хуршед, боғбон, нилобӣ, сездаҳ, нӯҳсад, бинанда, шумо, оҳиста.

Дар баъзе исмҳо, ҷонишинҳо, шаклҳои тасрифии феъл, зарфҳо, ҳиссачаҳо ва нидо зада дар ҳиҷойи аввал ё мобайн меояд: Аҳроров, ҳама, инчунин, меравам, намегирам, хеле, ниҳоят, канӣ.

**Машқи 251.** Ба кадом ҳиссаҳои нутқ мансуб будани калимаҳоро муайян намуда, онҳоро дар алоҳидагӣ нависед. Баъд аз он гӯед, ки аломати зада дар кадом қисми калимаҳо гузошта шудааст?

Саҳро, сафед, ҳазор, кадом, дидан, хониш, оҳанин, дувоздаҳ, ҳамин, омадан, мардум, қадбаланд, сесад, чунин, гузоштан, панҷсад, табассумкунон, нуздаҳ, беихтиёр, якдигар, ҳамдигар.

**Машқи 252.** Фикрҳои пандомӯзро хонед ва хулосаатонро аз рӯйи мазмуни он баён кунед.

1. Дар назди хирадманд худро нодон бишумор.
2. Дар байни дӯсту душман худшинос бош.
3. Пахш кардани остона — мамнӯъ.

Калимаҳои аз забони русӣ иқтибосшуда бо задаҳои худашон талаффуз мешаванд: кино, атом, физика.

Агар калимаҳои иқтибосии русӣ ҷузъи калимасози тоҷикӣ қабул кунанд, задаи онҳо ба ҳиҷойи охир мекӯчад: атом — атомӣ, графика — графикӣ.

Ба бандаки изофӣ (китоби нав), пешоянду пасояндҳо (ба мактаб, дафтарро), пайвандакҳо (қаламу дафтар), бандакҳои феълию хабарӣ (хондам, хондаам) зада намеафтад.

Пешванди *ме-* (медид, мехонд) ва ҳиссачаи инкории *на-* (намедид, намехонд) ҳамеша заданок талаффуз мешаванд.

**Машқи 253.** Ҳиҷои заданоки калимаҳоро бо аломати заданокӣ нишон диҳед. Калимаҳоро аз рӯйи ҷойи зада (аввал, охир, мобайн) дар сутунҳои алоҳида нависед.

Интернет, сотка, компутер, сканер, принтер, телефон, магазин, математика, дирӯз, китоб, фардо, ҳама, инчунин, мисли, бобо, падар, Аҳмадов, Мунира, Қосимовна, Раҳимов, Салим, Каримович, хеле, зебо, дусад, ҳазор, хобидан, давидан.

**Машқи 254.** Ҳикоятро хонед, ҷумлаи дилхоҳро интихоб намуда, бо гузоштани аломати шартӣ ҳиҷоҳои зададори калимаҳои таркиби онро муайян кунед.

Пирамарде бо писараш зиндагӣ мекард. Мӯйсафед камбағал бошад ҳам, хеле саховатманд буд. Тамоми умр ба бенавоён ёрии беминнат мерасонд. Ӯ дар кӯмакрасонӣ ба дигарон банд шуда, ба фарзанди худ хона сохта натавонист. Пеш аз марг ба писар гуфт: «— Писар, ҳамеша бо халқ бош! Онҳо туро танҳо намегузоранд». Дар ҳақиқат, пас аз дафни пирамард ба назди писари ӯ хешу ақрабо ва наздикону ҳамсоягон омаданд. Ҷавонро дилбардорӣ карда гуфтанд: «— Бисёр маъюс машав. Ғамхории падарат дар ҳаққи мо хеле зиёд аст. Аз ин рӯ, мо низ, албатта, ба ту кӯмак менамоем». Ҳашар ташкил намуданд ва дар якҷоягӣ ба ҷавон хонаи нав сохтанд. Аз хизмати беминнат ва холисонаи онҳо писари мӯйсафед мамнун шуд.

**Машқи 255.** Калимаҳои ифодакунандаи ном, аломат, адад ва ҳаракати предметро нависед. Ҳарфу овозҳои баландтару равшантар талаффузшавандаро бо гузоштани аломати шартии зада муайян намоед.

## Дарсҳои 59—60. ТАҲЛИЛИ ФОНЕТИКӢ

### Тартиби таҳлили фонетикӣ

1. Аз чанд ҳарф ва овоз иборат будани калимаро муайян намудан.

2. Дар алоҳидагӣ навиштан ва номбар кардани ҳарфу овозҳои садоноку ҳамсадо.

3. Ҳамсадоҳои ҷарангдор ва беҷарангро ба гурӯҳҳо ҷудо карда навиштан.

4. Ба ҳиҷо ҷудо кардани калима.

5. Хотирнишин ва ёдрас кардани ҳиҷоҳои таркиби калима: кушод ва баста, заданок ва безада.

*Мисол:* тарбия.

*Намунаи таҳлил:*

1. Калимаи *«тарбия»* аз шаш ҳарф (т, а, р, б, и, я) ва ҳафт овоз (т, а, р, б, и, й+а) иборат мебошад.

2. Дар таркиби калимаи *«тарбия»* дуто ҳарфи садонок (а, и), сето ҳарфи ҳамсадо (т, р, б), якто ҳарфи ётбарсар (я) мушоҳида карда мешавад.

3. Ҳарфҳои *р, б* ҳамсадоҳои ҷарангдор ва ҳарфи *т* ҳамсадои беҷаранг.

4. Калима аз се ҳиҷо таркиб ёфтааст: *тар-би-я*.

5. Ҳиҷойи дуюм зада қабул кардааст, ки он дар болои ҳарфи *и* гузошта мешавад.

*Мисолҳо барои таҳлил*

*Супориши 1.* Калимаҳои таркиби ҷумлаҳоро дар алоҳидагӣ таҳлили фонетикӣ кунед.

1. Ангуштони Абӯалӣ торҳои танбӯрро ба садо медароранд.

2. Вай пичирросзанон аз ҳамнишинаш пурсид.

3. Байти аввалини ғазал матлаъ ва охирин мақтаъ ном дорад.

4. Хандаҳои хушҳолона баланд шуданд.

*Супориши 2.* Матнро хонед ва аз таркиби он калимаҳои сохтаву мураккабро муайян намуда, чанде аз онҳоро таҳлили фонетикӣ кунед.

## Ҳашар

Халқи мо дорои анъанаҳои хуб аст, ки яке аз онҳо ҳашар мебошад. Аз қадимулаём бахри қонеъ гардонидани эҳтиёҷи ягон шахс, оила ва ё иҷрои кори ягон ҷамоа

мардуми мо ҳашар мекарданд. Ана, дар ҳамин гуна маврид ҳамсоя, дӯстон ва ҳамдеҳаҳо ба ёрӣ мешитофтанд. Ин гуна ҷамоаи ихтиёрӣ ҳангоми сохтани хонаву ҷой, пул, таъмири роҳ, тоза кардани ҷӯйбор ва кофтани чоҳҳо ташкил карда мешаванд. Дар раванди амалиёт ҳашарчиён на танҳо кор мекунанд, балки байни худ сӯҳбат ороста, муҳити меҳнативу истироҳат ба вуҷуд меоваранд. Дар ҳаёти мо мисли ҳашар тадбирҳои зиёде гузаронида мешавад.

## Дарси 61. ТАКРОРИ ОВОЗШИНОСӢ, ТАЛАФФУЗИ АДАБӢ ВА ИМЛО

## Дарсҳои 62—63. НАҚЛИ ХАТТӢ АЗ РӮЙИ МАЗМУНИ МАТН

### Зардолу

Ҳангоми ниҳолшиносӣ яке аз бачаҳо, ки аъзои маҳфил набуд, аз Озод пурсид:

— Дигар хел ниҳол нест, ки фақат зандолу мешиносед?

— Озод хандид.

— Зандолу не, зардолу, — ислоҳ карданӣ шуд ӯро. Дигарон ҳам хандиданд. Писарбача хиҷолат кашида, рӯяш то буни гӯш сурх шуд.

— Ман зандолу гуфта одат кардагӣ. Дар хонаи мо ҳама зандолу мегӯянд.

— Зандолу! Ҳм. Ин ҳеҷ мазмун надорад! — шӯрид Раҳими тундмиҷоз.

— Зард-олу, яъне олуи зард. Мефаҳмӣ?

— Ман ба ин фикри ту розӣ не. Раҳим, — ба баҳс ҳамроҳ шуд Фарҳод, ки дар ҳамон наздикӣ кор мекарду гуфтугӯи бачаҳоро мешунид. — Зардолу сурх, сафед, кабуд, гулобӣ ҳам мешавад-ку?

— Ман бошам, зардолу мегӯям, — табассумкунон лаб ба сухан кушод Сангинбобо, — яъне зари доруҳо, беҳта-

рин дору. — Ва суханашро ин сон маънидод кард. — Охир, мо чизи беҳтаринро бо зар қиёс мекунем: замини беҳтарин — зархок, коргари беҳтарин — заргару заркор, матои беҳтарин — зарбофт ва ҳоказо. Меваи ин дарахт аз ғӯра то пухта ҳалво шуданаш дору. Кони витаминҳо. Мағзаш — дору, баргаш — доруи дандон, гармии лахчаи ҳезумаш — давои дарди по ва миён, қиёму шарбати гулаш, шилмаш ҳам бамазаю марҳами ҷон. Хазонаш хӯроки беҳтарини чорво. Зардолу гӯем, равост. *(Аз китоби «Мурғи сухангӯй»)*

*Супориши 1.* Матнро хонед ва аз рӯйи мазмуни он нақшаи нақли хаттии менавиштагиатонро тартиб диҳед.

*Супориши 2.* Аз ҷиҳати талаффуз ва навишт фарқияти калимаҳои зардолу, зандолу, зардоруро муайян кунед.

*Супориши 3.* Аз таркиби матни нақли хаттӣ панҷто калимаи дилхоҳро интихоб карда, таҳлили фонетикӣ кунед.

# КАЛИМА

## Дарси 64. МАЪНОИ ЛУҒАВИИ КАЛИМА

Калимаҳо аз ҷиҳати маънои луғавӣ ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд:

1. Калимаҳое, ки маънои луғавӣ доранд ва бо саволҳо ҷавоб мешаванд: *саҳро, сабз, бист, нишаст.* Ин гурӯҳи калимаҳо ҳиссаҳои мустақили нутқро ташкил медиҳанд.

2. Калимаҳое, ки маънои луғавӣ надоранд ва ба савол ҷавоб намешаванд: *аз, то, ва, ки, аммо, вале, зеро.* Ин гурӯҳи калимаҳоро ҳиссаҳои ёвари нутқ меноманд. Бо ёрии онҳо калимаҳои мустақилмаъно бо ҳамдигр алоқаманд шуда, ҷумларо ба вуҷуд меоранд: Гунҷишкро аввал шарикам дид ва онро ба ман нишон дод. Ҳамроҳ назди зардолу омаданд, вале аллакай аз ҷонвар нишоне набуд.

**Машқи 256.** Калимаҳои маънои луғавӣ доштаву надоштаро дар алоҳидагӣ нависед.

Зимистон, аз, то, барф, ки, ҳаво, ба, хунук, бо, яхмолакбозӣ.

**Машқи 257.** Дахтои калимаҳои маънои луғавӣ доштаву надошта нависед ва фарқияташонро гӯед.

> Воҳиди нутқе, ки мафҳуми мушаххас (конкрет)-ро ифода мекунад, калима ном дорад.
>
> Дар натиҷаи пешрафту дигаргуншавии ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангиву маданӣ дар солҳои 90-уми асри XXI ба таркиби луғавии забон калимаҳои нав ба мисли компутер, сканер, принтер, сотка, тадбиркор, фермер, ширкат, карточкаи пластикӣ дохил гардид. Аз ҳисоби ҳамин ва дигар вожаҳо миқдори калимаҳои забони тоҷикӣ афзуд.

**Машқи 258.** Калимаҳоро ба дафтар рӯбардор кунед ва доир ба яке аз асбобҳои мусиқӣ маълумот диҳед.

Тор, ғижжак, най, рубоб, доира, чанг, танбӯр, даф, таблак, чағона, барбат, уд, карнай, сурнай.

**Машқи 259.** Аз калимаҳои поёнӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Литсей, коллеҷ, рейтинг, тест, озмун, ғолиб.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Калима чист?
2. Калима аз чиҳо таркиб меёбад?
3. Таркиби луғавии забон аз ҳисоби чӣ гуна калимаҳо ғанӣ мегардад ва инкишоф меёбад?
4. Калимаҳо аз ҷиҳати маънои луғавӣ ба кадам гурӯҳҳо ҷудо мешаванд?

**Машқи 260.** Калимаи *«Ватан»*-ро аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дарёфт намуда, бо шарҳу маънӣ ба дафтар рӯбардор кунед.

## Дарси 65. КАЛИМАҲОИ ЯКМАЪНО ВА СЕРМАЪНО

Дар забон калимаҳо аз ҷиҳати ифодаи маънӣ гуногун мешаванд.

Калимаҳое, ки танҳо дорои як маъно мебошанд, *якмаъно* (моносемия) ба шумор меравand: *себ, харбуза, қанд, шакар, яхдон, гӯшт* ва ғайра.

Калимаҳое, ки ду ва ё якчанд маъноро ифода мекунанд, *сермаъно* (полисемия) ном доранд.

Калимаи *«даст»* чун ҷузъи бадани инсон бо дигар калимаҳо алоқаманд гардида, маъноҳои нав пайдо кардааст: *дасти кушод* (саховатмандӣ), *даст кашидан* (худдорӣ кардан), *дасту по гум кардан* (саросема шудан), *даст ба коре задан* (машғули коре будан), *аз даст додан (гум кардан)*, *даст ба гиребон бурдан* (ҳайрон шудан) ва амсоли инҳо.

**Машқи 261.** Бо калимаҳои якмаънои поёнӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Орд, нон, барф, борон, корд, шона, олу, гелос.

**Машқи 262.** Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи *«забон»*-ро гузошта, калима ва ибораҳоро дар шакли пурра ба дафтар кӯчонед. Баъд аз он маънои маҷозиашонро ёдрас кунед.

... доштан, ... дароз, ... кӯтоҳ, ... кашидан, ... ширин кардан, ... тоза кардан, ... ситонидан, аз ... афтодан, ба ... омадан, ... гирифтан, ... баровардан, ... як кардан.

**Машқи 263.** Маънои ибораҳои поёниро дар қавсайн навишта ба дафтар рӯбардор кунед.

Сари шӯрида, сари об, сари роҳ, сари чашма, сари сабз, сари даст, сару кор, сар афрохтан, сар андохтан, сар бар гирифтан, сар афшондан, сар баровардан, сар задан.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Чӣ гуна калимаҳоро калимаҳои якмаъно меноманд?
2. Сермаъногии калима гуфта чиро дар назар доред?
3. Фарқияти калимаҳои якмаъно ва сермаъно дар чист?

**Машқи 264.** Хонед ва маънояшонро муайян кунед. Бо онҳо ҷумла тартиб диҳед.

Рӯй овардан, рӯй тофтан, рӯй турш кардан.

## Дарсҳои 66—67. МАЪНОИ АСЛӢ ВА МАҶОЗИИ КАЛИМА

Калима дорои маънои аслӣ ва маҷозӣ мебошад. Агар калима ба маъно ва мафҳуми аслии худ кор фармуда шуда бошад, онро *маънои аслӣ* меноманд. Ба *маънои ғайриаслӣ,* кӯчида, тамоман дигар омадани мафҳуми калима, *маънои маҷозӣ* ба шумор меравад. Баъзе аз калимаҳо, ғайр аз маънои аслӣ маънои маҷозиро низ ифода мекунанд. Масалан: Хона ҷимҷит шуд. Доираи якзайл чапак задаистода ҳам баробари раққоса оҳиста-оҳиста ба сӯйи сардорон равон гашт.

Дар ин ҷумлаҳо калимаҳои хона ва доира на ба маънои аслии худ, балки ба маъноҳои маҷозӣ — ба ҷойи мардум одамон кор фармуда шудааст.

Маънои маҷозии калима суханро таъсирбахшу пуробуранг мекунад. Он барои пурра ва ҷозибноктар тасвир намудани предмет ва ҳодисаҳои гуногун ба шоир ва нависанда имконияти матлубе медиҳад.

Эй нури чашми ман, сухане ҳаст, гӯш кун,
То соғарат пур аст, биншону нӯш кун!

Деҳқони солхӯрда чӣ хуш гуфт ба писар,
К-эй нури чашми ман, ба ҷуз аз кишта надравӣ.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ибораи *нури чашм* ба маънои аслию ҳақиқии худ — ба маънои *равшании чашм* не, балки дар байти якумӣ ба манои *дӯсти наздик* ва *ёри ҷонӣ* ва дар байти дуюмӣ ба маънои *фарзанд* истифода шудааст.

**Машқи 265.** Ифодаҳои маҷозии калимаҳои поёниро муайян карда, дар дохили қавс ба ҷойи нуқтаҳо нависед.

Кушодадаст ( ..., ...), кушодадил (..., ..., ...), кушодазабон (..., ...), кушодалаб (...), кушодарӯ (..., ...), дарёдил (..., ...)

Ифодаҳои маҷозӣ: олиҳиммат, сахӣ; хурсанд, хуррам, хушҳол; суханвар, хушгап; хандон; меҳрубон, хандонрӯ.

**Машқи 266.** Порчаҳои шеърӣро хонед ва ба кадом маънӣ истеъмол гардидани калимаи *«дуто»*-ро гӯед.

Дуто шудам зи ғами ишқу зор менолам,
Ба нола дол бувад қомати хамидаи чанг.

*Мушфиқӣ*

Як рӯз қади расову як рӯз дуто,
Як рӯз камон ба даст, як рӯз асо.

*Лоиқ Шералӣ*

Чун ғамхор он модараш,
Дуто намуд як сараш.

*Салим Кенҷа*

**Машқи 267.** Калима ва ибораҳои ба маънои маҷозӣ корбастшударо муайян кунед. Аз ҷиҳати маъно фарқияташонро гӯед.

1. Тӯда ба ҷунбиш омад. 2. Ба назарам ситораатон гарм метобад. 3. Ба лабони давранишин қулф зада шуда буд. 4. Ӯ одатан, чашми рӯз накафида дар боғ мегардад. 5. Хирсак дар муддати ду сол мураббоҳои олуболу, зардолу, ҳамаи чормағз ва шарбатро ба ҷиғилдон зад. 6. Писарак тамоман дасту по гум карда мондааст. 7. Духтари гуландом

ҳозир шуда, бо хуршеди ҷамолаш гӯё хонаро равшан кард. 8. Чеҳраи равшани пиронаи Таҳамтан хира гашт. 9. Зану шавҳари доғдил ба кӯдак меҳр монданд ва ҳамчун фарзанди худ ба парвариш пардохтанд.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Маънои аслӣ ва маҷозии калимаҳоро бо мисолҳо фаҳмонед.
2. Маҷоз дар нутқ бо чӣ мақсад кор фармуда мешавад?

**Машқи 268.** Бо назардошти маънои аслӣ ва маҷозӣ ибораҳоро дар алоҳидагӣ нависед.

Ангури ширин, сухани ширин, навдаи овезон, барфи сафед, бахти сафед, ҳавои гарм, дили гарм.

## Дарсҳои 68—69. КАЛИМАҲОИ ҲАММАЪНО (МУРОДИФ)

Калимаҳои гуногуншакле, ки як маъноро мефаҳмонанд ва ё аз ҷиҳати маъно ба ҳамдигар наздиканд, муродиф (синоним) номида мешаванд.

Муродифҳо ғановати забон ба шумор рафта, ба воситаи онҳо тобишҳои гуногуни маъноӣ ифода карда мешаванд. Монанди: аҳд — паймон, қавл, ваъда; бахт — толеъ, иқбол, аъмол, саодат, насиба, тақдир; гард — чанг, ғубор; дарё — наҳр, рӯд; доно — боақл, оқил, соҳибақл, закӣ, олим, хирадманд, донишманд; кор — заҳмат, ранҷ, хизмат, меҳнат, шуғл, риёзат.

Муродифҳо хоси услубҳои нутқ мебошанд. Аз ин ҷиҳат онҳо муродифҳои услубӣ ба шумор мераванд. Калимаҳои *моҳ, қамар, ҳилол, бадр* дар маънои предметиашон фарқ надоранд, аммо ҳар яке аз онҳо вобаста ба мавқеи истеъмолӣ ва хусусиятҳои услубӣ фарқ мекунанд. Фарқ дар он аст, ки моҳ лексикаи услуби гуфтугӯӣ, қамар, ҳилол, бадр лексикаи услуби адабӣ-китобатӣ мебошанд.

**Машқи 269.** Муродифи калимаҳои *Ватан, азиз, посбонро* дар алоҳидагӣ нависед.

Пуштибон, зодгоҳ, маҳбуб, муҳофиз, сарзамин, мӯҳтарам, дастгир, кишвар, гиромӣ, нигаҳбон, диёр, арҷманд, дидбон, мамлакат, муқаддас, қаровул, табаррук.

*Намуна:* Хуб — нағз, беҳ, хуш, бартар, авло, сара.

**Машқи 270.** Ба воситаи калимаҳои ҳаммаънои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед ва хоси кадом услубҳои нутқ буданашонро гӯед.

Арча, бурс, барқ, чароғак, оташак, тундар, чақмоқ, бемор, касал, бетоб, ранҷур, хаста, бино, иморат, бод, шамол, насим.

**Машқи 271.** Порчаи шеърииро хонед, муродифи калимаҳои бо ранги сиёҳ навишташударо дар алоҳидагӣ номбар кунед.

**Деҳқон** зи шавқ боз ба **саҳро** равона шуд,
Банди **хаёли** кишти наву обу дона шуд.
Аз нав шипангу чайла ба вай мисли хона шуд,
Бояд ки гуфт: боз самар бештар гирифт.

*Наимҷон Назирӣ*

*Муродифи калимаҳо:* фикр, андеша, гумон, мулоҳиза, хотир; барзгар, кишоварз, коранда; биёбон, дашт; коштан, коридан; фоида, нафъ, натиҷа.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Калимаҳои гуногуншакли ифодакунандаи маънои якхела чӣ ном доранд?
2. Гӯянда калимаҳои ҳаммаъноро дар нутқ бо чӣ мақсад интихоб ва корбаст менамояд?
3. Силсилаи калимаҳои ҳаммаъно хоси кадом услубанд?
4. Дар адабиёти бадеӣ бештар чӣ гуна калимаҳои ҳаммаъно корбаст мешаванд?

**Машқи 272.** Муродифоти калимаҳои *«ақл», «бахт», «ганҷина»*-ро аз *«Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ»* дарёфт намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

## Дарси 70. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 273—276

**Машқи 273.** Ба ҷойи нуқтаҳо пеш аз аломати тире калимаҳои ҳаммаънои мувофиқро гузошта, ба дафтар рӯбардор кунед.

... — хома, килк; ... — арк, қалъа, кӯшк, кох; ... — зиндагӣ, умр, рӯзгор; ... — пайғом, мужда, маълумот, дарак; ... — далер, шердил, ҷасур, диловар; ... — мақом, савт, наво, нағма, садо; ... — лона, кулба, ошён.

*Калимаҳои ҳаммаъно барои истифода:* хона, оҳанг, нотарс, хабар, ҳаёт, қаср, қалам.

**Машқи 274.** Порчаҳои шеъриро хонед, муродифи калимаҳои дилхоҳро номбар кунед.

Якчанд таронаҳо тараннум кардем,
Бар ҷониби хуршед табассум кардем.
Ҳар қадр сафои умр ҷустем зи даҳр,
Он қадр бақои умрро гум кардем.

Пирони хирад ба ҳар замоне буданд,
Бар миллати хеш тарҷумоне буданд.
Гар ҳикмати халқ ганҷи бесоҳиб буд,
Онҳо ба мисоли посбоне буданд.

*Лоиқ Шералӣ*

**Машқи 275.** Ба ҷойи нуқта калимаҳои ҳаммаънои мувофиқро интихоб карда, ҷумлаҳоро дар шакли пурра хонед.

1. Ҷомаи бо ... кӯтоҳ намеояд. 2. Ҳар ҳафта рӯзи чоршанбе ...и забоншиносони ҷавон баргузор мегардад. 3. ...и кордида беҳ аз насиҳати нодон. 4. ... бисёр дону андаке гӯй. 5. Бачагонро вай аксар бе ҳеҷ ваҷҳ озор медод, мезад ва бо ... ҳои қабеҳ хорӣ медод. 6. ... зишт, таги ғишт. 7. ...ҳои ман гуфтагӣ тамоман дигар буданд. 8. Бо ... ширин ҳамаро ба худ мафтун кард.

*Калимаҳои ҳаммаъно барои истифода:* маслиҳат, машварат, панд, сухан, гап, лафз, калом.

**Машқи 276.** Бо интихоби калимаҳои ҳаммаънои зер ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Каллапӯш, тӯппӣ, тоқӣ, кулоҳ, зебо, хушсимо, хушрӯй, соҳибҷамол, нозанин, касал, бемор, мариз

*Намуна:* Деҳа боғу бӯстонҳои фаровон дорад ва мардумаш ҳам солиму хушсимост.

## Дарси 71. КАЛИМАҲОИ ЗИДМАЪНО (АНТОНИМ)

Калимаҳое, ки маънои муқобилро ифода мекунанд, *зидмаъно (антоним)* ба шумор меравацд: *дур-наздик, равшан-торик, тар-хушк, ширин-талх, хурд-калон.*

Калимаҳои зидмаъно бо мақсади пурқуваттар ифода кардани фикр кор фармуда мешаванд: 1. Ҷавонон насиҳати пиронро бодиққат гӯш мекарданд. 2. Доно — бо омӯзиши илм, нодон — бо ғами шикам банд.

**Машқи 277.** Ба ҷойи нуқтаҳо баъд аз аломати тире калимаҳои зидмаънои мувофиқро гузошта, ба дафтар рӯбардор кунед.

Некӣ —... , хирадмандӣ —... , назарбаландӣ —... , ҳимматбаландӣ — ... , хоксорӣ — ... , фаъолиятнокӣ — ... , далерӣ — ... , софдилӣ — ... , меҳнатдӯстӣ — ...

*Калимаҳо барои истифода:* бадӣ, бехирадӣ, ҳасудӣ, хасисӣ, мутакаббирӣ, коҳилӣ, буздилӣ, сиёҳдилӣ, танбалӣ.

**Машқи 278.** Калимаҳои зидмаънои порчаҳои шеъриро муайян кунед.

Қаҳр ширинро ба талхӣ мебарад,
Талх бо ширин куҷо андар хурад?

*Ҷалолиддини Румӣ*

Субҳ омаду шом омаду шаб омаду рӯз,
Шуд об дилам, валек ман ташна ҳанӯз.

Ҷаҳон равшан, ҷаҳон торик бошад,
Дар ӯ гаҳ зишт, гоҳе нек бошад.
Раҳи дуре набошад ҳеҷ мушкил,
Чу бо ту дӯсте наздик бошад.

*Лоиқ Шералӣ*

**Машқи 279.** Бо калимаҳои зидмаънои ҷуфти поёнӣ аввал ибора, сонӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Талху ширин, дӯсту душман, шабу рӯз, шому саҳар, обу оташ, сурху сафед, гарму хунук, пасту баланд.

## Дарсҳои 72—73. КАЛИМАҲОИ ҲАМШАКЛ (ОМОНИМ)

Калимаҳое, ки шаклан якхелаю маъноҳои гуногунро ифода мекунанд, *омоним* ном доранд: сиёҳгӯш (гул) — сиёҳгӯш (ҳайвон), фарқ (тафовут) — фарқ (тори сар), май (номи моҳ) — май (шароб), хор (растанӣ) — хор (дастаи ҳофизон), хор (хоридан), ток (токи ангур) — ток (токи электрик) ва ғайра.

**Машқи 280.** Аз сисилаи мисолҳо калимаҳои ҳамшаклро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

Майна (парранда) — майна (мағзи сар), сабр (бардошт, тоқат, тамкин, тобоварӣ, таҳаммул, худдорӣ, шикебӣ), газ (растанӣ) — газ (ченаки дарозӣ) — газ (феъли фармоиш), сайр (тамошо, саёҳат, гардиш, гашт), хандонрӯ — тундчеҳра, карам (сабзавот) — карам (саховат), расм (сурат) — расм (урфу одат), раҳм (шафқат, ғамхорӣ, дилсӯзӣ, меҳрубонӣ), хон (дастархон) — хон (подшоҳ) — хон (феъли фармоиш).

**Машқи 281.** Калимаҳои ҳамшакли порчаҳои шеъриро муайян карда, аз ҷиҳати маъно шарҳ диҳед.

Гар набудӣ нолаи найро самар,
Най ҷаҳонро пур накардӣ аз шакар.

Агар ту ҳамраҳи булбул зи баҳри гулзорӣ,
Ту хорро ҳама гул бин, чу баҳри гул зорӣ.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Нишаста ба сад фикр дар хомае,
Гирифта дар ангушти худ хомае.

*Абулқосим Фирдавсӣ*

Ба ҳар тӯе, ки Боқӣ соқӣ бошад,
Вафои дӯстдорон боқӣ бошад.

*Лоиқ Шералӣ*

**Машқи 282.** Ба ҷойи нуқта калимаҳои ҳамшакли мувофиқро гузоред.

... (ҳарф) — ... (равған), ... (покӣ) — ... (кӯҳ дар Макка), ... (ҳарф) — ... (кӯҳи афсонавӣ), ... (роз) — ... (дарё), ... (ҷонвар) — (чашмаи афсонавӣ), ... (фарёд) — ... (ҳиссаи нутқ)

*Калимаҳои ҳамшакл барои истифода:* алиф, сафо, Қоф, ҳайвон, нидо

**Машқи 283.** Бо калимаҳои ҳамшакли зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

*Луғат* (калимаҳои таркиби луғавии забон), *луғат* (фарҳанг), *баёз* (маҷмӯаи шеърҳои шоирони гуногун), *баёз* (сафедӣ), *сада* (дарахт), *сада* (ҷашни мавсимӣ), *девон* (маҷмӯаи ашъор), *девон* (девҳо), *симак* (парранда), *симак* (симча).

**Машқи 284.** Панҷто калимаи ҳамшакл интихоб кунед. Аз рӯйи маъно дар таркиби ҷумлаҳои тартиб медодагиатон истифода баред.

*Намуна:* Коғази равғанин чангу хоки кӯчаро ба худ гирифта буд.

Ҳофиз чангро бо маҳорати бемисл навохт, ки ҳама ангушти ҳайрат газиданд.

## Дарси 74. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 285—289

**Машқи 285.** Калимаҳои ҳамшаклро муайян кунед ва маънояшро шарҳ диҳед.

1. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз хурдӣ дар навохтани най шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст. 2. Бӯрёбофон барои даравидани най омаданд. 3. Аз най ва лаблабу шакар низ тайёр карда мешавад. 4. Ҳофиз пеш аз ба даст гирифтани тор харакро ҷо ба ҷо гузошт. 5. Харак мисли ҳашаротҳои дигар ҳамеша бо ҷамъ кардани ғизо машғул аст.

**Машқи 286.** Матнро хонед, калимаи ҳамшакли «озод»-ро аз ҷиҳати маънӣ шарҳ диҳед.

Командир гурӯҳи худро саф кашонд. Фармони «Рост шав!»-ро дод. Гурӯҳ фармонро иҷро кард — қади ҳама рост шуд. Командир баъд фармони «Озод»-ро бидод. Аскарон пеш аз он ки ба ҳолати озод баргарданд, як аскари нав, ки номаш Озод буд, баланд гуфт:

— Ман! *(Аз рӯзномаи «Овози тоҷик»)*

**Машқи 287.** Порчаҳои шеъриро хонед, калимаҳои ҳамшаклро муайян намуда, маъноятшонро номбар кунед.

Қомати мо чанг шуд анадар симои аҳли дард,
Ҷуз ба мизроби ғамат ин чангро натвон навохт.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Маст гардидам ба монанди ҳазор,
Офарин хондам бароят сад ҳазор.

*Салим Кенҷа*

**Машқи 288.** Калимаҳои ҳамшакли таркиби ҷумлаҳоро муайян кунед.

1. Ором шеърро ифоданок ва таъсирбахш хонд. 2. Ҳама ором нишаста буданд. 3. Офтоби толеи Одина баромад. 4. Одина яке аз номҳои рӯзи ҳафта аст. 5. Феъли саг ба соҳибаш маълум. 6. Феъли баъд — коҳиши ҷон. 7. Чил

камоли шаст, шаст заволи шаст. 8. Фирдавсӣ давотро пеш кашида ба навиштан ҳозир гардид.

**Машқи 289.** Панҷто калимаи ҳамшаклро бо шарҳи маъно ба дафтар нависед.

## Дарсҳои 75—76. КАЛИМАҲОИ НАЗДИКТАЛАФФУЗ

Калимаҳои аз ҷиҳати маъно фарқкунандаи талаффузу оҳангашон ба ҳамдигар наздик, *калимаҳои наздикталаффуз (пароним)* номида мешаванд: *мафҳум-мавҳум, лаъл-наъл, қаҳр-заҳр.*

**Машқи 290.** Калимаҳои наздикталаффузро хонед, маъно ва фарқияташонро гӯед.

Сабр — савр, сурат — суръат, аср — асир, шоҳ — шох, мақсад — мақсуд, нимрӯзӣ — нимрӯза.

**Машқи 291.** Аз силсилаи мисолҳо калимаҳои наздикталаффузро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

Дароз — кӯтоҳ, асл — асил, гашт — ҳашт, даҳр — наҳр, афв — авф, нигаҳ — нигоҳ, гармо — сармо, кафтар-кабӯтар, бағайрат — боғайрат.

**Машқи 292.** Порчаҳои шеърриро хонед, калимаҳои наздикталаффузро муайян намуда, маънояшонро шарҳ диҳед.

Зи хешу дӯстонаш дур монда,
Зи ёрони куҳан маҳҷур монда.

*Фахриддини Гургонӣ*

Дар хона ба иззату шараф бош,
Чун дурри насуфта дар садаф бош!

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Ҳавои сайри ӯ дар роҳи уммед,
Ба ҷойи фарш зар густурда хуршед.

*Абдулқодири Бедил*

Он чӣ напсандӣ ба худ аз нафъу зар,
Бар касе напсанд ҳам, эй беҳунар.

*Ҷалолиддини Румӣ*

**Машқи 293.** Бо калимаҳои наздикталаффузи фикр кардаатон ҷумлаҳо тартиб диҳед.

*Намуна:* 1. Роҳ хеле дур будааст.
2. Дурр дар таги лой ҳам дурр аст.

## Дарси 77. ТАҲЛИЛИ ЛЕКСИКИИ КАЛИМА

### Тартиби лексикии калима

1. Муайян намудани маънои луғавии калима.
2. Хотирнишин намудани якмаъно ё худ бисёрмаъноии калима.
3. Ёдрас кардани хусусиятҳои синонимӣ, омонимӣ, антонимии калима.

*Мисол:* сарҳад.

### Намунаи таҳлил:

1. Калимаи *«сарҳад»* маънои канораи ҳар чизро ифода мекунад.
2. *«Сарҳад»* калимаи бисёрмаъно мебошад. Он ба маънои канори ҳар чиз ва номи занҳо корбаст мешавад.
3. Калимаи *«сарҳад»* хусусияти синонимӣ дорад. Ҳудуд, сарҳад калимаҳои ҳаммаъно мебошанд.

*Супориш.* Калимаҳои поёниро таҳлили лексикӣ кунед.
Офтоб, модар, баҳор, таътил, хоҳар, меҳрубон.

## Дарсҳои 78—79. ИНТИХОБИ САРЛАВҲА ВА ТАРТИБ ДОДАНИ МАТН

## Дарси 80. ТАКРОРИ МАВЗӮЪҲОИ ЧОРЯКИ ДУЮМ

# КАЛИМАСОЗӢ ВА ИМЛО

## Дарси 81. РЕШАИ КАЛИМА

Он ҳиссаи калима, ки маънои асосӣ дар он аст ва ба ҷузъҳо тақсим намешавад, *реша* ном дорад.

Камонак аломати шартии реша мебошад. Он дар болои калима гузошта мешавад: лафз, мавҷ, авлод.

Калимаҳо аз ҷиҳати фарогирии решаҳо якрешагӣ, дурешагӣ, серешагӣ, чоррешагӣ ва аз он зиёд мешаванд: абр, шифобахш, дуторнавоз, сартарошхона.

Калимаҳои якрешаро *калимаҳои содда*, калимаҳои дурешагӣ ва аз он зиёдро *калимаҳои мураккаб*, калимаҳои аз воситаҳои калимасоз — пешванду пасванд ва реша таркибёфтаро, *калимаҳои сохта* меноманд: барф, пиёдагард, ҳамқадам, ғаллазор, бошуурона, бекорӣ.

**Машқи 294.** Бо гузоштани камонак решаи калимаҳоро муайян кунед. Аз ҷиҳати сохт чӣ гуна калима буданашонро гӯед.

Одамдӯст, озодфикр, пешсаф, пешқадам, ибратбахш, оиладӯст, чорводор, ашӯлахон, асилзода, абрӯфарох, адолатҷӯ, абрешимбоф, анбурсоз, ангурфурӯш.

**Машқи 295.** Аз рӯйи қолаби зерин мисолҳо нависед.



**Машқи 296.** Шеърро хонед, калимаҳои содда, сохта, мураккабро дар алоҳидагӣ нависед. Реша, пешванд ва пасвандро бо аломати шартӣ ишора кунед.

### Дарахтони деҳи кӯҳӣ

Дарахтони баланди деҳи кӯҳӣ,
Аҷаб хуш ҷилваҳою ноз доранд.

Чу барфи қуллаҳои пир ҳамдам,
Чу кабку булбулон ҳамроз доранд.

Дарахтони баланди деҳи кӯҳӣ,
Дарозумр аз ҳавои беғуборанд.
Сарафроз аз насими анбаромез,
Зи дард озод з-оби чашмасоранд...

Агар дилҳои мо пок аз ғубор аст,
Дарахти умр хуррам сад баҳор аст.

*Акбар Пирӯзӣ*

**Машқи 297.** Нӯҳто калимаи дурешагӣ нависед, ки ҷузъҳояшон аз исму исм, аз исму сифат, аз исму феъл таркиб ёфта бошанд.

*Намуна:* тиҷоратхона, хушхабар, таърихнавис.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Реша чист?
2. Аломати шартии реша кадом аст?
3. Калимаҳо аз ҷиҳати фарогирии реша ба чӣ дараҷа мешаванд?
4. Калимаи танҳо аз реша таркибёфта чӣ ном дорад?
5. Калимаҳои мураккаб гуфта чӣ гуна калимаҳоро дар назар доред?

**Машқи 298.** Даҳто калимаи мураккаби серешагӣ нависед. Бо гузоштани камонак решаи онҳоро ишора кунед.

## Дарси 82. ПАСВАНД

Он ҳиссаи калима, ки пас аз реша омада маъно ва шакли калимаро тағйир медиҳад, **пасванд** номида мешавад.

Пасванд бо гузоштани аломати ^ муайян карда мешавад. Исм, сифат, шумора, феъл, зарф пасвандҳои калимасозу шаклсози худро доранд. Пасванд пас аз реша омада бо он якҷоя навишта мешавад: гӯша, наългар, таркиш, хӯроквorӣ, камонча.

**Машқи 299.** Аз силсилаи мисолҳо калимаҳои пасвандорро муайян карда, ба дафтар нависед ва бо гузоштани аломати шартӣ пасвандҳоро ишора кунед.

Бодомзор, боҷхона, оромгоҳ, шифохона, боғ, пахтазор, кӯҳсор, боғистон, оташдон, пиёдагузар, шамъдон, чароғ, шаҳрча, ҷонварон.

**Машқи 300.** Ба калимаҳои дилхоҳ пасванди *-а, -чӣ, -ӣ, -гар* илова карда нависед.

Тунук, шӯр, чашм, даст, гӯш, шох, саёҳат, ёрдам, навбат, хизмат, сӯзан, бедорхоб, танпарвар, рӯйханҷолкун, сурудхон, говдӯш, ҳисоб, мис, оҳан, таъмир.

**Машқи 301.** Бо интихоб ва корбасти пасвандҳои ҷамъсози *-ҳо, -он, -гон, -ён* мисолҳо нависед. Аз рӯйи вазифа ба кадом гурӯҳи пасвандҳо дохил шуданашонро гӯед.

**Машқи 302.** Решаву пасвандҳои калимаҳоро бо аломат ишора кунед.

Давлатманд, лаългун, мармарӣ, чӯбин, шарафманд, фоиданок, тӯёна, равғанӣ.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Пасванд чист?
2. Пасванд пас аз чӣ меояд?
3. Аломати шартии пасванд кадом аст?
4. Пасвандҳои забони тоҷикӣ аз рӯйи вазифа ба чӣ гуна гурӯҳҳо тақсим мешаванд?

**Машқи 303.** Калимаҳоро ба дафтар нависед, баъд аз он пасванд ва решаҳоро бо аломати шартӣ ишора кунед.

Хӯрок, пӯшок, зебоякак, хоксор, барқсон, шиновар, хизматгор, нуронӣ, оҳанин, саводнок.

*Намуна:* хоксор.

## Дарсҳои 83—84. ПЕШВАНД

Он ҳиссаи калима, ки пеш аз реша омада, калимаи нав месозад, пешванд ном дорад.

*ҳам-, бо-, ба-, бе-, но-, то-, дар-, бар-, фур-, во-, боз-ма-, ме-, би-, бу-* пешвандҳои забони тоҷикӣ ба шумор меравcovered. Онҳо исм, сифат, феъл ва зарф месозанд. Пешванд бо гузоштани аломати ¬ муайян карда мешавад. Ҷойи пешванд дар калима пеш аз реша буда, он якҷоя навишта мешавад: *ҳамсафар, бамаънӣ, ноӯҳдабаро, меравад, барвақт, фуромад, вохӯрд, боздошт, марав, бихон, бубар.*

**Машқи 304.** Бо гузоштани аломатҳои шартӣ пешванду пасванд ва решаи калимаҳоро муайян кунед.

Ҳамкор, коргар, ҳамном, корӣ, ҳамтабақ, нокас, ношуд, барангехтан, баргаштан, бархостан, дархостан, бардурӯғ, даргузар, нарафт, нахонд, вонахӯрд, бишин, бубин.

**Машқи 305.** Бо кӯмаки омӯзгор пешвандҳои *исмсоз, сифатсоз, феълсоз* ва *зарфсоз*ро нависед.

**Машқи 306.** Пешвандҳои сифатсозро ба хотир оварда, пеш аз калимаҳои поёнӣ илова карда нависед. Бо аломатҳои шартӣ пешванд ва решаи калимаҳоро ишора кунед.

Муқова, муқаррар, мӯътадил, натиҷа, озор, нуқсон, писанд, сабаб, саховат, шиддат, шукр, эътибор, қадр, қувват, дард, диққат.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Пешванд чист?
2. Аломати шартии пешванд чӣ гуна аст?
3. Пешванд бо чӣ пайваст навишта мешавад?

**Машқи 307.** Калимаҳое фикр карда нависед, ки дар таркиб пешвандҳои *дар-, бар-, фур-, во-, боз-, ма-, ме-, би-, бу-* дошта бошанд.

*Намуна:* гирифтан — даргирифтан, гуфтан — бозгуфтан, дошт — бардошт.

# Дарси 85. АСОС ВА БАНДАК

Ҳиссаи калимае, ки пеш аз бандак меояд, асос ном дорад.

Ба асос реша, пешванд ва пасванд дохил мешавад. Аломати шартии асос ⎵ мебошад, ки ба зери калима гузошта мешавад.

Ҳиссаи ёрирасоне, ки баъд аз реша ё асос омада, онро аз ҷиҳати муносибатҳои гуногуни наҳвӣ бо калимаҳои дигари ибора ё ҷумла алоқаманд мегардонад, бандак ном дорад.

Бандак чор навъ мешавад: бандаки изофӣ, бандакҷонишинҳо, бандакҳои феълӣ ва бандакҳои хабарӣ.

Бандакҳо унсури калимасоз нестанд ва маънои луғавии калимаро тағйир намедиҳанд.

**Машқи 308.** Асос ва бандакҳои калимаҳои поёниро муайян кунед.

Ангуштаринам, ангуштаринат, агуштаринаш, ангуштаринамон, ангуштаринатон, ангуштаринашон, хандидаам, хандидаӣ, хандидааст, хандидаем, хандидаед, ханидидаанд.

**Машқи 309.** Калимаҳоро ба дафтар рӯбардор карда, реша, пасванд, пешванд, асос ва бандакҳояшонро бо аломати шартӣ ишора кунед.

Зангӯла, зарба, кафшдӯзӣ, коргар, андохтанд, даромадам, равғанолуд, болаёқат, баинсоф, одамгарӣ.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Асос чист?
2. Аломати шартии асос чӣ гуна аст?
3. Бандак чист?
4. Бандак чӣ гуна навъҳо дорад?

**Машқи 310.** Панҷто калима навишта реша, асос, пешванд, пасванд ва бандакҳояшро муайян кунед.

## Дарси 86. БАНДАКИ ИЗОФӢ

Бандаки изофӣ *(и)* калимаҳоро ба ҳамдигар алоқаманд намуда ибора месозад. Воситаи серистеъмоли алоқаи тобеӣ дар ташаккули ибора, ки ба калимаи тобеъкунанда васл ёфта, тобеъшавандаро ба он алоқаманд менамояд: *луғати дузабона, гули навшукуфта, майдони васеъ, ғазали дилошӯб, сухани асрорангез.*

**Машқи 311.** Бо гузоштани бандаки изофӣ дар байни калимаҳо, ибораҳо тартиб диҳед.

Пиёла... чойнӯшӣ, мурғ... даштӣ, кишт... тирамоҳӣ, гандум... баҳорӣ, ранг... гулобӣ, хурӯс... ҷангӣ, ҷӯра... ҷонӣ, айём... баҳор, гелос... баҳори.

*Намуна:* мурғи даштӣ.

**Машқи 312.** Бо ихтисороти бандаки изофӣ ибораҳоро ба калимаҳои мураккаб табдил диҳед. Ҳодисаи *«факки изофа»,* инчунин *«шакли роста» ва «шакли чаппа»*-и калимасозии изофаро аз омӯзгор пурсед.

Мурғи обӣ, марди нек, пири олуфта, санами зебо, соҳиби хона, соҳиби кор, шарики дарс, модари арӯс, сари лашкар, сари сулола, сари ҳавз, хонандаи суруд, навозандаи танбӯр, тарошандаи ҳайкал.

*Намуна:* сарҳавз, танбӯрнавоз.

**Машқи 313.** Бо гузоштани бандаки изофӣ дар байни ҷузъҳои калимаҳои мураккаб, ибораҳо тартиб диҳед. Ибораҳои бо *«шакли роста»* ва *«шакли чаппа»*-и калимасозии изофа сохташударо дар алоҳидагӣ номбар кунед.

Себқоқ, тангкӯча, латтакӯҳна, хамиртурш, тундбод, шӯрхок.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Бандаки изофӣ чӣ гуна вазифаро адо мекунад?
2. Бандаки изофӣ кадом ҷузъҳои ибораро ба ҳамдигар пайваст мекунад?

**Машқи 314.** *«Шакли роста»* ва *«шакли чаппа»*-и калимасозии изофаро ба хотир оварда, доир ба онҳо 5—6 тогӣ мисол нависед.

*Намуна:* гандумбирён (гандуми бирён), ҷавонмард (марди ҷавон).

## Дарси 87. БАНДАКҶОНИШИНҲО

*-ам, -ат, -аш, -амон, -атон, -ашон* бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ мебошанд. Бандакҷонишинҳо бо исмҳо ва ҳиссаҳои нутқи исмшуда васл шуда, ба онҳо маънои соҳибиятро медиҳанд. Онҳо ифодакунандаи шахсу шумора мебошанд: китоб*а*м, китоб*а*т, китоб*а*ш (шахси гӯянда, шунаванда, ғоиби шумораи танҳо), китоб*амон*, китоб*атон*, китоб*ашон* (шахси гӯянда, шунаванда, ғоиби шумораи ҷамъ).

**Машқи 315.** Бо интихоб ва корбасти бандакҷонишинҳо мисли мисоли намуна сето калима нависед.

*Намуна:*

| | |
|---|---|
| либосам | либосамон |
| либосат | либосатон |
| либосаш | либосашон |

**Машқи 316.** Ҷумлаҳоро ба дафтар рӯбардор карда, ба зери ҷонишин ва бандакҷонишинҳо хат кашед.

1. Ман — фарзанди хушбахти диёрам. 2. Китобамро ба рафиқам додам. 3. Дафтарро ба рӯйи миз гузошта, ба навиштани иншо ҳозир шавед. 4. Ӯ қаламашро аз ман пурсид.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Бандакҷонишинҳо кадомҳоянд?
2. Бандакҷонишинҳо дорои чӣ гуна хусусиятанд?
3. Бандакҷонишинҳо ба кадом шахсу шумораҳо мансубият доранд?
4. Бандакҷонишинҳои шахси якум, дуюм, сеюми танҳову ҷамъ кадомҳоянд?

## Дарси 88. БАНДАКҲОИ ФЕЪЛӢ

Бандакҳои феълӣ бо асосҳои феъл васл шуда, шумора ва соҳиби амалро мефаҳмонанд. *-ам, -ӣ; -ем, -ед, -анд* бандакҳои феълианд. Онҳо шахс ва соҳиби амалро муайян мекунанд.

**Машқи 317.** Калимаҳоро ба дафтар рӯбардор карда, бандакҳои феълиро бо аломати шартӣ муайян кунед.

Мехонам, мехонӣ, мехонад, мехонем, мехонед, мехонанд.

**Машқи 318.** Феълҳои *хонд, дид, навохт, меравад, мехонад*ро мисли намуна бо илова кардани бандакҳои феълӣ нависед.

| Шахсҳо | Шумораҳо | |
|---|---|---|
| | танҳо | ҷамъ |
| гӯянда | омадам | омадем |
| шунаванда | омадӣ | омадед |
| ғоиб | омад | омаданд |

**Машқи 319.** Ҷумлаҳоро хонед, шахсу шумора ва бандакҳои феълиро номбар кунед.

1. Намояндагони ҳар як миллат дар гӯшаву канори боғ бахри намоиши санъат, фарҳанг, маданият, урфу одат ва пешкаши таомҳои миллии худ ҷамъ омаданд. 2. Бо гузашти айём устоду шогирд мисли падару писар шуданд. 3. Дандон ба дандон гузошта, тоқат мекард. 4. Чанд бор беҳолона рост истода монд, вале боз зуд аз пайи кор мешуд. 5. Ҷони худаш дар хатар, вале барои ҳифзи ҳаёти каси дигар камарбаста аст. 6. Варзиш ба ҷавонон имкон медиҳад, ки аз ҷиҳати ҷисмонӣ пурқувват ва солим бошанд.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Чӣ гуна бандакро бандаки феълӣ меноманд?

2. Бандаки феълӣ ба кадом шахсу шумораҳо мансубият дорад?
3. Кадом шахс бандаки феълиро қабул намекунад?

**Машқи 320.** Бо интихоб ва корбасти бандакҳои феълӣ мисолҳо нависед.

## Дарси 89. БАНДАКҲОИ ХАБАРӢ

*-ам, -ӣ, -аст; -ем, -ед, -анд* бандакҳои хабарӣ мебошанд. Бандакҳои хабарӣ бо исм, сифат, ҷонишин, масдар ва сифати феълӣ омада, шахсу шумораро далолат мекунанд: 1. Ман наққоши моҳир шуданро орзу мекунам. 2. Падарам барои ман китоби шавқовар харид кардаанд.

Бандаки хабарии *аст* бо сифати феълӣ якҷоя ва аз исм, сифат, ҷонишин, масдар ҷудо навишта мешавад: 1. Ҳумоюн мактаби миёнаро хатм кардааст. 2. Соли 2015 — Соли гиромидошти куҳансолон. 3. Зариф талабаи пешқадам аст. 4. Вазифаи муқаддаси мо сулҳу амониро пойдор кардан аст.

**Машқи 321.** Бо интихоб ва корбасти бандакҳои хабарӣ шахсу шумораи сифати феълии *«хонда»*-ро муайян кунед.

**Машқи 322.** Ҷумлаҳое фикр карда нависед, ки бандаки хабарии *аст* бо исм, сифат, ҷонишин, сифати феълӣ ва масдар омада бошад.

## Дарси 90. КАЛИМАҲОИ ҲАМРЕША

Калимаҳои аз як реша сохта шуда, калимаҳои ҳамреша ном доранд: *кӯҳистон, кӯҳсор, кӯҳистонӣ, кӯҳӣ.*

**Машқи 323.** Калимаҳои ҳамрешаи мисолҳои поёниро муайян кунед.

Сарманзил, сарҳад, сарҳавз, сарзамин, сарқанд, сарчашма, шоҳбайт, шоҳдухтар, шоҳкоса, шоҳтут.

**Машқи 324.** Аз калимаҳои зерин калимаҳои ҳамреша сохта, онҳоро ба дафтар рӯбардор кунед.

Гӯш, деҳа, мулоҳиза, омӯз, ном, садаф, соя, моҳ.

*Намуна:* гӯш — гӯша, гӯшак, гӯшанишин, гӯшанишинӣ, гӯшвора, гӯшмол, гӯшрас.

**Машқи 325.** Бо гузоштани аломатҳои шартӣ реша ва пасвандҳои калимаҳои ҳамрешаро муайян намуда, маъноящонро шарҳ диҳед.

Даст, даста, дастагул, дастак, дасткӯтоҳ, дастбанд, дастгир, дастгоҳ, дасткола, дастнавис, дастпарвар, дастпона, дастпӯшак, даструймол, дастхат, дастшӯяк.

**Машқи 326.** Ба ҷойи нуқта калимаи *«дониш»*-ро гузошта, калимаҳои ҳамреша бунёд кунед.

... манд, ... мандӣ, ... вар, ... гоҳ, ... када, ... омӯз, ... ҷӯ.

## Дарси 91. ТАКРОРИ КАЛИМАСОЗӢ ВА ИМЛО

## Дарсҳои 92—93. ИНТИХОБИ САРЛАВҲА ВА ТАРТИБ ДОДАНИ МАТН

# САРФ ВА ИМЛО

## Дарси 94. САРФ ВА ИМЛО

*Илми сарф* яке аз соҳаҳои илми забоншиносӣ буда, доир ба сохт, таркиби калима, шаклҳои тағйирёбии калима, роҳҳои ифодаи маънои грамматикӣ, инчунин, дар бораи ҳиссаҳои нутқ ва роҳҳои калимасозии онҳо маълумот медиҳад. Илми сарф ва наҳв дар якҷоягӣ грамматикаро ташкил медиҳанд.

*Имло* доир ба навишти калимаҳо ва қисмҳои маънодори онҳо, дар бораи якҷоя, бо дефис ва ҷудо навиштани калимаҳо, оид ба истифодаи ҳарфи калон ва ҳарфи хурд, оид ба гузаронидани калима ва қисмҳои он аз як

сатр ба сатри дигар, ҳиссаҳои нутқ ва ғайраҳо маълумот медиҳад.

Худ аз худ маълум мешавад, ки илми сарф доир ба ҳиссаҳои нутқ маълумоти назарӣ медиҳад, имло бошад, доир ба қоидаҳои имлоии ҳарфу овозҳо ва ҳиссаҳои нутқ. Аз ин ҷиҳат илми сарф ва имло бо ҳам алоқаи узвӣ доранд.

**Машқи 327.** Пасванду пешванд, реша ва асоси калимаҳоро бо гузоштани аломати шартӣ муайян кунед.

Сарватманд, бошукӯҳ, босавод, насиҳатчӣ, ғамгин, истироҳатгоҳ, осмонранг, каҳдон, анҷирзор, ҷангалзор, хиҷолатманд, мусиқанавоз, гулобранг.

**Машқи 328.** Ба кадом ҳиссаи нутқ алоқаманд буданашонро гӯед. Баъд аз он имлояшонро аз китоби «*Имлои забони тоҷикӣ*» дарёфт намуда, хонед.

Панҷум, нӯҳум, сеюм, шонздаҳ, ҳаждаҳ, дуто, сето, 20-то, 40-то, ду ҳазору ёздаҳум, панҷоҳу панҷ, ду дона себ, ду нафар донишомӯз, сад фоиз.

**Машқи 329.** Бо кӯмаки омӯзгор пасоянд, пайвандак, ҳиссача ва нидоҳоро дар алоҳидагӣ нависед. Гӯед, ки кадоме аз онҳо якҷоя, ҷудо, бо дефис навишта мешаванд.

-ро, қатӣ, пеш, қабл, балки, агарчи, азбаски, вагарна, чунки, ва (-у, -ю), ки, вақте ки, зеро ки, бо вуҷуди он ки, ба тавре ки, в-ар, к-аз, к-он, -чу, -ку, на фақат, танҳо, магар, кошки, бигзор, биё мон, ҳо бале, дареғо, илоҳо, худоё, бай-бай, ҳай-ҳай, боҳ-боҳ, во дареғо, э вой, ҳа офарин.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Илми сарф гуфта чӣ гуна соҳаи илми забоншиносиро мефаҳмед?
2. Сарф доир ба чиҳо маълумот медиҳад?
3. Сарф ва наҳв дар якҷоягӣ чиро ташкил медиҳанд?
4. Чӣ гуна қоидаҳои имлоӣ мавҷуданд?

**Машқи 330.** Дар мавзӯи *«Бобои насиҳатгӯям»* матн тартиб дода, воситаҳои калимасозро бо аломати шартӣ ишора кунед.

## Дарси 95. ҲИССАҲОИ НУТҚ

Мо дар нутқи худ калимаҳои зиёдеро кор мефармоем. Як гурӯҳи калимаҳо номҳои предмет, шахс, ҳодисаю воқеаро ифода мекунанд, ки онҳоро исм меномем: *абр, чанг, барф.* Гурӯҳи дигари калимаҳо аломату хусусият, чигунагии предметро: *дур, гарм, ҷавон, зебо (сифат),* адад, миқдори предметро: *панҷ, даҳ, ёздаҳ (шумора),* амалу ҳолат, ҳаракату муносибати предметро: *давид, нишаст, хандид, афтид* (феъл), аломати амал, замону макон, миқдору андоза, сабабу мақсади предметро: *оҳиста омадан, ниҳоят хурсанд, дирӯз, имрӯз (зарф),* дар ҷойи исму сифату шумора меояд (ҷонишин), алоқаманд ва пайваст кардан, инчунин инъикоси тобишҳои луғавию грамматикӣ ва услубӣ хизмат мекунанд (пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо) ифода мекунанд, ҳар яке дар алоҳидагӣ ҳиссаҳои нутқ ба шумор меравад.

Аз рӯйи маънои луғавӣ ва хусусияти грамматикиашон ҳамаи калимаҳои забонро ба даҳ гурӯҳ ё даҳ ҳиссаи нутқ ҷудо мекунанд: исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл, зарф, пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо.

Исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл ва зарфро ҳиссаҳои мустақили нутқ меноманд, зеро онҳо маънои луғавӣ доранд ва ба саволҳои алоҳида ҷавоб мешаванд. Пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо маънои луғавӣ надоранд ва ба саволҳо ҷавоб намешаванд. Лекин онҳо алоқамандӣ, ҳиссиёту ҳаяҷон, тобишҳои иродавӣ ва ғайраро таъмин мегардонанд. Аз ин ҷиҳат онҳо ҳиссаҳои номустақил (ёвар) ба шумор меравconfigured.

**Машқи 331.** Саволҳои исм, сифат, феъл ва шумораро ба хотир оварда, ба ҳар яки онҳо дутоӣ мисол нависед.

**Машқи 332.** Бо интихоби ҳиссаҳои нутқ дар мавзӯи дилхоҳ матни хурдакак тортиб диҳед.

**Машқи 333.** Ба кадом ҳиссаҳои нутқ алоқаманд буданашонро номбар карда, ба калимаҳои панд, панҷ, хуб, хондан, шумо саволҳои мувофиқ гузоред.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Ҳиссаҳои нутқ аз рӯйи ифодаи маънои луғавӣ-грамматикӣ ба кадом гурӯҳҳо ҷудо мешаванд?
2. Дар забони тоҷикӣ чанд ҳиссаи нутқ ҳаст?
3. Ҳиссаҳои мустақилмаъно ва номустақилмаънои нутқ кадомҳоянд?
   Онҳоро аз рӯйи тартиб номбар кунед.
4. Ҳиссаҳои мустақилмаъно ва номустақилмаъно аз кадом ҷиҳат аз ҳамдигар фарқ доранд?
5. Кадом гурӯҳи ҳиссаҳои нутқ ба саволҳо ҷавоб намешаванд ва ҳам маънои луғавӣ надоранд?

**Машқи 334.** Доир ба ҳиссаҳои нутқ дутоӣ мисол нависед.

# ИСМ

## Дарси 96. ИСМ

Ҳиссаи нутқе, ки номҳои предмет, шахс, ҳодисаю воқеаро ифода карда, ба саволҳои *кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо?* ҷавоб мешавад, исм ном дорад: *лаълӣ, заргар, ширбиринҷ, анор, Сурхондарё.*

**Машқи 335.** Аз силсилаи мисолҳо исмро дарёфт намуда, дар алоҳидагӣ номбар кунед.

Чормағз, хоккей, хом, фараҳбахш, қафас, тунд, афтид, хунолуд, шакаргуфтор, ӯ, қисса, вай, давид, панҷ.

**Машқи 336.** Исмҳоро аз рӯйи ифодаи маънӣ дар катакчаҳои холии ҷадвал ҷобаҷо гузошта нависед.

Себ, олу, тут, чормағз, бодом, писта, шафтолу, анҷир, зардолу, биҳӣ, нок, хурмо, бед, сафедор, маҷнунтол, мурч, ғуҷум, мастоба, палав, шӯрбо, барак, атола, кабоб,

арра, теша, табар, корд, каланд, бел, гандум, ҷав, ҷуворимакка, арзан.

| Номи дарахт ва меваҳо | Номи таомҳо | Номи аслиҳаҳои меҳнат | Номи ғалла |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

**Машқи 337.** Ба ҳар як саволи исм сетоӣ мисол нависед.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Исм чист?
2. Исм ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
3. Кадоме аз саволҳои исм номи предметҳои ҷондорро кадоме предметҳои беҷонро ифода мекунад?

**Машқи 338.** Номи асбобу анҷомҳои хӯрокпазӣ ва таомҳои медонистагиатонро ба хотир оварда, дар мавзӯи *«Модари ман – пазанда»* матн тартиб диҳед.

## Дарси 97. ВАЗИФАИ ИСМ ДАР ҶУМЛА

**Машқи 339.** Ҷумлаҳоро хонед ва ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадани исмҳоро муайян кунед.

1. Шоир ба ҳуҷра баргашта, сари коғазу қалам нишаст. 2. Бинои калони дуошёнаи меҳмонсаро дар даруни боғ буд. 3. Ҷавон даст ба сина ниҳода сӯйи Фирдавсӣ нимтаъзиме кард. 4. Бачаҳо мижжа мезаданд. 5. Барфтӯдаи калони ҳавлӣ ҳанӯз об нашудааст. 6. Писарак соатҳо дар болои хоктӯда бозӣ мекард, калонсолон бо корҳои худ машғул буданд. 7. Нурҳои офтоб ба болои меваҳои аҷоиб афтод.

**Машқи 340.** Матнро хонед. Баъд аз он исм ва вазифаи наҳвиашро муайян кунед.

Ҷайраҳо шабона ба полиз даромада, ба хоҷагии қишлоқ зарари калон мерасонанд. На танҳо харбуза, каду, балки ҷуворимаккаи баландро ҳам тороҷ мекунанд. Бо дандонҳои тези худ решаи ҷуворимаккаро хоида, ҳосилашро мехӯранд. Онҳо зироатҳои тухмашон ширин: лӯбиё, мош ва нахӯдро ҳам хеле дӯст медоранд.

**Машқи 341.** Мисолҳое нависед, ки исм дар ҷумла ба вазифаи аъзоҳои ҷумла омада бошад.

## Дарси 98. ИСМҲОИ ҶОНДОР ВА БЕҶОН

Исмҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешванд: *ҷондор* ва *беҷон.*

Ба гурӯҳи исмҳои ҷондор номи предметҳои ҷондор — ҳайвонҳо, паррандаҳо, ҳашарот дохил мешаванд: *шер, моҳӣ, малах, кабӯтар.*

Ашёҳо, воқеаву ҳодисаҳо ва дигар мафҳумҳо исмҳои беҷонанд: *пиёз, моҳтоб, ҳаво, ситора, ангур, ниҳол, чанг, зилзила, об.*

**Машқи 342.** Исмҳои ҷондорро дар сутуни чап ва исмҳои беҷонро дар сутуни рост нависед.

Наққош, баҳо, машқ, тахта, хома, дарахт, мусича, соат, ҳофиз, роҳ, раққоса, товус, ранг, оҳангар, меҳнат, оҳу, хорпушт, гург, шер.

**Машқи 343.** Ҷумлаҳоро хонед, ба исмҳои ҷондору беҷон саволҳои мувофиқ гузоред.

1. Саманд бозистод ва гӯшҳояшро сих кард. 2. Харгӯш рӯ ба саҳро медавид, онҳо аз паси вай метохтанд. 3. Садои карнаю сурнай, нағораю доира, дутору танбӯрҳо ба атроф паҳн мешавад.

**Машқи 344.** Панҷтоӣ исмҳои ҷондори ифодакунандаи номи одамон, паррандагон, ҳайвонотро нависед.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Кадом навъи исм номи предметҳои ҷондорро ифода мекунад?
2. Чӣ гуна исмҳоро исмҳои беҷон меноманд?
3. Фарқияти исмҳои ҷондору беҷон дар чист?

**Машқи 345.** Номи асбобу анҷом ва воситаҳои дӯзандагиро аз модаркалон ё худ модаратон пурсида, ба дафтар нависед. Мисоли кадом гурӯҳи исм буданашонро гӯед.

## Дарси 99. ИСМҲОИ ХОС ВА ҶИНС

Исмҳо ду хел мешаванд: *хос* ва *ҷинс*.

Исме, ки ба номи ин ё он шахс, ноҳия, вилоят, кӯҳ, дарё, маҷалла хос мебошад, исми хос ном дорад.

Ному насаби одамон, тахаллус, номи унвонҳои фахрӣ, ҳодисаҳои таърихӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо, кӯҳҳо, дарёҳо, шаҳрҳо, вилоятҳо, мамлакатҳо исмҳои хос мебошанд. Исмҳои хос бо ҳарфи калон навишта мешаванд: Дар бораи иди Наврӯз Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Умари Хайём, Носири Хисрав ва дигарон ашъори дилписанде аз худ ба ёдгор мондаанд.

Исме, ки номи гурӯҳи предметҳо, ашё ва ҷисмҳои ҳамҷинс (монанд)-ро ифода мекунад, исми ҷинс ном дорад. Исмҳои ҷинс бо ҳарфи хурд навишта мешаванд: санг, олуча, ҳамшира, ҷангал, коса.

**Машқи 346.** Исмҳои хос ва ҷинсро дар алоҳидагӣ нависед ва ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред.

Ӯзбекистон, ҷумҳурият, Тошканд, шаҳр, Нурато, ноҳия, Амударё, Беҳзод, наққош, Борбад, Ҳофиз, Қоф, кӯҳ, Рахш, асп.

**Машқи 347.** Исмҳои ҷинсро ба исмҳои хос табдил дода, аз ҷиҳати маънӣ фарқияташонро гӯед.

Гавҳар, неъмат, савсан, дониш, равшан, наврӯз, ҳосил, саодат, роҳат, сардор, намоз, ниёз, олим, маърифат, лола, ситора, давлат.

**Машқи 348.** Исмҳои хоси таркиби ҷумлаҳоро муайян кунед.

1. Мирзо Улуғбек олими бузургест, ки ба рушди нуҷумшиносӣ саҳми беназир гузоштааст. 2. Наврӯз айёми ҷавонӣ, зебоиву камолот аст. 3. Сагамон Малла низ ҳамроҳи мост. 4. Мо аз растаи Қандалотфурӯшӣ ва Мисгарӣ гузашта, ба тоқи Тиргарон расидем ва аз он ҷо ба тарафи шимол баргашта, аз растаи Собунфурӯшӣ ва Регистон гузашта ба тарафи ғарб баргаштем.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Чӣ гуна исмҳоро исмҳои хос меноманд?
2. Фарқияти исмҳои хос ва ҷинс дар чист?
3. Исмҳои хос бо чӣ гуна ҳарфҳо навишта мешаванд?

**Машқи 349.** Исмҳои ҷинсро ба исмҳои хос табдил дода нависед. Маъноящро аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дарёфт намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

Даврон, достон, қаҳрамон, мамлакат, диёр, шаҳриёр, гулшан, гулистон.

## Дарси 100. ҲАРФИ КАЛОН ВА ИМЛОИ ИСМҲОИ ХОС

Исмҳои хос бо ҳарфи калон навишта мешаванд:

1. *Номҳои Худо*: Худованд, Парвардигор, Офаридгор, Яздон, Аллоҳ.

2. *Ному насаб ва тахаллус*: Адаш Истад, Акбар Пирӯзӣ, Абдулло Субҳон, Ҷаъфари Муҳаммади Тирмизӣ, Чоршанбеи Деҳнавӣ, Нодир Нодирӣ, Муҳаммад Шодӣ, Паймон, Озармеҳр, Парисо.

3. *Номи сулолаҳои таърихӣ*: Ашкониён, Сосониён, Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Ғазнавиён.

4. *Номҳои маъмуриву сиёсӣ ва ҷуғрофӣ (номи мамлакат, кишвар, ҷумҳурӣ, шаҳр, ноҳия, уқёнус, баҳр, дарё, кӯҳҳо, сайёраҳо)*: Осиёи Марказӣ, Шарқи Дур, Зараф-

шон, Аму, Қароргоҳи Оқсарой, уқёнуси Ором, Зӯҳра, Зуҳал.

5. Мансабҳои олии давлатӣ ва унвонҳои фахрӣ: Президенти Республикаи Ӯзбекистон, Раиси Девони Вазирон, Аълочии маорифи халқи Республикаи Ӯзбекистон, Арбоби илм ва техникаи Республикаи Ӯзбекистон.

6. *Калимаҳои аввали номи вазоратхонаҳо ва муассисаҳои илмиву фарҳангӣ*: Вазорати маориф, Вазорати корҳои хориҷӣ, Фарҳангистони Улуми Республикаи Ӯзбекистон, Донишгоҳи давлатии Бухоро.

7. Ҳар як калимаи номи таркибии ҳодиса ва воқеаҳои таърихӣ: Шӯриши Восеъ, Исёни Муқаннаъ.

8. Калимаи аввал ва исмҳои хоси дохили номи асарҳои бадеӣ, илмӣ, суруд, мусиқӣ, филм ва рӯзномаву маҷаллаҳо: Писари Ватан, Суруди миллӣ, Шашмақом, Садои Сурхон, Булбулча.

9. Номи фурӯшгоҳ, кинотеатр, ошхонаву чойхона, нақлиёт, ширкатҳо: бозори Сиёб, кинотеатри Шаҳристон, ширкати Ситора.

**Машқи 350.** Исмҳои хоси ифодакунандаи номҳои сулолаҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ, маъмурӣ, вазоратхонаҳо, муассисаҳои илмиву фарҳангиро нависед ва доир ба имлои онҳо маълумот диҳед.

**Машқи 351.** Порчаҳои шеъриро хонед, фикратонро аз рӯйи мазмуни он баён кунед. Аз саҳифаи аввали рӯзномаи *«Овози тоҷик»* номҳои пешинаашро дарёфт намуда, ба дафтар нависед.

Маро «Овози тоҷик» ёр бошад,
Анису ҳамдилу ғамхор бошад.
Набошад ғофил он аз набзи айём,
Ба дӯшаш маънии бисёр бор бошад.

Чӣ хуш, «Овози тоҷик» дар бари мост,
Ҳароратбахш шамсе бар сари мост.
Биё, дар сафҳаҳояш роз гӯем,
Ки он охир ягона минбари мост.

*Н. Каримзода*

**Машқи 352.** Аз таркиби ҷумлаҳо исмҳои хосро муайян карда, ба зераш хат кашед.

1. Дар Бухоро ҳар сол гузаронидани тадбири «Сайри харбуза» одат шудааст. 2. «Садои Сӯх»-ро берун аз Сӯх ҳам бо шавқ мехонанд. 3. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бузургтарин ҳамоса дар адабиёти форс-тоҷик ва адабиёти ҷаҳон мебошад. 4. Мероси адабии Шоҳин аз девони ашъор, маснавии «Лайлӣ ва Маҷнун», маснавии нотамоми «Тӯҳфаи дӯстон» ва асари мансури «Бадоеъ-ус-саноеъ» иборат аст.

**Машқи 353.** Матнро хонед, исмҳои ба даруни нохунак навишташударо ба дафтар нависед. Дар хусуси имло ва ифодаи маънӣ фикратонро баён кунед.

## Шашмақом

«Шашмақом» мероси мусиқии мардуми тоҷик буда, аз шаш мақом: «Бузург», «Рост», «Наво», «Дугоҳ», «Сегоҳ» ва «Ироқ» ибрат аст. Ҳар мақом қисматҳои созӣ — «Мушкилот» ва овозӣ — «Наср»-ро дар бар мегирад. «Мушкилот» танҳо тарзи оҳангӣ буда, тавассути созҳои мусиқӣ иҷро мешавад ва он шаклҳои оҳанги «Тасниф», «Тарҷеъ», «Гардун», «Мухаммас» ва «Сақил» таркиб ёфтааст. Қисмати «Наср», ки танҳо тарзи овозист, дар навбати худ шӯъбаҳо дорад. Шӯъбаи якуми қисмати «Наср»-и ҳар мақом, мавзӯъҳои аслии мақомро дар бар мегирад, ки аз «Сарахбор» сар шуда, бо «Уфар» хотима меёбад. Шӯъбаи дуюми «Наср» силсилаи панҷқисма буда, дар он мавзӯъҳои аслӣ ба тарзи сюита, қисми асосиаш «Савт» бо шаклҳои оҳангии «Талқинча», «Қашқарча», «Соқинома» ва «Уфар» иҷро мешаванд.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Исмҳои хос бо чӣ гуна ҳарфҳо навишта мешаванд?
2. Имлои исмҳои хос гуфта чиро дар назар доред?

**Машқи 354.** Ба ҳар як қоидаи имлоии исмҳои хос дутоӣ мисол нависед.

## Дарси 101. ИСМҲОИ ШАХС ВА ҒАЙРИШАХС

Исмҳое, ки ба саволи *кӣ? киҳо?* ҷавоб мешавад, исмҳои шахс ба шумор меравад: *рӯзноманигор, Аҳмадмахдум, донишомӯзон.*

Исмҳое, ки ба саволи *чӣ? чиҳо?* ҷавоб мешаванд, исмҳои ғайришахс ба шумор меравад: *оҳу, булбул, мор, саҳро, дарахт, мошин.*

Хабари ҷумла бо исмҳои ифодакунандаи шахс, ки дар вазифаи мубтадо омадаанд, аз ҷиҳати шахсу шумора мувофиқат мекунад: *Одамон ҷамъ шуда буданд. Бача дар болои кат хобида буд.*

Истисно: Барои поси эҳтиром мубтадо дар шумораи танҳо ва хабар дар шумораи ҷамъ кор фармуда мешавад: *1. Муаллим ба ман баҳои аъло гузоштанд. 2. Модарам барои ман велосипед хариданд.*

Вале хабар бо мубтадои ғайришахси дар шумораи ҷамъ омада ҳамеша мувофиқат намекунад: *1. Хонаҳо дар баландӣ сохта шуда буданд. 2. Аз ду тараф мушакҳо парронда шуд.*

**Машқи 355.** Даҳто исми ифодакунандаи касбу ҳунар нависед ва ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред. Мисоли кадом гурӯҳи исм буданашонро гӯед.

**Машқи 356.** Матнро хонед, исмҳои шахс ва ғайришахсро муайян карда, дар алоҳидагӣ нависед.

Дар «Шоҳнома» Исфандиёр барои ба тахт соҳиб шудан мебоист Рустами Достонро банд карда, ба назди падараш шоҳ Гуштосп биёрад. Лекин Рустам бандии ӯ шуда, ба назди Гуштосп дар ишкел ҳозир шуданро қатъиян рад мекунад. Ҷанги байни ду паҳлавон ногузир гардид. Дар ҷанг Рустам бо маслиҳати Симурғ аз шохи он дарахт

хаданге месозад. Рӯзи дигар ба майдони ҷанг баромада, бо он тир чашми Исфандиёрро мезанад ва ӯ мемирад. *(Аз «Шоҳнома»-и А. Фирдавсӣ)*

**Машқи 357.** Исмҳои ғайришахси ифодакунандаи номҳои ғалла ва маҳсулоти кишти ғаллакориро нависед, ки онҳо ба саволҳои *чӣ? чиҳо?* ҷавоб шуда бошанд.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Чӣ гуна исмҳоро исмҳои шахс меноманд?
2. Исмҳои ғайришахс ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд?
3. Кадоме аз саволҳои исмҳои шахс ва ғайришахс шумораи танҳо ва кадоме шумораи ҷамъро ифода мекунанд?

**Машқи 358.** Аз *«Фарҳанги забони тоҷикӣ»* номи худ ва 5—6 нафар ҳамсинфонатонро дарёфт намуда, бо маънои луғавӣ ба дафтар рӯбардор кунед.

## Дарси 102. ИСМҲОИ ТАНҲО ВА ҶАМЪ

Исм шумораи *танҳо* ва *ҷамъ* дорад.

Исмҳое, ки аз рӯйи шакл ва маънои луғавӣ якто будани предметро мефаҳмонад, *исмҳои танҳо* ном дорад: нон, коса, кафгир.

Исмҳои бо ёрии пасвандҳои ҷамъбандии *-он (-гон, -ён, -вон)*, *-ҳо* омадаи ифодакунандаи шумораи ҷамъи предмет, исмҳои ҷамъ ном дорад: заргарон, саррофон, нонвойҳо, хонандагон, донишҷӯён, абрӯвон.

Исм дар шакли ҷамъ миқдори зиёди предметҳои ҳамҷинсро ва дар шакли танҳо якто будани предметро мефаҳмонад.

Дар ҷумлаҳои чидааъзо пасвандро аъзои охирин мегирад ва он ба ҳамаи аъзоҳо тааллуқ дорад: Суханҳои тавсифии заргарону тиллофурӯшонро бо хурсандӣ ба ёд меовард.

**Машқи 359.** Ҷумлаҳоро хонед, исмҳои ҷамъ ва воситаҳояшонро муайян кунед.

1. Пайраҳаи морпеч, сой, дарахтон, кӯҳу сангҳо мисли пешина дар ҷояшон қарор доранд. 2. Ҳар баҳор гулу гиёҳҳо, дарахтон гӯё аз хоби зимистонӣ мехезанд. 3. Дар дили онҳо орзуҳои нав ба нав пайдо мешавад. 4. Паҳлавонон гӯштин мегирифтанд, ҳофизон суруд мехонданд, дорбозҳо, шӯъбадабозҳо, масхарабозҳо ҳунарнамоӣ карда, дилхуш менамуданд.

**Машқи 360.** Бо илова кардани пасвандҳои *-он (-гон, -ён, -вон), -ҳо* аз исмҳои танҳо, исмҳои ҷамъ созед.

Дарё, шаршара, чашма, абрӯ, даст, гесӯ, оҳу, шунаванда, сурудхон.

**Машқи 361.** Матнро хонед, исмҳои дар таркиб пасвандҳои ҷамъсоз доштаро ба дафтар рӯбардор кунед.

Аз ҳар ҷо гилкорон, сангтарошон, наққошон, меъморон гирд шуданд. Бунёди шаҳри нав оғоз ёфт. Сиёвуш дар он кор фаровон ранҷҳо бурд. Саранҷом шаҳристоне ба вуҷуд омад, ки ба девори баланди сангин иҳота шуда буд ва коххои зебо, майдонҳои фарох, ҷӯйборҳо, гармобаҳо, боғу гулзорҳои босафо дошт. Сиёвуш номи шаҳри навбунёдро Гангдиж гузошт. *(Аз «Шоҳнома»-и А. Фирдавсӣ)*

**Машқи 362.** Пасвандҳои ҷамъсози аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ қабулшударо муайян кунед. Дар хусуси *«ҷамъбандии солим»* (шахсҳо, шоирҳо), *«ҷамъи шикаста»* (ашхос, шуаро) ва *«ҷамъулҷамъ»* (қавсайн, тарафайн, адабиётҳо) аз омӯзгор маълумот пурсед.

Ҳаҷвиёт, баҳориёт, Латофат, Рисолат, Сабоҳат, Саломат, Башорат, расмият, урфият, инсоният, ташкилот, деҳот, навиштаҷот.

**Машқи 363.** Исмҳои ҷамъро ба исмҳои танҳо табдил дода нависед. Воситаҳои ҷамъсозро номбар кунед.

Ангуштон, бозувон, посбонон, сарҳадчиён, майдонҳо, бофандагон, таълимот, таъминот, шахсият, эҳтиёҷот, қатъият.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Исм дорои чӣ гуна шумораҳост?
2. Пасвандҳои ҷамъсоз кадомҳоянд?
3. Фарқияти шумораи танҳо ва ҷамъ дар чист?

**Машқи 364.** Ба исмҳои танҳо ва ҷамъ даҳтоӣ мисол нависед.

## Дарси 103. ИСМҲОИ МУАЙЯН ВА НОМУАЙЯН

Муайянӣ ва номуайянии исмҳо ба интихоб ва корбасти пасванд (артикл)и *-е*, ҳиссачаҳои *як, ягон,* ҷонишинҳои *кадом, ҳар, ҳеҷ* алоқаманд мебошад. Пасванди *-е* пас аз исм, ҳиссачаву ҷонишинҳои *як, ягон, кадом, ҳар, ҳеҷ* пеш аз исм дар шакли танҳо, дар мавридҳои дигар онҳо пайи ҳам дар як таркиб омада, номуайяниро ифода мекунанд. Аз ин ҷиҳат онҳо муродифи ҳамдигар ба шумор меравaнд: *гапе — як гап, одаме — як одам, касе — ягон кас, дар соле* — дар ҳар як сол.

Аз воситаҳои номуайянӣ пасванд (артикл)и *-е* дар услуби китобӣ бештар ва дар услуби гуфтугӯӣ камтар, пасвандҳои боқимонда услубан бетараф буда, дар услуби китобӣ ва гуфтугӯӣ баробар истифода мешаванд.

**Машқи 365.** Исмҳои муайян ва номуайянро дар алоҳидагӣ номбар кунед ва бо интихоби онҳо 5—6 ҷумла тартиб диҳед.

Тадбиркор, шахсе, бозор, касе, нарх, мағозае, матоъ, харидоре, фурӯшанда, одаме, ронандае, чароғак.

**Машқи 366.** Ҷумлаҳоро ба дафтар рӯбардор карда, ба зери воситаҳои исмҳои номуайян хат кашед.

1. То ҳол ӯ маро барои коре ҷеғ назада буд. 2. Ӯ баъд аз соате ҳушёр шуда, ба хонаи худ рафт. 3. Рӯзе ӯро дар ҷойе дидам. 4. Магар шумо ба ман ягон коре доштед? 5. Яке аз шоирони он замон гуфта буд. 6. Гурӯҳе мерафтанд, гурӯҳе меомаданд.

**Машқи 367.** Бо интихоб ва корбасти воситаҳои номуайянии *-е*, як, ягон, кадом, ҳар, ҳеҷ мисолҳо нависед.

**Машқи 368.** Воситаҳои номуайяниро номбар кунед. Онҳоро бо муродифҳояшон иваз карда, ба дафтар нависед.

Ягон бемории дигар, марде нек, дар ягон вақти муносиб, шаҳре обод, майдоне васеъ, паскӯчае, як воқеаи дигар, ягон чизи қиматбаҳо, ягон хабари нофорам, сояи касе, як шаб.

*Намуна*: ягон гап — як гап — гапе.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Чиҳо воситаҳои ифодаи номуайянӣ ба шумор меравcovанд?
2. Воситаҳои ифодаҳои номуайянӣ дорои чӣ гуна хусусиятанд?
3. Кадоме аз воситаҳои номуайянӣ бештар дар услуби китобӣ истифода мешаванд?

**Машқи 369.** Шашто исми муайян нависед. Пас аз он бо интихоб ва корбасти воситаҳои номуайянӣ исмҳои муайянро ба исмҳои номуайян табдил диҳед.

*Намуна:* афсона (исми муайян), афсонае (исми номуайян).

## Дарси 104. ИФОДАИ ҶИНСИЯТ ДАР ИСМ

Ҷинсияти табиии исм дар забони тоҷикӣ ба воситаи калимаҳои мард, зан, писарбача, духтарбача, модар, падар, модаркалон, бобо, тағо, амак, хола, хоҳар, бародар ва амсоли инҳо, пасвандҳои *-зода, -зод, -иён, -пур, -духт, -а, -ка, -ов, -ев, -ова, -ева, -ович, -евич* ифода мегардад: Мирзода, Афсаҳзод, Нодириён, Салимпур, Зафардухт.

Пасванди *-а* аз забони арабӣ, пасвандҳои *-ка, -ов, -ев, -ова, -ева, -ович, -евич* аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ дохил шудааст: шоир-шоира, лаборант-лаборантка, Равшановна, Шамсиев.

Ҷинсият бо номбар ва хотирнишин кардани ҷинси занона ва мардона (нисбат ба шахс) муайян карда мешавад.

**Машқи 370.** Ба исмҳо пасванди *-а* ҳамроҳ карда нависед ва ҷинсияташонро номбар кунед.

Адиб, муаллим, олим, Хуршед, Салим, Саид, Райҳон, Обид, Нодир, Камол, Малик, Раҳим, Иқбол, Ҳалим, Ҷамил.

**Машқи 371.** Исмҳоро аз рӯйи ҷинсият ба гурӯҳҳо ҷудо карда нависед.

Пирамард, пиразан, арӯс, домод, хола, амак, модаркалон, бобо, Лутфинисо, Хиромон, Манучеҳр.

**Машқи 372.** Бо интихоб ва корбасти пасвандҳо 8-то ному насаби ифодакунандаи ҷинси занонаву мардона нависед.

*Намуна:* Зебунисои Тоҳириён, Ӯрун Кӯҳзод.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Дар забони тоҷикӣ ҷинсият бо кадом воситаҳо ифода мегардад?
2. Пасванди аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ дохилшудаи *-а* кадом ҷинсиятро муайян менамояд?
3. Кадоме аз пасвандҳои русии ба забони тоҷикӣ дохилшуда ҷинсияти занона ва кадоме ҷинсияти мардонаро ифода мекунанд?
4. Пасвандҳои ифодакунандаи ҷинсияти занона ва мардонаи забони тоҷикӣ кадомҳоянд?

**Машқи 373.** Бо интихоб ва корбасти пасвандҳои *-зода, -зод, -иён, -пур, -духт* исмҳои хос нависед. Ҷинсашонро низ муайян кунед.

*Намуна:*

1. Шоҳзода дар ҷавоби пурсиши Судоба сукут кард.
2. Синдухт парешонхотир ва ғамгин буд.

## Дарси 105. СОХТИ ИСМ. ИСМҲОИ СОДДА

Исм аз ҷиҳати сохт: содда, сохта, мураккаб ва таркибӣ мешавад.

Исмҳое, ки аз як реша иборатанд, исмҳои содда ном доранд: *нон, чой, қанд, мураббо, хурмо, санҷид.*

**Машқи 374.** Аз силсилаи мисолҳо исмҳои соддаро муайян карда, ба дафтар рӯбадор кунед.

Барзгар, деҳқонӣ, оташгирак, бодбезак, санг, хор, каду, навигарӣ, боронгарӣ, картошкабирён, мурч, гургбача, нахӯдбирён, мошоба, мурчдон, пешчаспак, пасчаспак, пешванд, пасванд, орд, танӯр, гулхан.

**Машқи 375.** Матнро хонед, исмҳои пасванди -*ҳо* қабул намударо муайян кунед.

### Баҳор

Баҳор! Фасли зеботарини сол аст. Дар ин фасл майсаҳо месабзанду гулҳо мешукуфанд. Паррандагони хушовоз нағмасароӣ мекунанд. Бачаҳо шодикунон ба сайри гул мераванд. Кишту кори деҳқонӣ оғоз меёбад. Рӯзҳо дарозтару шабҳо кӯтоҳтар мегарданд. Офтоб нурҳои гарми худро ба замин мепошад. Боришгарӣ зиёд мешавад. Дарахтон муғҷа бароварда гул мекунанд. Барг мебароранд. Рӯйи замин бо майсаҳои сабз пӯшида мешавад.

**Машқи 376.** Чанде аз номи предметҳои дар раставу кӯча дидаатонро ба хотир оварда нависед.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Исм аз ҷиҳати сохт чӣ гуна мешавад?
2. Чӣ гуна исмҳоро исмҳои содда меноманд?

**Машқи 377.** Дар мавзӯи *«Кӯҳистони хушманзар»* матн тартиб диҳед. Баъд аз он исмҳоро аз ҷиҳати сохт ба гурӯҳҳо ҷудо кунед.

## Дарсҳои 106—107. ИСМҲОИ СОХТА

Исмҳое, ки аз реша ва пасванд ё пешванд сохта шудааст, *исми сохта* номида мешавад.

*-а (-я), -акӣ, -андар, -бон, -ванд, -вар, -во (-вой), -вода, -вор (-вора), -ворӣ, -гар, -гарӣ, -гонӣ, -гор, -гоҳ (-гаҳ), -дон, -зор, -ӣ (-гӣ), -ина, -истон, (-стон), чӣ, -иш, -ия, -ият, -лох, -мон пасавандҳои калимасоз, -ак (-як), -акак (-якак), -ино, -ка, -он (-ён, -вон, -гон), -ҳо, -ча, -ича* пасвандҳои шаклсози исм ба шумор мераванд. Исмҳои сохта ба воситаи пасвандҳои мазкур ва бо пешванди *ҳам* сохта мешаванд: навбатчӣ, боғбон, гулзор, шабистон, дуредгар, хониш, писарча, даста, чарогоҳ, ҳамкор.

**Машқи 378.** Ба ҷойи нуқта пасвандҳои мувофиқ гузошта, онҳоро дар шакли пурра нависед ва сохташонро номбар кунед.

Пахта..., офтоб..., рах..., саёҳат..., сурма..., хона, шамъ.

Пасвандҳо барои истифода: *-а, -зор, -ча, -гоҳ, -чӣ, -дон, -вода.*

**Машқи 379.** Пасвандҳои маконсозро пас аз калимаҳо илова карда, исмҳои сохта тартиб диҳед.

**Машқи 380.** Бо пасвандҳои шаклсози исм *-ак (-як), -акак (-якак), -ино, -ка, -он (-ён, -вон, -гон), -ҳо, -ча, -ича* мисолҳо нависед.

**Машқи 381.** Бо интихоб ва корбасти пасвандҳо исмҳои соддаро ба исмҳои сохта табдил дода нависед. Фарқият ва умумияти шаклу маънои калимаҳоро гӯед.

*Гӯш* (-а, -ак, -вор, -вора), буз (-ак, -вор, -ича), *анор* (-зор, -истон), *кор* (-гар, -ӣ, -гоҳ, ҳам-), *кӯрпа* (-ворӣ, -ча), *муаллиф* (ҳам-), *насиҳат* (-гар, -чӣ), *нашр* (-иёт, -ия), *оташ* (-ак, -вор, -гоҳ).

**Машқи 382.** Порчаи шеъриро хонед, исм ва сифатҳои дар таркиб пасванди *-ак* доштаро ба дафтар рӯбардор кунед.

Дилакам бурд ба ғорат зи барам дилбараке,
Сар фурӯ карда парипайкарак аз манзараке.
Бахтакам шӯрак аз он зулфаки шӯрангезак,
Суханаш талхаку ширин, лабакаш шаккараке.

*Ҳоҷуи Кирмонӣ*

**Машқи 383.** Дар болои пасвандҳои калимасоз ҳарфи *к* ва дар болои пасвандҳои шаклсоз ҳарфи *ш* гузошта муайян кунед.

Хониш, дониш, сӯхтор, рафтор, гуфтор, гузаргоҳ, писарак, сарвқадак.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Чӣ гуна исмҳоро исмҳои сохта меноманд?
2. Пас аз реша дар таркиби исмҳои сохта кадом воситаҳои калимасоз меоянд?
3. Исмҳои сохта ғайр аз пасвандҳо боз бо кадом воситаи калимасоз сохта мешаванд?

**Машқи 384.** Аз силсилаи пасвандҳо 12-то пасаванди дилхоҳро интихоб карда, исмҳои сохта тартиб диҳед.

## Дарси 108. ИСМҲОИ МУРАККАБ

*Исмҳои мураккаб* калимаест, ки аз ду (ё гоҳ аз се) реша сохта шудааст. Исмҳои мураккаб аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сохта мешаванд: талхакбодом, талхдона, лӯлакабоб, лӯхтакбоз, майдадона, масалнавис, матоъбоф, маҷнунбед, мевафурӯш, мошпиёба, танбӯрнавоз.

**Машқи 385.** Таркиби исмҳои мураккабро аз рӯйи фарогирии ҳиссаҳои нутқ ба гурӯҳҳо ҷудо карда нависед ва аломати шартии решаро гузоред.

Барфтӯда, барфтозакунӣ, алочабоф, масхарабоз, ҷуворимаккакорӣ, ҳосилғундорӣ, ангиштсанг, ҳароратсанҷ, рубобнавоз, ҳикматшинос, моҳипаз, гаҳвораҷунбон, маҳсидӯз, сурнайнавоз, телпакдӯз, чодирдӯз.

**Машқи 386.** Аз силсилаи мисолҳо исмҳои мураккабро муайян карда, дар алоҳидагӣ нависед.

Харбузафурӯш, асал, харбузахар, набот, харгӯшхона, арчазор, арӯсак, абрпора, тиҷоратхона, акколдаста, аккос, тиру камон, устохона, дастшӯяк, сабру тоқат, нишонгоҳ, нишебӣ.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Чӣ гуна исмҳоро исмҳои мураккаб меноманд?
2. Исмҳои мураккаб ғайр аз исму исм боз бо кадом ҳиссаҳои нутқ таркиб меёбад?

**Машқи 387.** Понздаҳто исмҳои мураккаб нависед, ки таркибҳояшон *аз исму исм, аз исму сифат, аз исму феъл* иборат ёфта бошанд.

## Дарси 109. ИСМ ДАР ВАЗИФАИ МУХОТАБ

Исм дар ҷумла ба вазифаи мухотаб кор фармуда шуда, аз аъзоҳои ҷумла бо аломати вергул ва хитоб ҷудо карда мешавад.

Исме, ки ба вазифаи мухотаб меояд, аъзои ҷумла намешавад, зеро мухотаб аъзои ҷумла нест.

**Машқи 388.** Ҷумлаҳоро хонед, мухотабҳояшро муайян кунед.

1. Шумо, усто, дар ҳама ҷо ҳозиру мушкилкушо.
2. Духтарам! Ту ҳавлиро тез рӯфта тоза кун.
3. Рӯзибой, ту одами паҳлавон мебошӣ.
4. Тақсирҷон, тавба кардам, ман шӯхӣ накардам, — гӯён фарёд баровард ӯ.

**Машқи 389.** Ҷумлаҳои мухотабдор нависед, ки исмҳои хос номи шахс, исмҳои ҷинс касбу кор ва ҳунарро ифода карда бошанд.

## Дарси 110. ТАҲЛИЛИ САРФИИ ИСМ

### Тартиби таҳлили сарфии исм

1. Кадом калима исм аст ва он ба кадом савол ҷавоб мешавад?

2. Муайян кардани аломатҳои сарфӣ:

а) ҷондор ва беҷон;

б) хос ва ҷинс;

в) шахс ва ғайришахс;

г) танҳо ва ҷамъ;

ғ) муайян ва номуайян;

д) сохти исм: содда, сохта, мураккаб, таркибӣ.

3. Вазифаи исм дар ҷумла.

*Мисол:* Меҳмонон дар атрофи дастархони бо меваҳои тар ва қанду қурс орододa менишастанд.

### Намунаи таҳлили даҳонӣ:

1. *«Меҳмонон»* исм аст, он ба саволи *киҳо?* ҷавоб мешавад.

2. Исми ҷондор, ҷинс, шахс, ҷамъ, муайян, сохта мебошад.

3. Дар ҷумла ба вазифаи мубтадо омадааст.

*Супориш.* Исмҳои таркиби ҷумларо мисли намуна таҳлил кунед.

1. Абр осмонро фаро гирифт.

2. Дарахтҳо муғча мебастанд.

3. Зану шавҳар ба гирди сари кӯдак парвона буданд.

4. Духтарак тасдиқомез сар ҷунбонида хомӯш аз дар баромад.

5. Мутрибон, ҳофизон давраро тафсонда, ба ҳозирон ғизои маънавӣ мебахшанд.

6. Нодир Нодирӣ, Аҳрори Маҳмудзод, Олимҷон Олимов, Ӯктамҷон Зиёдуллоев эҷодкорони рӯзномаи «Садои Сӯх» мебошанд.

## Дарсҳои 111—112. ТАКРОРИ МАВЗӮИ ИСМ

### Тест

1. Оид ба таркиби калима ва ҳиссаҳои нутқ кадом соҳаи забоншиносӣ маълумот медиҳад?

а) овозшиносӣ  в) луғатнигорӣ
б) калимашиносӣ  г) сарф

2. Сарф ва наҳв дар якҷоягӣ чиро ташкил медиҳанд?

а) пунктуатсияро  в) луғатнигориро
б) фразеологияро  г) грамматикаро

3. Даҳ ҳиссаи нутқ аз рӯйи аломатҳои сарфӣ ва луғавӣ ба чӣ гуна гурӯҳҳо тақсим мешаванд?

а) ба гурӯҳи мустақил ва номустақил
б) ба гурӯҳи пайдарпай
в) ба гурӯҳи чида
г) ба ҳеҷ гуна гурӯҳ тақсим намешаванд

4. Саволҳои исм дар кадом банд дарҷ гардидааст?

а) кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо?  в) чӣ кор кард? чӣ шуд?
б) чӣ хел? чӣ гуна?  г) чандто? чандум?

5. Кадоме аз пасвандҳо пасвандҳои ҷамъсози исм ба шумор мераванд?

а) -ак (-як), -акак (-якак)  в) -гоҳ, -дон, -зор
б) -гар, -бон -ча, -ича  г) -он (-ён, -вон, -гон), -ҳо

6. Сохти исмҳои *«обтарозу», «панду насиҳат»*-ро муайян кунед.

а) содда  в) мураккаб
б) сохта  г) таркибӣ

7. Калимаҳои халқ, мардум, гурӯҳ мисоли кадом навъи исманд?

а) ҷомеъ  в) ғайришахс
б) беҷон  г) танҳо

8. Исм дар ҷумла ба вазифаи кадом аъзоҳои ҷумла меояд?

а) танҳо ба вазифаи мубтадо
б) мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда, ҳол
в) танҳо ба вазифаи сараъзоҳо
г) танҳо ба вазифаи аъзоҳои пайрав

## Дарсҳои 113—114. АЗ РӮЙИ МАЗМУНИ РАСМ НАВИШТАНИ БАЁН МУВОФИҚИ НАҚША

# СИФАТ

## Дарси 115. СИФАТ

Ҳиссаи нутқе, ки аломати предметро мефаҳмонад, *сифат* ном дорад.

Сифат ба саволҳои *чӣ хел? чӣ гуна?* ҷавоб мешавад: *хушрӯ, хушбӯ, дилнишин, чобук, зебо.*

**Машқи 390.** Матнро хонед, сифат ва саволҳояшро муайян кунед.

### Файзу шукӯҳи моҳи март

Март моҳи аввали фасли баҳор аст. Кишоварзон ин моҳро ҳамал мегӯянд. Дар ин моҳ тамоми мавҷудоти рӯйи олам ва зери хок ба амал меоянд. Гирду атроф сабзу гулпӯш мешавад. Дар кӯҳу дашт гулҳои муждарасони фасли баҳор савсану сада, бойчечаку лола, майсаву растаниҳои гуногунном мерӯянду месабзанд. Кабку булбул ва дигар паррандагон хушҳолона нағмасаро мешаванд. Занбӯри асал бо болафшонӣ чанги шифобахши гулу майсаҳоро ғун мекунад. Барраву бузғолачаҳои навзод майсаҳои сабзидаву нешзадаро хӯрда рақсзанон ҷасту хез мекунанд. Гала (рама)-и бузу бузғолагон, барраву гӯсфандон, гову гӯсолаҳо, хару аспҳо ба даштү саҳро паҳн мешаванд.

Хурдтаракон мерақсанду мебозанд. Гулҳои навшукуфтаро чида барои модарон гулдастаҳо тайёр мекунанд.

Модар ва хоҳаронро бо иди фархундаи 8-уми март табрик мегӯянд. Инчунин, дар арафаи иди Наврӯз барои густурдани дастархони наврӯзӣ кӯмакрасон мешаванд.

**Машқи 391.** Порчаи шеъриро хонед, сифатҳояшро муайян карда, ба дафтар рӯбардор кунед.

Хуршед ханда карду фазо беғубор шуд,
Аз чашма оби соф равон нуқравор шуд.
Форам насим омаду анбарнисор шуд,
Гулбоғ гулфишон шуда файзи саҳар гирифт.

*Наимҷон Назирӣ*

**Машқи 392.** Бо интихоб ва корбасти сифатҳои ифодакунандаи таъм, шакл, ҳарорат ва синну сол ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Машқи 393.** Ҷумлаҳоро хонед, сифат ва саволҳояшро муайян кунед.

1. Акси шафақи шом харсангҳои сари роҳро тобиши ҷигарии тирагуне медод.
2. Аз шохчаҳои борик нартҳои нав месабзид.
3. Дар осмон абрҳои сиёҳ менамуданд.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Сифат чист?
2. Сифат ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
3. Пердметҳо дорои чӣ гуна аломатҳоянд?

**Машқи 394.** Бо исму сифатҳои мувофиқ ибораҳо тартиб диҳед ва ба зери воситаи грамматикии исму сифат хат кашед.

Бача, хушфеъл, хандонрӯ, одам, софдил, кӯҳ, баланд, ош, бенамак, ҷавон, қаддароз, гул, пажмурда.

*Намуна:* насими форам.

## Дарси 116. ВАЗИФАИ СИФАТ ДАР ҶУМЛА

Сифат дар ҷумла ба вазифаи *муайянкунанда* ва *хабар* меояд: 1. Шамолаки сард ба машом бӯйи тирамоҳро меовард. 2. Осмон соф ва беғубор буд.

Калимаҳои сард, соф, беғубор сифат мебошанд, онҳо дар ҷумлаи якум ба вазифаи муайянкунада ва дар ҷумлаи дуюм ба вазифаи хабар омадаанд.

Сифат дар ҷумла ба вазифаи муайянкунанда бештар ва ба вазифаи хабар камтар меояд. Агар сифат дар ҷумла ба вазифаи муайянкунанда омада бошад, ба зери он хати мавҷнок, агар ба вазифаи хабар омада бошад, ду хати рост кашида мешавад.

**Машқи 395.** Ҷумлаҳоро хонед, сифат ва вазифаи наҳвиашро муайян кунед.

1. Асалхӯрак тиллоранг ва сабз мешавад. 2. Боди фораме мудом рӯю мӯйи роҳгузарро навозиш мекунад. 3. Ранги рӯяш номуқаррару норавшан — зардчатоби сурхчанамо. 4. Булбулон одатан дар ҷойҳои сабзу хуррам ва гулзор манзил мекунанд. 5. Ҳаво тира шуда бошад ҳам, осмон соф буд. 6. Зардолуи тару тоза ва хуштаъму хушбӯ чун ҳалво дар даҳон об мешуд.

**Машқи 396.** Чистонро хонед, ҷавобашро ёбед. Сифат ва саволҳояшро муайян кунед.

Зард аст, на зардолу,
Сурх аст, на шафтолу.
Чорбоғи ҳалимон аст,
Хӯроки ҳакимон аст.

**Машқи 397.** Матнро хонед, мазмунашро баён кунед. Сифатро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

### Саёҳати фаромӯшнашаванда

Гулҳои ҳархела қатор андар қатор. Агар аз дур нигаред, қолини калони хушнақшу нигореро мемонад. Ҳар як гулу

бутта дар ҷойи худ. Бӯйи райҳон, кашнич, ҳулбӯ, гули садбарг ба машом мерасид. Дар он сӯйи гулзор токзор доман паҳн кардааст. Хӯшаҳои калони сиёҳ, сафед, зард ва сурхтоби ангур аз байни баргҳо дар хавоза назаррабоӣ мекарданд. Дар як қитъа дарахтони гелос, он тарафтар зардолу, олу, шафтолу, себу нок, биҳизору чормағззор ва бодомзор.

Ҳамаи дарахтон зебо менамуданд. Чӣ хеле ки машшотаи моҳир мӯйи сарро қайчию шона зада, ба тартиб меорад, боғбонҳои боҳавсалаи ин ҷо низ дарахтонро хуб оро додаанд. Бехи онҳо нарм, танаашон сафед карда шуда буд. *(Аз китоби «Мурғи сухангӯй»)*

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Сифат дар ҷумла ба вазифаи кадом аъзоҳои ҷумла меояд?
2. Аз рӯйи вазифаи наҳвӣ ба зери сифат чӣ гуна хат кашида мешавад?

**Машқи 398.** Бо интихоби сифат шашто ҷумла тартиб диҳед, ки он дар ҷумла ба вазифаи муайянкунанда, хабар омада бошад.

## Дарси 117. СИФАТҲОИ АСЛӢ ВА НИСБӢ

Сифат аз ҷиҳати маъно ва вазифаи грамматикиаш ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешавад: *аслӣ* ва *нисбӣ*.

Гурӯҳи сифатҳое, ки маҳз аломат, хусусият ва ё чигунагии предметро бевосита, бе алоқамандӣ ба предметҳои дигар ифода мекунанд, *аслӣ* номида мешаванд: *хурд, калон, сабук, вазнин, муаттар, дилнишин.*

Гурӯҳи сифатҳое, ки аломат ё хусусияти предметро дар алоқамандӣ ба предмет, амал, ҳолат, замон, макон ва ғайра ифода мекунанд, *нисбӣ* номида мешаванд: *панҷараи оҳанин, хӯроки бегоҳӣ, оҳуи кӯҳӣ, саломи бародарона.*

Сифатҳои нисбӣ аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ бо ёрии пасвандҳои *-ин, -ӣ (-гӣ, -вӣ), -она (-гона)* сохта мешаванд: *девори сангин, мурғи даштӣ, пироҳани духтаракона.*

**Машқи 399.** Сифатҳои аслӣ ва нисбиро дар алоҳидагӣ ҷудо карда нависед.

Саҳрои васеъ, табақи сафолин, роҳи кӯтоҳ, гандуми баҳорӣ, тоқии чустӣ, меваи ширин, мори обӣ, марди доно, меҳри модарона, либоси бачагона, пули чӯбин.

**Машқи 400.** Панҷтоӣ сифатҳои аслӣ ва нисбӣ нависед.

**Машқи 401.** Ба исмҳои зерин сифатҳои нисбии мувофиқ илова карда, дар шакли ибора нависед.

Забон, замин, хона, мурғ, қалам, ҷадвал, кор, коса, оҳан, чӯб.

**Машқи 402.** Ба сифатҳои нисбӣ саволҳои мувофиқ гузоред ва пасвандҳояшро бо гузоштани аломати шартӣ муайян кунед.

Меҳри падарӣ, забони модарӣ, ҳамёни чармин, меҳнати фикрӣ, кори илмӣ, ҳодисаи имрӯза, бози шикорӣ.

*Намуна:* забони тоҷикӣ.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Сифат аз ҷиҳати маъно ва вазифаи грамматикиаш ба чӣ гуна гурӯҳҳо тақсим мешавад?
2. Кадом хели сифат аслияти аломати предметро айнан ифода мекунад?
3. Чӣ гуна сифатҳоро сифатҳои нисбӣ меноманд?
4. Сифатҳои аслӣ ва нисбӣ аз ҳамдигар аз кадом ҷиҳат фарқ доранд?
5. Кадом навъи сифат пасвандҳои *-ин, -ӣ (-гӣ, -вӣ), -она (-гона)* қабул мекунад?

**Машқи 403.** Аз калимаҳои зер сифатҳои нисбие созед, ки маънои макон, замон, таъинот ва касбу корро ифода кунанд.

Фикр, бача, имрӯз, дирӯз, саҳро, пагоҳ, мард, шаҳр, қишлоқ.

*Намуна:* зан — занона — либоси занона.

## Дарси 118. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 404—408

**Машқи 404.** Ибораҳое созед, ки исмҳои зерин ба сифати нисбӣ табдил ёбанд.

Оҳан, чӯб, хона, бача, кӯҳ, дашт, об, даст, баҳор, зимистон, кӯча, ҳаво.

*Намуна*: Оҳан — кати оҳанин.

**Машқи 405.** Порчаи шеъриро хонед, сифат ва навъи онро муайян кунед.

Дили модар бузургу беканор аст,
Навозишкору нарму беқарор аст.
Умеду орзуяш ҳаст фарзанд,
Фақат фикраш ба хушбахтии ӯ банд.

*Наимҷон Назирӣ*

**Машқи 406.** Сифатҳоро бо антонимҳояшон иваз карда нависед.

Шиноси дерина, дарахти баланд, писараки чобук, марди далер, кори хуб, девори баланд, хӯроки гарм, хӯроки пагоҳӣ, рафиқи хуб.

**Машқи 407.** Шеърро хонед ва аз банди якум ибораҳоро муайян намуда, воситаи алоқаи исму сифатҳоро аниқ кунед.

**Сафои олам**

*(Таронаи халқӣ)*

Баҳори хуррам омад,
Сафои олам омад.
Шодии одам омад,
Баҳори нав муборак!

Замин пур аз гиё(ҳ) шуд,
Гули бунафша во шуд.
Лола ба ҳар куҷо шуд,
Баҳори нав муборак!

Дар баҳор борон шавад,
Ғалла ҳам арзон шавад.
Нон ҳам фаровон шавад,
Баҳори нав муборак!

**Машқи 408.** Панҷтои сифати аслӣ ва нисбӣ нависед, бо онҳо ҷумла тартиб диҳед. Аз рӯйи маъно онҳоро ба хелҳо ҷудо кунед.

## Дарси 119. ДАРАҶАҲОИ СИФАТ

Сифат се дараҷа дорад: *оддӣ, қиёсӣ* ва *олӣ.*

Дараҷаи оддӣ нишонаи сарфӣ надорад ва аломати предметро бе муқоиса бо аломати предмети дигар ифода мекунад: *абри сафед, манзараи зебо.*

Дарҷаи қиёсӣ ба воситаи пасванди *-тар* сохта мешавад ва аломати як предметро дар муқоиса бо предмети дигар нишон медиҳад: *талхтар, тундтар, чобуктар.*

Дараҷаи олӣ ба ёрии пасванди *-тарин* сохта мешавад ва аломати як предметро нисбат ба ҳамаи предметҳо ифода мекунад: *зеботарин шаҳр, беҳтарин донишомӯз, шавқовартарин асар.*

**Машқи 409.** Сифатҳоро аз рӯйи мансубияти дараҷа дар алоҳидагӣ нависед.

Беҳ, беҳтар, беҳтарин, хушбахт, хушбахттар, хушбахттарин, накӯ, накӯтар, накӯтарин, нафис, нафистар, нафистарин, арзон, арзонтар, арзонтарин, фарбеҳ, фарбеҳтар, фарбеҳтарин, фаровон, фаровонтар, фаровонтарин.

| Дараҷаи оддӣ | Дараҷаи қиёсӣ | Дараҷаи олӣ |
|---|---|---|
| маъруф | маъруфтар | маъруфтарин |
| | | |

**Машқи 410.** Аз сифатҳои оддӣ сифатҳои дараҷаи қиёсӣ, олӣ созед. Воситаҳои калимасозии онҳоро муайян кунед.

Машҳур, бақувват, нерӯманд, баланд, калон, доно, аъло.

*Намуна:* нерӯмандтар (дараҷаи қиёсӣ), нерӯмандтарин (дараҷаи олӣ).

**Машқи 411.** Сифатҳои дараҷаашон олиро ба сифатҳои дараҷаашон оддӣ табдил дода нависед.

Пурасрортарин, серазобтарин, қавитарин, хуррамтарин, хурсандтарин, хушрӯтарин, муҳимтарин.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Сифат чанд дараҷа дорад?
2. Кадом дараҷаи сифат нишонаи сарфӣ надорад ва аломати предметро бе муқоиса бо аломати предмети дигар ифода мекунад?
3. Кадом дараҷаи сифат пасванди *-тар* қабул карда, аломати як предметро дар муқоиса бо предмети дигар нишон медиҳад?
4. Пасванди *-тарин* қабулкардаи дараҷаи сифат чӣ ном дорад?

**Машқи 412.** Фикр карда даҳто сифати дараҷааш оддӣ нависед. Сонӣ бо илова кардани пасванди *-тар, -тарин* сифатҳои дараҷаашон қиёсиву олӣ тартиб диҳед.

## Дарси 120. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 412—416

**Машқи 413.** Ба сифатҳо пасванди *-тар*, *-таринро* илова карда нависед. Дараҷаи онро номбар кунед.

Нилгун, заковатманд, хурд, кабуд, сиёҳ, нозук, борик, васеъ, хушмуомила, мӯҳтарам, рангоранг.

**Машқи 414.** Дараҷа, вазифаи наҳвӣ ва ба кадом савол ҷавоб шудани сифатҳоро муайян кунед.

1. Баъд нолаву фиғонаш торафт баландтар шудан гирифт. 2. Қадаммониаш андаке далеронатар гардид. 3. Рӯйи ӯ дар зери тарс ва шарм сафеди сурхчатоб шуда буд. 4. Шаби дароз абрҳои хокистарранг ба замин заррачаҳои нуқратоб пошиданд. 5. Чашмони мешии зинда, рӯйи кало-

ни камоҷинги мард дилкашу ҷозибадор буд. 6. Тарбияи авлоди баркамол орзуи бузургтарини мост.

**Машқи 415.** Аз рӯйи мазмуни расм бо интихоб ва корбасти пасвандҳои *-тар, -тарин* матн тартиб диҳед.



**Машқи 416.** Ҷумлаҳоро хонед, сифат ва дараҷаҳояшро муайян кунед.

1. Нони гандуми хушбӯй, шири гарм ва асал ҷоғи меҳмонро тасфонд. 2. Вай вориди боргаҳ шуда, марди хурдҷуссаи сиёҳҷурдаеро дид, ки дар танаш қабои зарбофти осмониранг ва бар сараш дастори сафеди ҷавоҳирнишин, дар пешгаҳ нишаста буд. 3. Боргаҳ иборат аз хонаи калони дарозрӯяи гаҷкорӣ буда, токчаҳои мунаққаши меҳробшакл дошт, дар шифти баландаш чилчароғи булӯрин овезон, фаршаш бо қолинҳои тиллоранги гулдор пӯшида буд. 4. Чашмонаш дар зери абрувони ғафси кӯтоҳи ӯ гоҳ нилобӣ, гоҳ кабудранг метофтанд. *(Аз романи «Фирдавсӣ»-и С. Улуғзода)*

**Машқи 417.** Аз асарҳои хондагиатон понздаҳто сифат интихоб кунед, ки дараҷаҳояш оддӣ, қиёсӣ ва олӣ бошад.

## Дарси 121. СОХТИ СИФАТ

Сифат аз ҷиҳати *сохт содда, сохта, мураккаб* ва *таркибӣ* мешавад.

Сифатҳое, ки танҳо аз реша иборатанд, *сифати содда* номида мешаванд: *хуб, дур, нав, гарм, равшан.*

Сифатҳое, ки ба реша бо илова кардани пешванд ё худ пасвандҳо сохта мешаванд, *сифати сохта* ба шумор меравад: *боинтизом, бамаънӣ, баркамол, ношинос, сангин.*

Сифатҳои аз ду ва зиёда калимаҳо таркибёфта, *сифати мураккаб* ба шумор меравад: *моҳпайкар, бодпо, фараҳбахш, хушхон.*

Сифатҳое, ки аз ду ва зиёда калимаҳои чудогона барои ифодаи мафҳуми умумӣ таркиб ёфтаанд, *сифатҳои таркибӣ* номида мешаванд: *сурхӣ, сабзӣ, ҷавони соҳибистеъдод.*

**Машқи 418.** Сифатҳоро аз рӯйи сохт ба гурӯҳҳо ҷудо карда нависед.

Васеъ, фарох, баланд, нав, кӯҳна, лоларанг, меҳрангез, ширмол, дилкаш, лӯлашакл, пурдон, соҳибхирад, баинсоф, хушфеъл, қабат ба қабат, сӯҳбатоpo, луғатдон, сухансанҷ.

| Сифатҳои содда | Сифатҳои сохта | Сифатҳои мураккаб | Сифатҳои таркибӣ |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |

**Машқи 419.** Реша ва воситаҳои калимасози сифатҳои сохтаро бо гузоштани аломати шартӣ муайян кунед.

Саодатманд, хушрӯяк, майгун, босафо, бамаврид, пастакак, илмдор, заковатманд, сафолин, чармин, шармгин, шӯҳратманд, ноком, бенамак, нуқрагин, ақлдор, лаългун, нуқрасон, нуқрафом.

**Машқи 420.** Бо кадом ҳиссаҳои нутқ сохта шудани сифатҳои мураккабро номбар кунед ва онҳоро аз рӯйи маънӣ шарҳ диҳед.

Сарсабз, хокистарранг, кӯҳансол, ширинсухан, сергап, сердуд, соҳибҳунар, раҳмдил, қаҳваранг, мижгонсиёҳ, махмалмонанд, моҳпайкар, маҷлисафрӯз, мисранг, маданӣ-равшаннамоӣ, адабӣ-бадеӣ, гуногун, рангоранг, ҷоноҷон, дуродур.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Сифат аз ҷиҳати сохт чӣ гуна мешавад?
2. Чӣ гуна сифатҳоро сифатҳои содда меноманд?
3. Сифатҳои сохта аз чиҳо таркиб меёбанд?
4. Сифатҳои мураккаб гуфта чӣ гуна сифатҳоро дар назар доред?
5. Чӣ гуна сифатҳоро сифатҳои таркибӣ меноманд?

**Машқи 421.** Аз асарҳои хондагиатон панҷтоӣ сифатҳои содда, сохта, мураккаб ва таркибӣ интихоб карда, ба дафтар нависед.

## Дарси 122. ПАСВАНД ВА ПЕШВАНДҲОИ СИФАТСОЗ

Пасвандҳои сифатсоз аз рӯйи вазифа ба ду гурӯҳ тақсим мешавад: *калимасоз* ва *шаклсоз.*

*-а (-я), -ак (-як), -акӣ (-якӣ), -ам, -ангӣ,(-нгӣ), -вар, -ваш, -гар, -гун, -ин (-гин), -ина, -ӣ (-гӣ, -вӣ), -ик, -манд, -нок, -она (-вона), -гона (-ёна), -онӣ, -о, -осо, -сор, -ук, -фом, -чак пасвандҳои калимасоз, -ак (-як), -акак (-якак), -ина, -тар, -тарин, -ча* пасвандҳои шаклсоз ба шумор меравconfiguration.

*ба-, бар-, бе-, бо-, дар-, но-, то-* пешвандҳои сифатсозанд.

Баъзе аз воситаҳои калимасози сифат хусусияти синонимӣ доранд. Аз ин ҷиҳат онҳо ба ивази ҳамдигар

кор фармуда мешаванд. Чунончӣ: пешванди *бе-* бар ивази пешванди *бо-, ба-, но* ё худ ҳодисаи баракс: беилоҷ — ноилоҷ, баинсоф — беинсоф. Пасвандҳои *-манд, -нок,-ваш, -вар, -ваш, -фом,-гар, -осо, -гин, -гун, -ин, -ча бар ивази ҳамдигар ва пасвандҳои бе-, бо-, ба-*: боандеша-андешаманд-андешанок, гулгун-гулфом.

**Машқи 422.** Пешванд ва пасвандҳои сифатсозро бо гузоштани аломати шартӣ муайян кунед.

Давлатманд, давлатдор, босаховат, саховатманд, саховатнок, ноумед, донишвар, сиёҳваш, кӯдакона, барқосо, ғамгин, ёқутфом, гандумгун, банур.

**Машқи 423.** Пас аз калимаҳои поёнӣ пасвандҳои мувофиқро интихоб карда, ҳамчун синоними ҳамдигар кор фармоед.

Заковат, шукӯҳ, обрӯ, баҳра, ҳунар, хашм, ғам
Пасвандҳо: *-манд, -нок, -вар, -гин.*

*Намуна*: обрӯманд — обрӯнок, ҳунарвар — ҳунарманд.

**Машқи 424.** Пас аз калимаҳо пасвандҳои шаклсози *-ак (-як), -акак (-якак), -ина, -тар, -тарин, -ча*-ро кор фармуда калимаҳо тартиб диҳед.

**Машқи 425.** Матнро хонед, сифатҳояшро рӯбардор карда, сохт ва дараҷаҳояшро муайян кунед.

Насими саҳаргаҳӣ нарм-нарм вазида, бӯйи биҳию себҳои ҳанӯз дар шохҳои дарахтон боқимондаро бо бӯйи хазону алафу хошоки шабнамзада омехта ба ҳаво мефишонад. Биҳии тиллоранг, себҳои сурхгуна ва нуқрафом бо гаронии худ шохҳои дарахтонашонро хамондаанд. Зардию сурхии тирамоҳӣ саросари боғу бӯстонро пӯшонда, ба онҳо боз ҳусни дигаре бахшидааст. Кас аз тамошои ин ҳусну ин манзараи табиат дар дилаш як фараҳи андӯҳомез ё ҳасратолуде эҳсос мекунад.

Шоир назди дарахти себи баланду паҳноваре истода, ба шохҳои пурбору анбӯҳи он менигарад. *(Аз романи «Фирдавсӣ»-и С. Улуғзода)*

**Машқи 426.** Пасванду пешвандҳоро бамаврид кор фармуда, калимаҳо тартиб диҳед. Воситаҳои сифатсозро номбар кунед.

*Чолок* (но-, -она, -ӣ), хуршед (-ваш, -фом), тира (-гун, -гӣ, -фом), *сурма* (-гун, -дон, -нок, -сон), *садаф* (-ак, -вор, -гун, -ин, -осо, -ӣ), *зард* (-а, -ак, -гун, -ина, -фом, -ча, -ӣ), *жола* (-гун, -нок, -сон).

*Намуна:* Ёқутвор, ёқутгун, ёқутин, ёқутфом.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Пасвандҳои сифатсоз аз рӯйи вазифа ба чанд ва чӣ гуна гурӯҳ тақсим мешаванд?
2. Пасвандҳои калимасози сифат кадомҳоянд?
3. Пасвандҳои шаклсози сифат кадомҳоянд?
4. Кадом воситаи сифатсоз пеш аз реша меояд?
5. Пасвандҳои сифатсоз ғайр аз калимасозиву шаклсозӣ боз чӣ гуна хусусиятро доранд?
6. Кадоме аз пешвандҳои сифатсоз ҳамчун синоним бар ивази ҳамдигар кор фармуда мешавад?

**Машқи 427.** Бо корбасти пасвандҳои *-гун, -ин, -манд, -нок, -она, -ина, -тар, -тарин* сифатҳо нависед.

## Дарси 123. СИФАТҲОИ ТАЪКИДӢ ВА ТАКРОР

Таъкид карда шудани маънои сифатӣ таъкидият ба шумор меравад.

Сифатҳои таъкидӣ ва такрор дар ифодаи матлаб нутқро пурқувват ва таъсирбахш менамоянд. Дар байни сифатҳои таъкидӣ ва такрор дефис (нимтире) гузошта мешавад: *суп-сурх, сап-сафед, тор-тор, рах-рах.*

**Машқи 428.** Аз таркиби ҷумлаҳо сифатҳои таъкидӣ ва такрорро муайян карда, дар алоҳидагӣ нависед.

1. Риши расидааш рӯйи заб-зарди ӯро бадвоҳима карда нишон медод. 2. Даруни мошин тип-торик буд. 3. Рангаш мисли девори гаҷ сап-сафед канд. 4. Бар манзараи фаровонӣ бо чашмони шикоф менигаристу чуқур-чуқур нафас мекашид. 5. Аз берун паст-паст машварат кардани касоне шунида шуд.

**Машқи 429.** Ба воситаи сифатҳои таъкидӣ ва такрор ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Сип-сиёҳ, каб-кабуд, калон-калон, баланд-баланд, фарбеҳ-фарбеҳ, лӯк-лӯк, майда-майда, хурд-хурд, қатра-қатра, тор-тор, мавҷ-мавҷ, зор-зор, пичир-пичир, шақар-шақар, реш-реш, ҷиринг-ҷиринг, ғирч-ғирч.

**Машқи 430.** Аз лавҳи хотир шаштоӣ сифатҳои таъкидӣ ва такрор нависед.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Чӣ гуна сифатҳоро сифатҳои таъкидӣ меноманд?
2. Фарқи сифатҳои таъкидӣ аз сифатҳои такрор дар чист?
3. Дар байни сифатҳои таъкидӣ ва такрор чӣ гуна аломат гузошта мешавад?

**Машқи 431.** Аз китоби *«Имлои забони тоҷикӣ»* доир ба сифатҳои таъкидӣ ва такрор маълумот нависед.

## Дарси 124. ИФОДАИ КАМӢ ВА ХУРДИВУ НАВОЗИШ ДАР СИФАТ

Ифодаи камӣ ва хурдиву навозиш ба воситаи пасвандҳои *-ча, -ина, -ак (-як), -акак (-якак)* ва калимаи *тоб* ба вуқӯъ меоянд: зардча, пастак, дӯстрӯяк, калонакак, сиёҳтоб, гулобитоб.

**Машқи 432.** Ҷумлаҳоро хонед, ифодаи маънӣ ва воситаҳои сифатро муайян кунед.

1. Чун махмали сиёҳи кабудчатоб барқ мезанад. 2. Торҳои гиребонаш ҳам сап-сафед, вале нӯкҳояш андак зардчатоби фаххак аст. 3. Писараки хурдакак ба падараш хӯрок

овард. 4. Фурӯшанда худи ҳозир як қуттӣ афлесунҳои зебои зарди сурхчатобро кушоду онҳоро ба сабадчаи калони пиразане андохт.

**Машқи 433.** Бо илова кардани пасвандҳои *-ча, -ина, -ак (-як), -акак (-якак)* ба сифат калимаҳо нависед.

**Машқи 434.** Чистонро хонед, ҷавобашро ёбед. Сифат ва воситаи ифодаи хурдиро номбар кунед.

Берун тӯбчаи зардак,
Дарун ҳалвои қандак.

**Машқи 435.** Бо сифатҳои поёнӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Хушрӯяк, дӯстрӯяк, харобак, калонакак, хурдакак, беозоракак, зебоякак.

**Машқи 436.** Аз асарҳои хондагиатон даҳто сифат нависед, ки онҳо камӣ ва хурдиву навозишро ифода карда бошанд.

## Дарси 125. ТАҲЛИЛИ САРФИИ СИФАТ

### Тартиби таҳлили сарфии сифат

1. Кадом калима сифат аст ва он ба кадом савол ҷавоб мешавад?
2. Муайян кардани аломатҳои сарфӣ:
а) аслӣ ё нисбӣ;
б) дараҷаҳои сифат: оддӣ, қиёсӣ, олӣ;
в) сохти сифат: содда, сохта, мураккаб, таркибӣ.
3. Вазифаи сифат дар ҷумла.

*Мисол:* Фирдавсӣ аз назди маликушшуаро малул ва андӯҳгин баргашт.

### Намунаи таҳлили даҳонӣ:

1. *«Малул», «андӯҳгин»* сифат аст, он ба саволи *чӣ хел?* ҷавоб мешавад.
2. Сифати аслӣ, дараҷааш оддӣ, аз ҷиҳати сохт содда (малул), инчунин, сохта (андӯҳ+гин) мебошад.
3. Дар ҷумла ба вазифаи муайянкунанда омадааст.

**Намунаи таҳлили хаттӣ:**

*Мисол:* Фирдавсӣ аз назди маликушшуаро малул ва андӯҳгин баргашт.

*Супориш.* Сифатҳои таркиби ҷумларо мисли намуна таҳлил кунед.

1. Мавҷҳои хурӯшон яхпораҳоро пешандоз карда мебурданд.
2. Дар чаҳор сӯйи боғ савту садои рангоранг ба фалак печид.
3. Бӯйи хуше ба димоғ мезанад.

## Дарси 126. ТАКРОРИ МАВЗӮИ СИФАТ



### Тест

1. Ҳиссаи нутқе, ки аломати предметро мефаҳмонад, чӣ ном дорад?

а) исм
б) сифат
в) феъл
г) шумора

2. Кадоме аз сифатҳо таъми предметро ифода мекунад?

а) хурд
б) сабз
в) ширин
г) дур

3. Кадоме аз саволҳо мансуби сифат аст?

а) чӣ хел? чӣ гуна?
б) кӣ? чӣ?
в) чӣ кор мекунад? чӣ шуд?
г) чӣ қадар? чандто?

4. Дар кадом банд пасвандҳои калимасози сифат ҷо гирифтааст?

а) -манд, -нок, -она, гона, -осо, -сор
б) ба-, бар-, бе-, бо-, дар-, но-, то-
в) -ак (-як), -акак (-якак)
г) -ина, -тар, -тарин, -ча

5. Кадоме аз сифатҳо таъми предметҳоро ифода кардааст?

а) муаттар, хушбӯ, бадбӯ

б) ширин, шӯр, талх, тунд
в) васеъ, танг, дур, дароз
г) ҷигарранг, нилгун, қаҳваранг

6. Сифатҳое, ки ба реша бо илова кардани пешванд ё худ пасвандҳо сохта мешаванд, чӣ гуна сифат ба шумор меравад?

а) содда
б) сохта
в) мураккаб
г) таркибӣ

7. Сифат дар ҷумла ба вазифаи кадом аъзоҳои ҷумла меояд?

а) мубтадо
б) муайянкунанда, хабар
в) пуркунанда
г) ҳол

8. Дар кадом банд сифатҳои мураккаб навишта шудааст?

а) сернақш, мӯрмиён, абрӯсиёҳ
б) дурахшон, номавзун, ҷуръатнок
в) ғунчавор, ғунчасон, дӯстavailable
г) зумуррадранг, нуронӣ

9. Дар калимаҳои бебахт, бобахт, бахтнок воситаҳои калимасози сифат чӣ гуна хусусият пайдо кардааст?

а) хусусияти муродифӣ
б) хусусияти тазодӣ
в) хусусияти маҷозӣ
г) хусусияти услубӣ

10. Дар кадом банд пасвандҳои шаклсози сифат навишта шудааст?

а) -гун, -дон, -нок, -сон
б) -гун, -ин (-гин), -ина
в) -она (-вона), -гона (-ёна)
г) -ак (-як), -акак (-якак), -ина, -тар, -тарин, -ча

## Дарси 127. ТАРТИБ ДОДАНИ МАТН

*Супориши 1.* Дар яке аз мавзӯъҳои поёнӣ матн тартиб диҳед.

а) Ҳунар дорӣ, хазинаи зар дорӣ.
б) Ба як ҷавон чил ҳунар кам.
в) Дасти одамизод — гул.
г) Шахси беҳунар — дарахти бесамар.

*Супориши 2.* Сохти сифатҳои интихоб ва кор фармудаатонро муайян кунед.

## Дарси 128. ТАКРОРИ МАВЗӮЪҲОИ ЧОРЯКИ СЕЮМ

# ФЕЪЛ

## Дарси 129. ФЕЪЛ

Он ҳиссаи нутқе, ки амалиёту ҳаракати предметро ифода карда, ба саволҳои *чӣ кор кард? чӣ кор мекунад? чӣ мешавад? чӣ шуд? чӣ кор карда истодааст?* ва ғайра ҷавоб мешавад, *феъл* ном дорад: *хон, рав, бин, гуфт, дид, нишаст, меравам, мехонем.*

Феъл ду асос (асоси замони гузашта ва ҳозира), ду намуд (мутлақу давомдор), ду шумора (танҳо ва ҷамъ), ду тарз (фоил ва мафъул), се замон (гузашта, ҳозира, оянда), се шахс (шахси якум — гӯянда, шахси дуюм-шунаванда, шахси сеюм — ғоиб), чор сиға (хабарӣ, шартӣ — хоҳишмандӣ, амрӣ, эҳтимолӣ) дорад, ки аз ин ҷиҳат аз исму сифат ва дигар ҳиссаҳои нутқ фарқ мекунад.

**Машқи 437.** Аз силсилаи мисолҳо феълҳоро муайян намуда, ба дафтар нависед ва ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред.

Нишаст, омад, ӯ, китоб, хонд, пурмазмун, нарх, арзон, бозор, нав, харидем, кӯҳна, супоридем, фурӯшанда, матоъ, фурӯхт, гирифт, давид, сард, хунук, ҳаво, дидам.

**Машқи 438.** Матнро хонед, феълҳои таркиби ҷумларо муайян кунед. Ба кадом савол ҷавоб шуданашонро гӯед.

Гашти рӯз. Як села кабӯтарони рангбаранг дар болои Ҷӯйбор дар парвозанд. Гоҳ баланд мепаранд, гоҳ якбора паст фуромада, аз пеши назар шуввасзанон гузашта мераванд. Баъзеашон болҳои худро беҳаракат рост нигоҳ дошта, муаллақзанон қариб то худи замин мерасанд. Чӣ мурғи базеби шӯху беозор аст кабӯтар! *(Аз романи «Вафо»-и Ф. Ниёзӣ)*

**Машқи 439.** Ҷумлаҳоро ба дафтар рӯбардор карда, ба зери феълҳо хат кашед.

1. Рӯзҳои истироҳат ба саёҳат мерафтем. 2. Мешинанд, боз мепаранд, ба чапу рост ба пешу қафо болафшонӣ карда, аз нав ба сӯйи лонаи худ меоянд. 3. Ҳарду бо мамнуният хандиданд. 4. Дарди ҷонгудозе ӯро ба нолиш овард.

## Тест

1. Кадоме аз ҳиссаҳои нутқ амалиёту ҳаракати предметро ифода мекунад?

а) исм б) сифат в) феъл г) шумора

2. Феъл ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?

а) кӣ? чӣ? киҳо? чиҳо?
б) чӣ хел? чӣ гуна?
в) чӣ кор кард? чӣ шуд? чӣ кор карда истодааст?
г) чандто? чандум?

3. Феъл чӣ гуна категорияҳои грамматикӣ дорад?

а) хос ва ҷинс, танҳо ва ҷамъ
б) дараҷаи оддӣ, олӣ, қиёсӣ
в) шахсу шумора, намуд, тарз, замон, сиға
г) шахс ва ғайришахс, ҷомеъ.

**Машқи 440.** Ба ҳар як саволи феъл дутоӣ мисол нависед.

## Дарси 130. ВАЗИФАИ ФЕЪЛ ДАР ҶУМЛА

Феъл дар ҷумла асосан, ба вазифаи хабар меояд: Аз вазиши бод шоху баргҳои дарахтон алвонҷ мехӯрданд.

Одатан феъл дар охири ҷумла ҷой мегирад. Он баъзан дар назму наср бо мақсади муассир ва нишонрас баён кардани фикр дар аввал корбаст мешавад. Ин ҳодиса хеле кам рух медиҳад:

Немеоӣ, намепурсӣ, намефаҳмӣ дили покам,
Вале як рӯз меҷӯӣ, ки ман андар дили хокам.

*Лоиқ Шералӣ*

Дар вақти дарёфт ва хотирнишин кардани вазифаи наҳвии феъл дар зераш аломати шартии хабар ду хати рост кашида мешавад: Тамошои гул, чаҳ-чаҳи булбул инсонро зиндадилу ҷавонтар мекунанд.

**Машқи 441.** Феъл ва вазифаи наҳвиашро муайян кунед.

1. Даричаи пасти оҳангархона боз аст. 2. Ман роҳи серчангу холӣ ва андӯҳовари деҳаамонро мебинам. 3. Дар гардани ӯ шаддаи қаҳрабоии оташгуну норранг медурахшид. 4. Муаллақ меистад, фаро мегирад, девонаву мастат мекунад ин дуди ширину сиёҳу ангубинмаза. 5. Бо дасти дигар аз занҷир медорам. 6. Хоки замин нарм мешавад, ба пой мечаспад, тунук мегардад. 7. Ҳар ду муддате хомӯш сар ба зер афканда нишастанд. *(Аз повести «Ишқи аввали Хоҷа Насриддин»-и Т. Зулфиқоров)*

**Машқи 442.** Порчаҳои шеъриро хонед, феъл ва мавриди корбасташро номбар кунед.

Бихандад лола дар саҳро ба сони чеҳраи Лайло,
Бигиряд абр бар гардун ба сони дидаи Маҷнун.

*Абӯадуллоҳи Рӯдакӣ*

Бипошам шаддаи армони худро,
Ба рӯйи лолазорони шукуфон.

*Ҳадиса*

Мешавад кам шумори ёрон, лек
Мешавад беш меҳрашон дар дил.

*Камол Насрулло*

**Машқи 443.** Ҷумлаҳоро ба дафтар рӯбардор карда, ба зери феълҳо хат кашед.

1. Аз тиреза ба базми осмонкафи ҷавонон, ба рақсу суруди онон назаре меандохту мехазид, менолиду мегирист, меларзиду метапид. 2. Мешинанд, боз мепаранд, ба чапу рост, ба пешу қафо болафшонӣ карда, аз нав ба сӯи лонаи худ меоянд. 3. Дар токзорҳои кишварамон навъҳои ҳусайнӣ, чарос, тоифӣ, кишмиши ангур парвариш меёбанд. 4. Пеш аз ҳама бодом, баъд зардолу, шафтолу, гелос, олуболу, олуча гул мекунанд. 5. Дар кӯҳҳо, дар саргаҳи дарёҳо об хеле шаффоф ва тоза мешавад. 6. Моддаҳои гиёҳванд ба системаи асаб, дил, меда, ҷигар ва дигар аъзои муҳими одам таъсири сахти манфӣ мерасонанд.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Феъл дар ҷумла ба вазифаи кадом аъзои ҷумла меояд?
2. Ҷойи феъл дар ҷумла чӣ гуна аст?
3. Бо чӣ мақсад, баъзан феъл дар аввал кор фармуда мешавад?

**Машқи 444.** Панҷто ҷумлаи дар таркиб феъл дошта нависед. Вазифаи наҳвӣ ва саволҳояшро муайян кунед.

## Дарси 131. ШАКЛҲОИ ТАСРИФӢ ВА ҒАЙРИТАСРИФИИ ФЕЪЛ

Феъл ду шакл дорад: *тасрифӣ* ва *ғайритасрифӣ*. Шаклҳои тасрифии феъл аз рӯйи шахсу шумора тасриф мешаванд. Масдар, сифати феълӣ ва феъли ҳол шакл-

ҳои ғайритасрифии феъл мебошанд, ки онҳо аз рӯйи шахсу шумора тасриф намешаванд.

Феъле, ки амалу ҳолатро фаҳмонда замон, шахсу шумора ва сиға надорад, *масдар* ном дорад. Нишонаи дастурии масдар пасванди *-ан* мебошад: *дидан, давидан, овардан, додан.* Феълҳо дар луғатҳо дар шакли масдар оварда мешаванд.

Шакли феълие, ки аломати замонии амалу ҳолати предметро ифода мекунад, *сифати феълӣ* номида мешавад: *гулҳои шукуфта, гулҳои шукуфта истодагӣ, гулҳои мешукуфтагӣ.*

Феъли ҳол амалу ҳолатеро ифода менамояд, ки ҳамчун аломати феъли асосӣ воқеъ мешавад: *ҷилвакунон, табассумкунон, гапзанон.*

**Машқи 445.** Феълҳои тасрифӣ ва ғайритасрифиро дар алоҳидагӣ нависед.

Рафт, хобидан, хестан, кандан, сӯҳбаткунон, омадаистодагон, задан, тайёр шудаистода, рав, дарафтидан, таъзимкунон, кашолакунон, гузаранда, мефиристодагиатон, гирифтан, хайрухушкунон, шунида, омад, бишукуфта, тартибдода.

**Машқи 446.** Матнро хонед, феъл ва саволҳояшро муайян кунед.

Як рӯз падарам аз кӯҳ омада, оши угро хӯрданду дар болои кӯрпача дароз кашида, гуфтанд, ки рав, писарам, аспро ба дарё бурда, об дода биё. Мани он вақт даҳдувоздаҳсола аз ин хоҳиши падарам ниҳоят хурсанд шуда, савори асп, ба лаби дарё рафтам.

Мепурсед, ки дар ҳамон син аспсаворӣ мекардӣ?

Албатта!

Аз падарам омӯхта будам.

Хулоса, дар поини деҳа ба лаби дарё расида, ҷонварро аз об хуб сер кардаму дар бозгашт — аз кӯҳтал гузаштан баробар тозондам. Падарам пеш чандин маротиба бо таъкид гуфта буданд, ки аспро баъд аз об хӯрданаш тозондан гуноҳ!

Аммо шавқи кӯдакиам боло гирифту ба пушти ҷонвар қамчин зада, дар кӯчаи деҳа хеле тозондамаш. Ман хабар надоштам, ки падарам ба хона омада, аили онро қадре суст кардаанд. Аз ин рӯ, вақте асп бо шаст ба дарвозаи ҳавлиамон наздик мешуд, нохост аз болои он чаппа гардида, бо зину зерпӯшаш ба ҷӯйи хушки канори роҳ афтидам. Дар замин сахт шонаам зарб хӯрда, ҳамоно фарёд кашидам.

То даме ки фиғони маро шунида, падарам тохта аз хона баромаданд, асп гунаҳкорона шиҳа кашида, дар гирдам аллакай чарх мезад, бо нигоҳи чашмони равшан ва калон-калони худ гӯё узр мехост. Чунин менамуд, ки вай аз ман дида бештар азоб мекашад. *(Аз новеллаи «Дарахти ҳазорсола»-и Саттор Турсун)*

**Машқи 447.** Бо интихоб ва корбасти феълҳои тасрифӣ ва ғайритасрифӣ матни дилхоҳ тартиб диҳед.

**Машқи 448.** Панҷтоӣ феълҳои тасрифӣ ва ғайритасрифӣ нависед.

## Дарси 132. АСОСҲОИ ФЕЪЛ

Феъл ду асос дорад: *асоси замони гузашта* ва *асоси замони ҳозира.*

Агар аз масдар пасванди *-ан* партофта шавад, асоси замони гузашта ҳосил мешавад: *хондан — хонд, дидан — дид, овардан — овард.*

Асоси замони гузашта ба анҷом расидани амалро дар замони гузашта мефаҳмонад. Тамоми замонҳои гузашта ва шаклҳои гуногуни онҳо дар заминаи асоси замони гузашта сохта мешавад: *хондан, мехондам, хонда будам, хондаам, хонда меистодам.*

Асоси замони ҳозира бо роҳи аз асоси замони гузашта партофтани ҳамсадои охир *-т ё -д* ва бадалшавии овозҳои мувофиқ сохта мешавад: *гуфт — гӯй, рафт — рав, бурд — бар.*

Асоси замони ҳозира иҷрои амалро дар замони ҳозира ё оянда мефаҳмонад. Замонҳои ҳозира ва оянда дар заминаи асоси замони ҳозира сохта мешаванд. Асоси замони ҳозира дар айни замон вазифаи феъли амрро ҳам иҷро мекунад: *хон, рав, гир, нӯш, бар.*

Дар вазифаи феъли амр бо асоси замони ҳозира гоҳо пешванди *би-* // бу- ҳамроҳ меояд: *хон- бихон, гир — бигир, бин — бубин.*

**Машқи 449.** Феълҳои асоси замони гузаштаро ба сутуни чап ва асоси замони ҳозираро ба сутуни рост нависед.

Шунавидан, гурехтан, ҷобаҷо гузоштан, фаромадан, нақл кардан, хӯрдан, огоҳонидан, дошт, шунавид, гурехт, пайвастан, боздоштан, вохӯрдан, ҷобаҷо гузошт, баргаштан, фуромадан, омадан, ором кардан, хӯрд, даромадан, огоҳонид, боздошт, доштан, огоҳонид, фаромад, овардан, нақл кард, вохӯрд, омад, фуромад, баргашт, пайваст, гурезондан, фиреб додан, пухтан, коштан, ёфтан, овард, кошт, гурезонд, фиреб дод, пухт, ором кард, даромад, гурезонд, фиреб дод, ёфт.

**Машқи 450.** Асоси замонҳои гузашта ва ҳозираро муқоиса кунед, ба сохти овозии онҳо зеҳн монда, умумияту фарқияташонро фаҳмонед.

Хонд — хон, рафт — рав, сӯхт — сӯз, дошт — дор, гузошт — гузор, намуд — намо, кошт — кор.

**Машқи 451.** Феълҳое нависед, ки ҳангоми аз асоси замони ҳозира ба гузашта табдил додан на танҳо ҳамсадоҳо, балки садонокҳо ҳам бадал шаванд.

*Намуна:* бош — буд.

**Машқи 452.** Феълҳои асоси замони ҳозираро ба феълҳои асоси замони гузашта табдил дода нависед.

Соз, дав, хон, шунав, дарав, мон, гурез, пурс, тоз, сӯз, рез.

**Машқи 453.** Калимаҳои зерро хонед ва аҳамияти асосҳои феълиро дар сохти ин калимаҳо гӯед.

Сарнавишт, доно, гуфтор, нодон, гузаргоҳ, ёддошт, забоншинос, кӯшиш, гуфтугӯӣ, санъатшинос, забондон, даводав, саҳархез, бодбез, нишастгоҳ, омӯзгор, бино, хонанда.

## Тест

1. Феъл чанд асос дорад?

а) як асос
б) ду асос
в) се асос
г) чор асос

2. Кадом асоси феъл ба анҷом расидани амалро дар замони гузашта мефаҳмонад?

а) асоси замони гузашта
б) асоси замони ҳозира
в) ҳар ду асоси феъл
г) масдар

3. Асоси иҷрои амалро дар замони ҳозира ё оянда ифодакунанда чӣ ном дорад?

а) шаклҳои ғайритасрифӣ
б) асоси замони ҳозира
в) асоси замони гузашта
г) сиға

**Машқи 454.** Феъли асосҳояш замони ҳозираву гузашта нависед. Ба зери овоз ва ҳарфҳои бадалшуда хат кашед.

## Дарсҳои 133—134. ШАХС ВА ШУМОРА ДАР ФЕЪЛ

Феъл *се шахс ва ду шумора* дорад. Шахс ва шумораи феъл ба воситаи бандакҳои феълӣ ва хабарӣ ифода мегардад. *Шахси якум — гӯянда, шахси дуюм — шунаванда, шахси сеюм ғоиб.*

Феъл шумораи *танҳо* ва *ҷамъ* дорад. Дар шумораи танҳо иҷрокунандаи амал як кас аст, дар шумораи ҷамъ иҷрокунандаи амал ду ва зиёда предмет аст.

Феъл дар ҷумла ҳамеша дар ифодаи шахсу шумора бо мубтадо мувофиқат мекунад: Дар он зиёфат ошро ман мепухтам ва дигар хизматҳоро ҳам ман мекардам.

Шахси дуюм ва сеюми ҷамъ барои ифодаи маъноҳои эҳтиром ба ҷойи шахси дуюм ва сеюми танҳо ҳам кор фармуда мешавад: Муаллима аз мо пурсиданд, ки мо кай ба саёҳат рафтанро мехоҳем.

Аз рӯйи шахс ва шумора тағйир ёфтани феълро тасрифи феъл меноманд.

**Тасрифи феъли рӯфтан аз рӯйи шахс ва шумора:**

| Шахсҳо | Шумораи танҳо | Шумораи ҷамъ |
|---|---|---|
| 1 | рӯфтам | рӯфтем |
| 2 | рӯфтӣ | рӯфтед |
| 3 | рӯфт | рӯфтанд |

**Машқи 455.** Феълҳои гуфт, рафт, дид, омад, нишаст, давид, гурехт, бурид, кошт, кӯфтро мисли феъли хондан дар замони гузашта, ҳозира ва ҳозира-оянда тасриф кунед. Гӯед, ки дар кадом замонҳо шахси сеюми танҳо бандаки феълӣ надорад.

**Тасрифи феъли хондан дар замони гузашта**

| шахсҳо | танҳо | ҷамъ |
|---|---|---|
| 1 | хондам | хондем |
| 2 | хондӣ | хондед |
| 3 | хонд | хонданд |

### Тасрифи феъли хондан дар замони ҳозира

| шахсҳо | танҳо | ҷамъ |
|---|---|---|
| 1 | хонда истодаам | хонда истодаем |
| 2 | хонда истодаӣ | хонда истодаед |
| 3 | хонда истодааст | хонда истодаанд |

### Тасрифи феъли хондан дар замони ҳозира-оянда

| шахсҳо | танҳо | ҷамъ |
|---|---|---|
| 1 | мехонам | мехонем |
| 2 | мехонӣ | мехонед |
| 3 | мехонад | мехонанд |

**Машқи 456.** Матнро хонед, феъл ва шахсу шумораашро муайян кунед.

### Шабнами рӯйи алаф

Пагоҳии рӯзи офтобии тобистон, вақте ки ба дашт ва ҷангал меравем, дар рӯйи алафҳо алмоспораҳоро мебинем. Ҳамаи ин алмоспораҳо дар зери шӯълаи офтоб медурахшанд ва ба ҳар ранг — зард, сурх ва кабуд метобанд. Вақте ки «ин ҷо чӣ бошанд» гуфта ба наздикаш рафта нигоҳ мекунем, мебинем, ки онҳо алмоспора не, балки қатраҳои шабнам мебошанд, ки дар рӯйи баргҳои секунҷаи алафҳо ҷамъ шудаанд ва дар шуои офтоб медурахшанд.

Тарафи даруни он баргҳо мисли бахмал патдор аст. Бинобар ин қатраҳои шабнам худи баргҳоро тар накарда, дар рӯйи паташон мегеланд.

Вақте ки барги шабнамдорро боэҳтиёт меканед, қатра монанди саққочаи дурахшон чунон озодона ғелида меравад, ки ба пояи алаф нарасида фуромада рафтанашро нафаҳмида мемонад.

Баъзан яке аз он баргҳоро оҳиста канда, мисли пиёлачае ба пеши даҳонатон мебиёреду як қатра шабнами дар он ҷамъшударо менӯшед ва гумон мекунед, ки ин қатраи шабнам аз тамоми нӯшокиҳои дигар лаззатноктар аст. *(Аз китоби «Муғча»)*

**Машқи 457.** Порчаҳои шеъриро хонед ва маънидод кунед. Гӯед, ки фикрҳо нисбат ба кадом шахс нигаронида гуфта шудааст.

Ростиро пешаи худ кун мудом,
То шавӣ дар ҳар ду олам неккном.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Дар ҳунар кӯш, ки зар чизе нест,
Ганҷу зар пеши ҳунар чизе нест.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Обро аз рӯшноӣ кун қиёс,
Дӯстонро бо нигоҳи дил шинос.

*Мирзо Турсунзода*



## Тест

1. Феъл чанд шахс ва шумора дорад?
а) се шахс, ду шумора | в) як шахс, як шумора
б) ду шахс, ду шумора | г) се шахс, се шумора

2. Кадом шахси феъл шахси гӯянда аст?
а) шахси сеюм — в) шахси якум
б) шахси дуюм — г) шахси якум, дуюм, сеюм

3. Шахси дуюми феъл чӣ гуна шахс ба шумор меравад?
а) гӯянда — б) ғоиб
б) шунаванда — г) ҳеҷ гуна шахс

4. Аз рӯйи шахс ва шумора тағйир ёфтани феъл чӣ номида мешавад?
а) тасриф — в) такмил
б) тасниф — г) тағийр

## Дарсҳои 135—136. ТАСРИФИ ФЕЪЛҲО БО БАНДАКҲОИ ФЕЪЛӢ ВА ХАБАРӢ

*Бандакҳои феълӣ* ва *хабарӣ* шахсу шумораҳои амалу соҳиби амалро аниқ ва равшан ёдрас мекунанд. Феъли замони гузашта дар шахси сеюми танҳо бандаки феълӣ надорад, он ба асоси замони гузашта баробар аст.

**Машқи 458.** Феълҳои зеринро аз рӯйи шахсу шумора дар замони ҳозира ва гузашта тасриф кунед. Фарқи бандакҳои феълӣ ва хабариро гӯед.

Хондан, нақл кардан, навиштан, сафар кардан, шунидан.

**Машқи 459.** Калимаҳои зерро ба шахсу шумораи муайян гузоред. Баъд аз он ба ин калимаҳо бандаки феълӣ ё хабарӣ ҳамроҳ карда нависед.

Рафтанӣ, хондагӣ, донишомӯз, омӯзгор, тамошобин, шунаванда.

**Машқи 460.** Матни аз афсонаи халқии *«Кадуи ғелон»* интихобкардаро хонед ва аз таркибаш феълҳоро муайян намуда, аз рӯйи шахсу шумора тасриф кунед.

### Кадуи ғелон

... Каду ғелон-ғелон рафт-рафту ба лаби ҷӯе расид. Он ҷо се духтараконро, ҳулбӯйчинаконро дида гуфт:

— Салом се духтаракон, ҳулбӯйчинакон! Ҳозир ман шумоёнро мехӯрам.

Духтаракон ҳайрон шуданд, ҳайрону ҳаросон шуданд. Каду ғелон-ғелону шақар-шуқуркунон пеши пояшон боз истод. Духтаракон тарсиданд, тарсиданду ларзиданду бо як овоз зорикунон гуфтанд:

— Инсоф кун! Моро нахӯр! Се фатири равғанин, равғанини нозанин дорем, ба ту медиҳем.

Каду се фатири равғанин, равғанини нозанинро гирифту ғелон-ғелон, шақару-шуқуркунон рафт-рафт ба таги

як сафедори калон расид. Дар таги сафедори калон се чӯпон дастархон густурда шӯрбо мехӯрданд. Шӯрбо мехӯрданд, бе нон мехӯрданд.

Каду се фатири равғанин, равғанини нозанинро, ки се духтаракон дода буданд, ба рӯйи дастархон гузошту ғелида он сӯтар рафта тамошо кард.

Чӯпонҳо се фатири равғанини нозанинро лаззат бурда, пок-покиза хӯрданду ба каду ташаккур гуфтанд...



**Машқи 461.** Феълҳои таркиби ҷумларо бо бандакҳои феълӣ ва хабарӣ тасриф кунед.

1. Ранг аз рӯ ва ҳуш аз сари Заҳҳок парид. 2. Теғи бурроии ӯ даҳҳо душманро дар хоку хун ҷӯлонд. 3. Ӯ шодмон гашта, ба онҳо симу зар бахшид. 4. Хурраму дилшод ба хонаи модар давид ва аз он ҷо ба кӯча тохт. *(Аз «Шоҳнома»-и А. Фирдавсӣ)*

## Дарси 137. ФЕЪЛҲОИ МОНДА ВА ГУЗАРАНДА

Феълҳо *монда* ва *гузаранда* мешаванд.

*Феъли монда* амалеро мефаҳмонад, ки таъсиру ҳаракати як предмет ба предмети дигар нагузашта дар худаш мемонад: *хобидан, хестан, хандидан, гиристан, давидан, омадан, рафтан.*

Феъли гузаранда амалеро мефаҳмонад, ки таъсиру ҳаракати як предмет ба предмети дигар мегузарад: *навиштан, хондан, гуфтан, дидан, донистан, коридан, овардан.*

*Феълҳои гузаранда* саволҳои *чӣ? чиро? киро?* талаб карда, пуркунандаи бевоситаро ба худ тобеъ мекунанд: Низомиддин табассуми даври даҳонашро ғундошт.

Баъзе феълҳо вобаста ба матн гоҳ гузаранда, гоҳ монда мешаванд. Аз ин ҷиҳат онҳоро *феълҳои дубаҳра (духӯра)* меноманд. Агар амал вобаста ба шахсе иҷро шавад — *гузаранда (Оширо пухт),* агар худ аз худ иҷро гардад, монда *(Ош пухт)* мешавад.

Агар ба феъли монда миёнванди *-он-* илова шавад, ба феълҳои гузаранда табдил меёбад: *гузашт — гузаронд, хобид — хобонд, тохт — тозонд, рӯфт — рӯбонд.*

**Машқи 462.** Ҷумлаҳоро хонед, феълҳои монда ва гузарандаро дар алоҳидагӣ нависед.

1. Салим аз ҷояш хест. 2. Умед қаламро гирифт. 3. Лаклак парвоз кард. 4. Салим ба мактаб рафт. 5. Модарам аз бозор омад. 6. Дар ҳамон ҷо мехобидам, хӯрок мехӯрдам, бо кори илмӣ машғул мешудам ва дар ҳамон ҷо меҳмонҳои худро қабул мекардам.

**Машқи 463.** Аз феълҳои мондаи зер феълҳои гузаранда созед.

Гурехтан, нишастан, шукуфтан, хобидан, давидан, кор кардан, таъсир кардан, баромадан, даромадан, фаромадан, хестан, ларзидан, хунук хӯрдан.

**Машқи 464.** Ҷумлаҳои дар таркиб феълҳои гузаранда ва монда доштаро дар алоҳидагӣ номбар кунед.

1. Об аз сатил рехт. 2. Вай дар зери ниҳолҳо об рехт. 3. Гул сабзид. 4. Гулро Гулнисо сабзонд. 5. Кабк хониш кард. 6. Кабкро ба хониш кардан маҷбур кард. 7. Шавла пухт. 8. Шавларо пухт. 9. Коса шикаст. 10. Косаро шикаст.

**Машқи 465.** Даҳто феъли монда нависед, сонӣ ба онҳо миёнванди *-он-* илова намуда, ба феъли гузаранда табдил диҳед.

*Намуна*: хонд — хононд.

**Машқи 466.** Феълҳои монда ва гузарандаи таркиби ҷумлаҳоро дар алоҳидагӣ нависед.

1. Кӯҳҳои кишвари ман аз дур ҳамчун алмоси носуфта асрорангез ҷило медиҳанд. 2. Меҳмон ба кӯҳистон ҳамеша ногаҳон меояд. 3. Медонам, ки мутриб хушовоз аст. 4. Рӯзе муридон ба ҳамдигар шамшери худро таъриф мекарданд. 5. Кӯдаконро алла мегуфтам, ба гӯшашон суруд мехондам ва бо ин сурудҳои оддии ман онҳоро хоби ширин мебурд. 6. Дар хонаҳои азодор сокиту сархам менишастам, дар тӯйҳо бо шавқ мерақсидам. 7. Ҳозирон ба суханҳои ӯ кафкӯбӣ карданд. *(Аз «Доғистон»-и Р. Ғамзатов)*

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Феълҳои монда чӣ гуна амалро ифода мекунанд?
2. Чӣ гуна феълҳоро феълҳои гузаранда меноманд?
3. Феълҳои гузаранда ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
4. Агар ба феъли монда миёнванди *-он-* илова шавад, он ба чӣ табдил меёбад?

**Машқи 467.** Шаштоӣ феълҳои монда ва гузаранда нависед.

## Дарси 138. ФЕЪЛҲОИ БЕВОСИТА ВА БАВОСИТА

Феълҳо аз ҷиҳати воситаи иҷрои амал ва муносибати бо он дошта *бевосита* ва *бавосита* мешаванд.

Дар *феълҳои бевосита* амалро мубтадо иҷро мекунад: Ҷамила дар рӯйи ҷогаҳ хамёзаи дароз кашида, чашмакони сиёҳашро пӯшид.

Дар *феълҳои бавосита* мубтадо амалро ба воситаи касе ё чизе дигар иҷро мекунад: Ӯ зангӯларо аз рӯйи стол гирифта ҷингирос занонд.

Феълҳои бавосита аз феълҳои гузаранда бо илова кардани миёнванди *-он-* сохта мешаванд: рафтан — равондан, ҷунбидан — ҷунбонидан, афтидан — афтондан, сохтан — созондан.

**Машқи 468.** Феълҳои бевосита ва бавоситаро дар алоҳидагӣ  нависед.

Хонондан, рафтан, дидан, хушконидан, фиребидан, давидан, ҷаҳидан, кӯчонидан, машварат кардан, шунавонидан, гурехтан, сохтан, пазонидан, нависонидан, шӯридан, дигар кардан, бино кардан, гурезонидан, тақсим намудан.

**Машқи 469.** Бо феълҳои гузаранда панҷ ҷумла тартиб диҳед, баъд ба онҳо миёнванди *-он* илова карда, онҳоро ба феълҳои бавосита гардонида ҷумлаи нав созед.

*Намуна:* Модар барои писараш курта дӯхт — Модарам барои писараш курта дӯзонд.

**Машқи 470.** Матнро хонед, мазмунашро баён кунед. Феълҳои бевоситаву бавоситаро муайян кунед.

Симурғ сӯйи дарё парвоз кард. Рустам дар сояи болҳои азими ӯ равон шуд. Симурғ дар наздикии дарё фуруд омад. Дар он ҷо як бех буттаи газ сабзида буд, ки гулҳои гулобирангаш бӯйи хуше медоданд. Симурғ ба тори бутта пари худро молиду ба Рустам гуфт:

— Як шохаи каҷи инро бурида гир, ки սараш ғафстар бошад. Ҷони Исфандиёр бо ин газ пайванд аст. Шохаро бубару дар оташ тоб дода рост кун, сипас ба вай се пар ва ду пайкон бинишон.

Рустам ҳамин тавр кард.

— Акнун, — гуфт Симурғ, — Исфандиёр ба разм, ки омад, ту бо забони ширин ӯро ба оштӣ бихон, узр бихоҳ ва ризоҷӯй бош. Агар напазируфту тундӣ кард, камонатро зеҳ кун ва чашми ӯро нишон гирифта ҳамин тири газро паррон. *(Аз «Шоҳнома»-и А. Фирдавсӣ, нигориши С. Улуғзода)*

**Машқи 471.** Даҳтоӣ феълҳои бевосита ва бавосита нависед.

## Дарсҳои 139—140. ТАРЗҲОИ ФЕЪЛ

Категорияи махсуси дастурии ба феълҳои мондаю гузаранда ва бевоситаю бавосита алоқаманде, ки муносибати дар феъл асосёфтаи байни фоил ва мафъули амалро ифода мекунад, *тарз* ном дорад.

Тарз бо шаклҳои гуногуни феъл ифода мегардад. Амал дар забони тоҷикӣ ду тарзи иҷро дорад: *тарзи фоилӣ* ва *тарзи мафъулӣ*.

**Тарзи фоилӣ.** Ин тарзи феъл мефаҳмонад, ки мубтадо иҷрокунандаи амал аст. Мисол. Акбар дар суфачаи дарвозахона нишаст.

Дар ҷумлаи мазкур мубтадо (Акбар) дар айни замон соҳиби амалу ҳолат (нишаст) мебошад ва байни мубтадою иҷрокунандаи амал фарқе нест.

**Тарзи мафъулӣ.** Ин тарзи феъл муносибати мураккаби байни фоил (мубтадо), мафъул (пуркунанда) ва феъл (амал ё ҳолат)-ро ифода мекунад. Дар тарзи мафъулии феъл фоили аслӣ (иҷрокунандаи амал) ҳамчун мафъул (пуркунандаи бевосита) воқеъ мегардад, мафъули аслӣ бошад, ба вазифаи фоил (мубтадо) меояд. Мисол. Муҳаббат ва самимияти ин пирони хушбахт беҳтарин мукофотест, ки ба вай аз тарафи халқ карда мешавад. Тарзи фоилии ин ҷумла: Халқ ба вай изҳор мекунад.

**Машқи 472.** Феълҳои тарзи фоилро ба сутуни рост, тарзи мафъулро ба сутуни чап нависед.

1. Ман чизи фармудаи шуморо муҳайё кардам. 2. Аз дур садои моторҳо, гулдуроси ба санг хӯрдани онҳо шунида шуд. 3. Аҳмадбек ба қафо нигарист. 4.Соли ҷорӣ тамоми кӯчаҳои шаҳр мумфарш ва атрофи он кабудизор кунонида шуд.

**Машқи 473.** Матнро хонед, феъл ва тарзҳояшро муайян кунед.

Ман чанд муддат мехазам, боло мебароям бо занҷири тару лағжонак. Занҷир озор медиҳад дастонамро, мебурад. Пойҳои ларзонам алвонҷ мехӯранд, қат мешаванд ва бар-

мехӯранд ба девори ғафси резон. Дурударoз мехазам. Занҷирро ба боло мекашам, ғун мекунам ва ба зулмоти холии боронии ҳисор сар медиҳам, мепартоям. Онро доштадошта фуруд меоям. Занҷир мехарошад, меканад, медаронад, ба дард меорад кафи дастонамро, валекин ҳис мекунам инро. Оҳ! Ман дар ҳисорам! Суҳайл, куҷоӣ ту? *(Аз повести «Ишқи аввали Хоҷа Насриддин»-и Т. Зулфиқоров)*

**Машқи 474.** Бо илова кардани миёнванди *-он* аз феълҳои монда феълҳои гузаранда тартиб диҳед.

Гурехт, хобид, давид, хест, ларзид, ҷунбид.

**Машқи 475.** Панҷтоӣ феълҳои монда ва гузаранда нависед.

## Дарси 141. НАМУДҲОИ МУТЛАҚ ВА ДАВОМДОРИ ФЕЪЛ

Феълҳо ду амалро ифода мекунанд: *тамомшуда (мутлақ)* ва *нотамом (давомдор),* ки онҳоро *намуди феъл* меноманд.

*Намуди мутлақ* ба воситаи феълҳои замони гузашта ва феълҳои ёвар ифода меёбад: *дид, бурд, овард, чашид, хонда баромад, тамошо кард.* Ин намуд аз он далолат медиҳад, ки амал то лаҳзаи нутқ ба анҷом расидааст.

*Намуди давомдор* амалеро мефаҳмонад, ки то лаҳзаи нутқ (дар гузашта ё ҳозира) амал ба охир нарасидааст, пас аз он ҳам давом кардааст ё давом мекунад: *бозӣ карда меистод, хонда истода буд, дида истодааст, бозӣ карда гаштааст, тамошо кардан гирифтааст, омада меистад.*

**Машқи 476.** Феълҳои намуди мутлақ ва давомдорро дар алоҳидагӣ нависед.

Рафтам, рафтан гиред, фиристодӣ, кор карда гаштаанд, мебофтагӣ шуд, саргардон шудааст.

**Машқи 477.** Матнро хонед, феъл ва намудҳояшро муайян кунед.

Фарёдзанон медавам аз боғи нопойдори тару тираи боронзада. Ва ин дам чизе аз пеши чашмам мегузарад, ба назар менамояд, кадом сояи номаълуми кач аз паси танҳои дарахтони оғӯши туман лаҳзае намоён мегардад. Бозмеистам, атрофро аз назар мегузаронам: сояи кач ғайб мезанад. Шояд ин ҳама ба чашмам намуда? Шояд пораи тумани ғафсест мехазад, шино мекунад, пора мегардад, худро мегустурад. *(Аз повести «Ишқи аввали хоҷа Насриддин»-и Т. Зулфиқоров)*

**Машқи 478.** Ба феълҳои *давидан, фиристодан, хандидан, овардан, кашидан, бозӣ кардан пешванди ме-* илова карда нависед. Аз ҷиҳати замон фарқияташонро гӯед.

**Машқи 479.** Шаштоӣ феълҳои намудашон мутлақ ва давомдор нависед.

## Дарси 142. ЗАБОНХАТ

Забонхат ҳуҷҷатест, ки гирифтани ин ё он чизеро тасдиқ менамояд. Дар ин ҳуҷҷат ададҳо пеш аз қавс бо рақам ва дар дохили қавсайн бо ҳарф навишта мешаванд. Забонхат дар як нусха таълиф меёбад. Он аз ҷузъҳои зерин иборат аст:

1. Номи ҳуҷҷат.
2. Ном, номи падар, номи хонаводагӣ ва вазифа ё маҳалли зисти таълифкунандаи забонхат.
3. Маблағи пул ё чизи гирифташуда.
4. Таърихи таҳияи забонхат.
5. Имзои соҳиби забонхат.

### Забонхат

Ман, Комрони Раҳимиён донишомӯзи синфи 5-уми «Б»-и мактаби миёнаи № 14 шаҳри Бухоро аз китобхонаи вилоятии «Абӯалӣ ибн Сино» барои истифода дар маҳфили «Суханварон» бо шарти баргардонидан дар

давоми ду рӯз 5 (панҷ) дона китоби «Куллиёт»-и Лоиқ Шералиро гирифтам.

2 марти соли 2015 Имзо

*Супориш.* Забонхат нависед, ки мазмуни он амалу ҳаракатҳоятонро ифода карда бошад.

## Дарси 143. СИҒАҲОИ ФЕЪЛ

Бо тағйир ёфтани шакли феъл тобиши нав гирифтани амалро сиға мегӯянд. Сиға ба тарзи хабар, эҳтимол, шарту хоҳиш ва ё амр ифода гардидани амал мебошад.

Феъл чаҳор сиға дорад: хабарӣ, амрӣ, шартӣ-хоҳишмандӣ, эҳтимолӣ.

**Машқи 480.** Матнро хонед, сиға ва замонҳояшро муайян кунед.

Ҳамон ҳавлича. Абӯалӣ бар рӯйи як минбари пасте, ки се зина дорад, нишастааст ва дарсгӯияшро ба охир мерасонад:

— Донишманди ҳақиқӣ бояд ҳамаи рангҳоро дӯст дошта бошад ва нагӯяд, ки «ба ман ранги сиёҳ ё сафед ё кабуд хуш аст».

Дар байни шогирдон хушҳолие рӯй дод, ки одатан дар вақти тамом шудани мавъиза (дарс) ба зуҳур меояд. Яке аз шогирдон бо овози баланд пурсид:

— Устод! Шумо имрӯз роҷеъ ба аҳамияти таҷриба дар илм батафсил сухан рондед. Агар, фаразан, таҷриба ба мо натиҷае надиҳад, чӣ кор кунем?

— Саъйи одами босубот ҳар гуна садду бандро бартараф мекунад, — ҷавоб дод Абӯалӣ.

Як талабаи ҷавон соддалавҳона савол дод:

— Наход ки барои ба даст овардани як зарра ҳақиқат садҳо таҷриба гузаронидан лозим бошад?

— Албатта, — табассум кард Абӯалӣ. — Боғбон ҳам барои як гул сад хорро парвариш мекунад.

Вай бархоста аз минбар фаромад ва гуфт:

— Акнун ба таҷриба машғул шавед!

Шогирдон ҳар яке ба коре машғул гардиданд. Яке дар тарозу сангҳои рангро бармекашад. Дигаре ҷузъҳои устухони паррандаеро ба ҳам васл мекард. Саввумӣ кадом як моддаи обакиро ба яке аз зарфҳое, ки дар болои оташдон ба симҳо шадда карда овехта шуда буданд, мерехт, дар оташдон алав дармегиронд. *(Аз «Мунтахабот»-и С. Улуғзода)*

**Машқи 481.** Матнро хонед, намудҳои феълро муайян кунед.

Меҳтар ҷуфти гов ва тухмиро аз деҳқонони деҳоти ҳамсоя ба даст овард. Хурду калон, марду зан ҳама бо сардории саркори пир ба саҳро баромаданд, ҷуфт ронданд, ҷӯйҳоро тоза карданд, дарахтҳо нишонданд. Инро шунида, аз деҳа рафтагон боз баргашта ғун шудан гирифтанд, ҳама даст ба кор шуданд, то он ки деҳа дар се сол аз пештарааш ҳам ободтар гардид. *(Аз «Шоҳнома»-и А. Фирдавсӣ, нигориши С. Улуғзода).*

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Сиға гуфта чиро меноманд?
2. Феъл чанд сиға дорад?

**Машқи 482.** Порчаҳои шеъриро хонед, шахсу шумора ва сиғаҳои феълро муайян кунед.

Гуфтамаш: эй ҷони ширин, ғам махӯр,
Садқаи сар гӯю биншин, ғам махӯр.

Назар афтод маро сӯи гулу лолаи боғ,
Ҳама ороста дидам, ҳамаро тозаву тар.

*Мирзо Турсунзода*

## Дарси 144. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 483—487

*Сиғаи хабарӣ* ба вуқӯъ омадан ва ё наомадани амалро дар замони феъл ифода мекунад: *меояд, омада истодааст, хоҳад омад, наомад, намеояд.*

Ин сиға тавассути ба асоси замони гузашта ва ҳозираи феъл ҳамроҳ кардани бандакҳои феълӣ ва хабарӣ сохта мешавад.

*Сиғаи амрӣ* амалеро ифода мекунад, ки нисбат ба шахси дуюм гуфта шудааст. Ба воситаи сиғаи амрӣ илтимос, хоҳиш, даъват, фармон ва водорӣ ифода меёбад. Сиғаи амрӣ аз асоси замони ҳозираи феъл сохта мешавад.

**Машқи 483.** Матнро хонед, феъл ва сиғаҳояшро муайян кунед.

Медавам, мегурезам! Нафаси рост, озод мекашам. Бедор мешавам. Субҳи содиқи мусаффою дилпазир ҳукмрон аст. Алаккай оҳи саҳар, ҳаври саҳар байни дарахтони тира саргум мегардад. Тумани серрутубат. Тунук. Аммо дар чунин тумани бомдодии нарму ларзон чизе медурахшад.

Ҷисми зинда! Медурахшад чу зар! Чашмак мезанад! Чун сари духтараконе, ки тоқии зардӯзии қӯқандӣ доранд. Аз лойи тумани ғализ, муҳаррик, чашмак мезанад, об мегардад, шиновар мешавад, лаппас мекунад. (Аз повести *«Ишқи аввали Хоҷа Насриддин»-и Т.Зулфиқоров)*

**Машқи 484.** Порчаи шеъриро хонед, феъл ва сиғаҳояшро муайян кунед.

Бикӯш имрӯз, то гандум бипошӣ,
Ки фардо бар ҷаве қодир набошӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

**Машқи 485.** Соҳиби амали сиғаи амрӣ кадом шахс буданашро гӯед.

1. Бирав, гирди ҷаҳон бипӯй ва се духтар аз нажоди меҳтарон биҷӯй. 2. Ба Диж бирав, дижбонро бигӯ, ки бе-

дору ҳушёр бошад, худат ёрирасони ӯ бош. 3. Ба аспи сиёҳ барнишину равон шав. 4. Мардумонро гирд овар, деҳаро обод кун. 4. Ба ҳар кор сару саркор бош. *(Аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, нигориши С. Улуғзода)*

**Машқи 486.** Шахси дуюми танҳои сиғаҳои амриро бо илова кардани пасвандҳои *-ед, -етон* тағйир диҳед.

1. Деги калона бор кун, хешу табора ёд кун. 2. Панҷ панҷаро ба даҳон маяндоз. 3. Ҷав хоб кунад, анбор бисоз, гандум хоб кунад, каҳдон. 4. Забонро покиза нигаҳ дор.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Чӣ гуна сиғаро сиғаи хабарӣ меноманд?
2. Сиғаи хабарии феъл оё чигунагии амалро ифода мекунад?
3. Сиғаи амрӣ оё амали нисбати ба кадом шахс гуфташударо ифода мекунад?
4. Сиғаи амрӣ ба ғайр аз амру фармон боз чӣ гуна оҳангу маъниро ифода мекунад?

**Машқи 487.** Аз масдарҳои зер сиғаи амрӣ созед.

Шукуфтан, коштан, дӯхтан, давидан, кор кардан, такмил додан, тамом кардан, хушконидан, талабидан, ҷаҳидан.

## Дарси 145. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 488—491

*Сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ* амалеро ифода мекунад, ки воқеъ шудани он ба майлу хоҳиш ва ё шарте вобаста аст.

Сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ аз асоси замони ҳозира бо ҳамроҳ кардани бандаки феълӣ сохта мешавад: *хон+ам, хон+ӣ, хон+ад; хон+ем, хон+ед, хон+данд.*

*Сиғаи эҳтимолӣ* аз шакли феълии *хондагист* бо ҳамроҳ кардани бандакҳои феълӣ сохта мешавад. Шахси сеюми танҳо бандак надорад: *хондагист+ам, хондагист+ӣ, хондагист+ем, хондагист+ед, хондагист+анд.* Сиғаи эҳтимолӣ замонҳои гузашта, ҳозира, оянда дорад ва

тасриф мешавад. *Ман хондагистам, мехондагистам. Вай хондагист, хонда истодагист, мехондагист. Мо хондагистем, мехондагистем.*

**Машқи 488.** Ҷумлаҳоро хонед, феълҳои сиғаашон шартӣ-хоҳишмандӣ ва эҳтимолиро муайян намуда, ба дафтар нависед.

1. Надонам, ба ягон ҷой сарф мешудагист-дия, — гуфт. 2. Дар баҳор ҳар кас мехоҳад, ки озодонатар нафас кашад, аз хонаи тангу тор, аз байни чор девор барояд. 3. Биёед, ки ана дар ҳамин харак шинаму аз рӯшноии офтоб, аз ҳур-ҳури шамол, аз бӯйи ана ин гулҳо баҳравар шавам, ҷигарам. 4. Кораш тамом нашудагист ё ягон кори дигар баромадагист.

**Машқи 489.** Аз масдарҳои зер замонҳои гузашта, ҳозира, ҳозира-ояндаи сиғаи эҳтимолӣ созед.

Чидан, хонда шудан, шитоб кардан, номидан, рафтан, истодан.

**Машқи 490.** Феълҳоро ба сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ баргардонда, тасриф кунед.

Дидан, навохтан, сохтан, фиристодан, чидан, нӯшидан, пӯшидан, бархостан, ҷустуҷӯ кардан.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Чӣ гуна сиғаро сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ меноманд?
2. Сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ ба кадом асоси феъл бо илова кардани бандакҳои феълӣ сохта мешавад?

**Машқи 491.** Бо интихоб ва корбасти феълҳои сиғаашон шартӣ-хоҳишмандӣ чорто ҷумла тартиб диҳед.

## Дарси 146. ЗАМОНҲОИ ФЕЪЛ

Феъл се замон дорад: замони гузашта, замони ҳозира, замони оянда.

**Машқи 492.** Пас аз мисолҳо дар қавсайн замони феълҳоро нависед.

Кор мекунам, рафтам, хонда истодаам, меоям, гуфт, хоҳам омад, меравӣ, пурсидам, рафта истодааст, хоҳанд хонд.

**Машқи 493.** Матнро хонед, феъл ва замонҳояшро номбар кунед.

Ҳар тобистон ба аёдати волидайн, хешу табор меояд. Дар рӯйи айвон кабки дарӣ мегашт. Чӯҷаҳояшонро низ бо алафу гиёҳҳо калон мекунанд. Лонаи ин паррандаро дар канори рӯд борҳо дидаам. Ҳамон шаб дар канори чашма хобидем.

Аз вазиши бод шоху баргҳои дарахтон алвонҷ мехӯрданд. Тобистон ба сафар тайёрӣ медидем. Мо аз дараи танге роҳ рафтем. Ман даррав бо нардбон ба бом баромадам.

**Машқи 494.** Бо кӯмаки калонсолон сето ҷумла нависед, ки замони феълҳояшон гузашта, ҳозира ва оянда бошад.

## Дарси 147. ЗАМОНИ ГУЗАШТА

Замони гузашта ҳолати пеш аз замони нутқи гӯянда воқеъ шудаву ба охир расидаро ифода мекунад: рафт, омад, гуфт.

**Машқи 495.** Матнро хонед, феъл ва замонҳояшро муайян кунед.

Онҳо вайро якзайл тела медоданд. Гоҳ ба резамавҷҳо савор шудаву гоҳ дар байнашон афтида, аз лаби нон ҳарисона насиба мегирифтанд.

Ва он торафт кам мегардид.

Даме ки қариб нисфашон монд, аз қаъри кӯл як моҳии калон — ба қадри боимҷони хурдтар — тирвор баромада, худро дар миёни моҳичаҳо зад ва онҳоро зуд гурезонда, аз нон луқмаеро канда гирифту бозпас ба зери об рафт.

Вай рафтан баробар селаи моҳичаҳо боз пайдо шуда, ҳамдигарро тела дода, ба пораи боқимонда дубора ҳуҷум оварданд. Нон мелапид, метапид. Дар ҳалқаи талоши моҳичаҳо аз сари як резамавҷ ба сари дигаре мегузашт. Баъзан гирд мегашт, камтар поин мерафт ва аз нав ба рӯйи об баромада, аз моҳичаҳо лат мехӯрд, гоҳо аз тазйиқи села чаппа мешуд ва боз бо такони резамавҷе боло меҷаст. Лекин аз он моҳичаҳои ҳарис ҳеҷ халосӣ намеёфт ва лаҳза ба лаҳза кам мегардид. *(Аз новеллаи «Дарахти ҳазорсола»-и Саттор Турсун).*

**Машқи 496.** Масдарҳои зеринро ба замони гузаштаи нақлии дур баргардонида нависед.

Истиқомат кардан, омадан, овардан, барафрӯхтан, гузоштан, харидан, тамом кардан.

**Машқи 497.** Бо интихоб ва корбасти феълҳои замонашон гузашта чорто ҷумла тартиб диҳед.

## Дарси 148. ЗАМОНИ ҲОЗИРА

*Феъли замони ҳозира* амалеро ифода мекунад, ки худи ҳозир ба вуқӯъ омада истодааст: *гуфта истодаам, гап зада истодааст.*

Замони ҳозира аз шакли якуми замони гузаштаи сифати феъли асосӣ ва феъли ёридиҳандаи *истодан* бо илова шудани бандаки хабарӣ таркиб меёбад.

**Машқи 498.** Ба ҷойи нуқтаҳо феъли замони ҳозираи мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро дар шакли пурра ба дафтар нависед.

1. Ҷӯйҳои обаш зулол, дарахтони қатори соядор як-як аз пеши назарам .... 2. Ҷӯра ба ақиб нигоҳ накарда .... 3. Мо барои боз ҳам тараққӣ кардани Ватанамон .... 4. Дар донишомӯзӣ ғайрату шуҷоати худро намоён ... 5. Хурду калон роҳи худро давом .... .

**Машқи 499.** Феълҳои *сохтан, медонам*-ро мисли намуна дар шакли замонҳои ҳозираи давомдор ва оянда тасриф кунед.

**Замони ҳозираи давомдор**

| шахсҳо | танҳо | ҷамъ |
|---|---|---|
| I | шунида истодаам | шунида истодаем |
| II | шунида истодаӣ | шунида истодаед |
| III | шунида истодааст | шунида истодаанд |

| шахсҳо | танҳо | ҷамъ |
|---|---|---|
| I | меравам | меравем |
| II | меравӣ | меравед |
| III | меравад | мераванд |

**Машқи 500.** Масдарҳои дохили қавсро ба феълҳои замони ҳозира баргардонда нависед.

1. Осмон (софи беғубор шудан). 2. Мардум ба кӯҳу камар (баромадан). 3. Зери дарахтонро нарм (кардан). 4. Дар кӯҳу дара гулҳои рангоранг (рӯйидан).

**Машқи 501.** Панҷто феъли замонашон ҳозира нависед.

## Дарси 149. ЗАМОНИ ОЯНДА

Феъли замони оянда амалеро ифода мекунад, ки пас аз лаҳзаи нутқ ба вуқӯъ меояд.

**Машқи 502.** Ҷумлаҳоро ба дафтар рӯбардор кунед. Баъд аз он феълҳои замони ояндаро муайян намуда, ба зераш хат кашед.

1. Ба наздикӣ мо он ҷо хоҳем рафт. 2. Ту он вақтҳо бисёр хурд будӣ, дили ман ба ту месӯхт, ки дар мактаб бисёр азоб хоҳӣ кашид. 3. Сафар умедвор буд, ки ё Зебӣ ва ё Юнусбобо ӯро аз ин хабардор хоҳанд кард.

**Машқи 503.** Феълҳои рафт, навиштро мисли намуна дар шакли замонҳои оянда тасриф кунед.

**Замони ҳозира-оянда**

| шахсҳо | танҳо | ҷамъ |
|---|---|---|
| I | хоҳам хонд | хоҳем хонд |
| II | хоҳӣ хонд | хоҳед хонд |
| III | хоҳад хонд | хоҳанд хонд |

**Машқи 504.** Панҷто феъли замонашон оянда нависед.

## Дарси 150. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 505—508

**Машқи 505.** Матнро хонед, феъл ва замонҳояшро муайян кунед.

Дар қариби соҳил, дуртар аз айвони кушоди чойхона, ки нонҳои он ба қаъри кӯл рафта, устувор меистоданд, рӯ-рӯйи об дар ин ҷо сабзавот, дар оғӯши резамавҷҳои лағжон як пора нони танӯрӣ маҳин-маҳин лапида, оҳиста шино мекард. Вай фалла шуда буд. Дар атрофаш яктанимта баргҳои бед, тор-тор алафҳои зери об, чӯбчаву хаспораҳо печутоб хӯрда шино мекарданд.

Аз байн ягон дақиқа гузашта ё нагузашта, аз таги об селаи моҳичаҳои бисёр хурд, ки аксарият ғужби ангури ҳусайнии дар зери офтоб тирашударо мемонданд, нохост берун баромада, аз чор тараф ба пораи нон часпиданд. *(Аз новеллаи «Дарахти ҳазорсола»-и Саттор Турсун)*

**Машқи 506.** Порчаи шеъриро хонед, замонҳои феълро муайян намуда, мисли намунаҳои болоӣ бо дигаргунии замонҳо тасриф кунед.

Чашми гирёнаш чу оҳанпорае бигдохтам,
Ҳастии худро ба ашке зери по-ш андохтам.
То дар ин ҳамхона аз ҷонам иморат сохтам,
Ин гули дар ғунчагӣ пажмурдаро бишнохтам.

*Қутбӣ Киром*

**Машқи 507.** Бо илова кардани бандаки феълии *-ед*, *-етон* шахсу шумораи феълҳои рав, бин, биёрро тағйир диҳед.

**Машқи 508.** Бо интихоб ва корбасти феълҳои замони гузашта, ҳозира, оянда дар мавзӯи «Табиати хушманзара» матн тартиб диҳед.

## Дарсҳои 151—152. СОХТИ ФЕЪЛ

Феъл аз ҷиҳати сохт содда, сохта ва таркибӣ мешавад.

Феъли танҳо аз як реша иборат будаи дар таркиб пешванду пасванд надошта, *феъли содда* ба шумор меравад: *кошт, ғундошт, борид, сабзид.*

Феълҳое, ки ба воситаи пешвандҳо *(бар- , во-, боз-, фур-, дар- ...)* ва *пасвандҳо (-ид, -он, -онид, -онд ...)* ба вуҷуд омадаанд, *феълҳои сохта* мебошанд: *баромад, фуромад, вохӯрд, мукофотонид.*

Феълҳое, ки аз ҳиссаҳои нутқ — исм, сифат, шумора, ҷонишин ба воситаи ёридиҳандаҳои феълӣ сохта шудаанд, феълҳои таркибии номӣ (нигоҳ кардан, даъват намудан, рӯ ба рӯ шудан), феълҳое, ки ҷузъҳои таркибиашон аз шаклҳои гуногуни феълӣ иборат буда, ҳамчун як воҳиди луғавӣ ё грамматикии феъл ба ҳисоб гирифта мешаванд, *феълҳои таркибии феълӣ* номида мешавад (омадан гирифтам, гуфтан гирифтӣ).

**Машқи 509.** Феълҳои зерро аз рӯйи сохташон ба содда, сохта, таркибӣ ҷудо карда нависед.

Даромадан, шунидан, гуфта мондан, сабзидан, даъво кардан, даравидан, тез кардан, навиштан, фуромадан, бозгаштан, шинохтан, номбар намудан, чарх задан, хунук хӯрдан, гарм шудан, барангехтан, қувват гирифтан, даромада омадан, ворид шудан, саросема гаштан, боздоштан.

**Машқи 510.** Бо корбасти пешвандҳои *бар-, дар-, фур- (фар-), во-, боз-* феълҳои сохта тартиб диҳед.

**Машқи 511.** Феълҳои таркибии номӣ ва феълиро дар алоҳидагӣ нависед.

Кор кардан, гуфта мегашт, қадам гузоштан, навиштан гирифт, сер шудан, намоён гаштан, сурху сафед шудан, пеш гирифтан, хандида монд, тақ-тақ кардан, хондан мехоҳад.

**Машқи 512.** Аз калимаҳо феълҳои таркибӣ созед.

Хондагӣ, китоб, омада, бача, бино, бунёдгардида, вазифа, таъингардида, навиштам, хат, нохонда, меҳмон, намудан, дарҷ, кардан, ислоҳ шудан, раҳнамо.

**Машқи 513.** Бо корбасти пасвандҳои *-ид, -он, -онид, -онд феъл*ҳои сохта тартиб диҳед.

**Саволҳо барои санҷиши дониш:**

1. Феъл аз ҷиҳати сохт чӣ гуна мешавад?
2. Феълҳои сохта гуфта чӣ гуна феълҳоро дар назар доред?
3. Феъли таркибии номӣ ва феълӣ аз кадом ҷиҳат аз ҳамдигар фарқ доранд?

**Машқи 514.** Сетоӣ феълҳои сохташон содда, сохта, таркибӣ нависед.

## Дарсҳои 153—154. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 515—519

**Машқи 515.** Аз рӯйи сохт феълҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо карда нависед. Доир ба феълҳои содда, сохта, таркибӣ маълумот диҳед.

Омад, омадӣ, меояд, наомад, омада истодаам, хоҳад омад; кор мекардагист, кор мекунад, ба кор шурӯъ кард, кор карда истодааст, корро ба охир расонд; баромад, баромадӣ, баромадем, баромада будӣ, баромада истодаӣ, баромада бошӣ, мебароянд, баромадаанд.

**Машқи 516.** Порчаи шеърию хонед, феълҳои дар таркибаш истифода шударо муайян намоед. Муродифи калимаҳои *дӯст, савт, осмонро* номбар кунед.

Месарояд дар сифоти дӯстон,
Дар сурудаш акс боғу бӯстон.
Савту оҳангаш чу мурғони ҳаво,
Мекунад парвозҳо бар осмон.

*Салим Кенҷа*

**Машқи 517.** Аз таркиби матн феълҳои бевосита ва бавоситаро муайян кунед.

Сайёде дом монду мурғакеро дошта гирифт. Дошта гирифту ба мурғак гуфт: — Ман хеле заҳмат кашида, туро дастгир кардам. Аммо он чӣ, ки ту дорӣ, кирои заҳмати ман намекунад: ту на хонише дорӣ, ки ба қафас андозаму гӯш карда, ҳаловат барам, на гӯшти казоӣ, ки туро сар занаму пар канаму бирён карда, хӯрда, аққалан нимсер шавам. Гӯшти туро хӯрам, даҳонам мегӯяд, ки омад, гулӯ мегӯяд, ки даромад, шикам мегӯяд, ки он чӣ буд, ки поён нафуромад.

Мурғак гуфт:

— Гапат дуруст, эй сайёд, ман аз он мурғакони хушхон нестам, гӯшти ман ҳам барои ту лоямут намешавад, аммо ман хурсандам, метавонам пандҳое бигӯям, ки тамоми умр ба ту суду манфиат хоҳанд овард.

— Бигӯ пандҳоятро! — фармуд сайёд.

Мурғак гуфт: ....

**Машқи 518.** Пандҳоро хонед, шахсу шумораҳои феълро муайян кунед.

Имрӯз сухани ман туро дард кунад,
Фардо сухани ман туро мард кунад.

* * *

Дӯсти ҷонӣ бош, на дӯсти нонӣ.

* * *

Хонаи дӯстон бирӯбу дари душманон макӯб.

* * *

Дӯст панд медиҳаду душман фанд.

**Машқи 519.** Феълҳои *омад, нишаст*-ро аз рӯйи шахсу шумора ва бандакҳои феълӣ тасриф кунед.

## Дарси 155. ИФОДАИ МАЪНОИ ИНКОР ВА ТАСДИҚ ДАР ФЕЪЛ

Феъл дар ду шакл истифода мешавад: *тасдиқӣ* ва *инкорӣ*.

Дар шакли тасдиқӣ иҷрои амал дар яке аз замонҳои феъл (гузашта, ҳозира ё оянда) тасдиқ карда мешавад: *Падарам дар бораи деҳаамон ривоятҳои қадимро нақл мекард.*

Дар шакли инкорӣ амал дар яке аз замонҳо (гузашта, ҳозира ё оянда) инкор карда мешавад. Шакли инкории феъл аз шакли тасдиқӣ бо илова шудани пешванди *на- (гоҳо ма-)* сохта мешавад. Муқоиса кунед: Ӯ намехонд ва намедонист. *Ӯ на мехонд ва на медонист.*

**Машқи 520.** Нависед, муқоиса кунед: кадом феълҳо амали иҷрошуда ва иҷронашударо мефаҳмонанд?

| | |
|---|---|
| Шунид — нашунид | даргирифт — дарнагирифт |
| хонд — нахонд | кор кард — кор накард |
| занг зад — занг назад | мебинад — намебинад |
| дид — надид | пухта аст — напухта аст |

**Машқи 521.** Бо интихоб ва корбасти пешванди *на- ма-* даҳтоӣ феълҳои инкориву тасдиқӣ тартиб диҳед.

**Машқи 522.** Порчаи шеъриро хонед ва дар кадом шакл воқеъ гаштани феълро гӯед.

Аз қатраҳои борон дар офтоби тобон,
Рухсора тар намуда абрӯкамон баромад.
Бо рангҳои дилкаш, бо чеҳраи мунаққаш,
Ҳусни замин дамида, фаввopасон баромад.

*Мирзо Турсунзода*

**Машқи 523.** Бо феълҳои тасдиқии *мехонад, намехонд, меравад, намеравад, меояд, намеояд* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## Дарсҳои 156—157. ТАҲЛИЛИ САРФИИ ФЕЪЛ

### Тартиби таҳлили сарфии феъл

1. Кадом калима феъл аст ва он ба кадом савол ҷавоб мешавад?

2. Муайян кардани аломатҳои сарфӣ:

а) шакли тасрифӣ, ғайритасрифӣ;

б) асосҳои феъл: асоси замони гузашта, асоси замони ҳозира;

в) шахс ва шумораи феъл;

г) феъли монда, гузаранда;

ғ) феъли бевосита, бавосита;

д) намудҳои феъл: мутлақ, давомдор;

е) сиғаҳои феъл: хабарӣ, амрӣ, шартӣ-хоҳишмандӣ, эҳтимолӣ;

ё) замонҳои феъл: гузашта, ҳозира, оянда;

ж) сохти феъл: содда, сохта, таркибӣ;

3. Вазифаи феъл дар ҷумла.

*Мисол*: Ман беихтиёр табассум кардам.

### Намунаи таҳлили даҳонӣ:

1. *"Табассум кардам"* феъл аст, он ба саволи *чӣ кор кардам?* ҷавоб мешавад.

2. Феъли тасрифӣ, шахси якуми танҳо, монда, бевосита, мутлақ, сиғаи хабарӣ, замони гузашта, таркибии номӣ.

3. Дар ҷумла ба вазифаи хабар омадааст.

*Намунаи таҳлили хаттӣ:*

*кӣ? чӣ тарз? чӣ кор кардам?*

Ман беихтиёр табассум кардам.

*Супориш.* Феълҳои таркиби ҷумлаҳоро мисли намуна таҳлил кунед.

1. Дар пушти тиреза як бутта гули садбарг мешукуфт. 2. Ӯ аз ҷой наҷунбида, дар муқобили боди сард меистод. 3. Нохост ба чашмони хирааш ашк давид. 4. Дар сатҳи кӯл ҳар ҷо-ҳар ҷо варақҳои зард, сурх, сабз ором шино мекарданд. 5. Рӯзҳои дароз ғарқи андеша мегардам, шабҳо дуруст хоб рафта наметавонам. 6. Вай дар муқобили оина фурсате карахту беҳаракат истод.

## Дарси 158. ТАКРОРИ ФЕЪЛ

# ТАКРОРИ МАВЗӮЪҲОИ СОЛОНА

## Дарси 159. ИБОРА ВА ҶУМЛА

**Машқи 524.** Матнро хонед ва аз чанд ҷумла иборат буданашро гӯед. Ибораҳои таркиби ҷумлаҳоро муайян кунед.

Гузаштагони мо паррандаҳои ваҳширо дастомӯз карда, бо онҳо ҳайвонҳои даррандаро шикор мекарданд. Ҳамаи ин лочин, лошахӯрак, уқоб ё бургут тавлид кард, чӯҷаашро гирифта, ром мекарданд. Зимистон, пас аз боридани барфҳои аввалин, ба аспҳои маст савор шуда, ба шикор мебаромаданд. Чун одат ба сари уқоб ё бургут матои сиёҳ ва ба дасташон остинча мепӯшонданд. Сипас гург ё рӯбоҳ, шағол ё харгӯшро дида, паррандаро сар медоданд. *(Аз китоби «Мурғи сухангӯй»)*

**Машқи 525.** Ибораҳои зерро бе тағйирот дар таркиби ҷумлаҳои тартиб медодагиатон кор фармоед.

Ҳавои гарм, офтоби дурахшон, меваи хушбӯ, бачаи кӯмакрасон, гандуми баҳорӣ, дарахти серҳосил, дар вақти таътил.

**Машқи 526.** Сето ҷумла тартиб диҳед. Баъд аз он ибораҳои таркибашонро дар алоҳидагӣ нависед.

## Дарси 160. ҶУМЛАҲОИ ҲИКОЯГӢ, САВОЛӢ, ХИТОБӢ, АМРӢ

**Машқи 527.** Аз рӯйи ифодаи мақсад хели ҷумлаҳоро муайян кунед.

1. Лонаро ба осонӣ ёфтам. 2. Шумо аз куҷо омада истодаед? 3. Бародарон, ба рафтан тайёр шавед! 4. Бачаҳоро рафтори бобо ба ҳайрат овард. 5. Канӣ бинем, истеъдоди кӣ баланд! 6. Маънои калимаи душворфаҳмро аз китоби луғат муайян кардам. 7. Шумо чаро ба машғулоти маҳфили адабӣ нарафтаед?

**Машқи 528.** Сетоӣ ҷумлаи ҳикоягӣ, саволӣ, хитобӣ, амрӣ нависед.

**Машқи 529.** Хонед ва хели ҷумлаҳоро номбар кунед. Худ ҷумлаҳои саволӣ тартиб диҳед.

1. Барқ дурахшид, раъд ғуррид. 2. Ҳаво метасфид. 3. Чашмони писарча аз шодӣ дурахшиданд. 4. Бигзор, диёри бостониамон булбулистон бошад!

**Машқи 530.** Аз ҳикояҳои хондагиатон ҷумлаҳои ҳикоягӣ, саволӣ, хитобӣ, амрӣ интихоб карда нависед.

## Дарси 161. САРАЪЗОҲОИ ҶУМЛА

**Машқи 531.** Хонед ва гӯед, ки аломати тире ба адои кадом бандак омадааст?

1. Ранҷи мо — ганҷи мо. 2. Заҳри забон аз заҳри мор бадтар. 3. Сухани ҳақ талх аст. 4. Ҳамал — ҳама чиз дар амал. 5. Бехи давлат — тани сиҳат. 6. Хоб — додари марг. 7. Хоксорӣ — зебу зинати инсонӣ. 8. Забони миллат — пояи миллат. 9. Одами беватан — булбули бечаман.

**Машқи 532.** Порчаҳои шеъриро хонед, мазмунашро баён кунед. Хабар ва мавриди истифодаи онро муайян намоед.

Мефитад гоҳ одам аз кӯҳсор,
Мефитад гоҳ дар раҳи ҳамвор.

Мехӯрад гоҳ пешпо бар санг,
Мефитад гоҳ аз назарҳо хор.

*Қутбӣ Киром*

Меравам аз хонадони ту, падар,
Сурма молида зи хоки остон.
Меравам обод карда манзиле,
Файз бахшам баҳри дигар хонадон.

*Гулрухсор*

**Машқи 533.** Хабари ҷумлаҳоро муайян кунед.

Шиддати таб ба дараҷае буд, ки ман гоҳ-гоҳ аз ҳуш мерафтам. Хобҳои парешони аҷибу ғариб медидам. Ба ҷоҳои пурхавф мерафтам. Гоҳ дар дарёи хурӯшон ғарқ мешудам, гоҳ дар миёнаи оташи шӯълавари сӯзон меафтодам. Барои халос кардани худ ҷандала намуда, ҳаракат мекардам ва дар вақти шиддати ҳаракат ба ҳуш меомадам, ки дар ҷоям хобидам ва чӣ қадар вақт боз хобидани худро аз ёридиҳандагон мепурсидам. *(Аз «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ)*

## Дарси 162. АЪЗОҲОИ ПАЙРАВИ ҶУМЛА

**Машқи 534.** Матнро хонед, аъзоҳои пайрави ҷумларо муайян кунед.

### Санҷид — меваи шифобахш

Санҷидҳои борикбарг, шарқӣ ва челон мавҷуданд. Баргҳои он нештаршакл ё ки тухмшакл, нӯгтез, теғҳояшон ҳамвор бо бандҳои кӯтоҳашон ба поя ва шоххҳои пасиҳам мепайванданд. Моҳи май гул карда, моҳҳои август-октябр мевааш мепазад.

Санҷид ҳамчун хӯрок истеъмол карда мешавад. Меваи нағз хушкида ва дар осиёб орд кардашудаи онро бо орди гандум омехта, нон мепазанд. Аз санҷид хӯрдании шакарпарвард омода кардан мумкин аст.

Санҷид аз қадим чун воситаи доругӣ ба кор бурда мешавад. Мева ё обҷӯши онро дар табобати мардумӣ ба давои исҳол, бештар исҳоли бачагон, инчунин, роҳи нафас ва шамолхӯрӣ кор фармудаанд. *(Аз рӯзномаи «Овози тоҷик»)*

**Машқи 535.** Байтро хонед ва аз рӯйи мазмуни он бо интихоби сарлавҳа матн тартиб диҳед. Бо гузоштани аломатҳои шартӣ ва саволҳо аъзоҳои ҷумлаҳоро муайян кунед.

Ҳунар аз нуқраю тиллою зар беҳ,
Ҳунар аз мулку мероси падар беҳ.

## Дарси 163. САДОНОК ВА ҲАМСАДОҲО

**Машқи 536.** Садонокҳоро номбар кунед ва бо онҳо калимаҳо нависед.

**Машқи 537.** Аз чанд ҳарфу овоз иборат будани калимаҳои поёниро муайян кунед.

Аъло, ало, шеър, шер, суръат, сурат, портфел, фарёд, ҳушёр, бирён, даъво, даво, баъд, бад.

**Машқи 538.** Калимаҳое нависед, ки дар таркиб ҳамсадоҳои шадда дошта бошанд.

**Машқи 539.** Ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро дар алоҳидагӣ нависед.

## Дарсҳои 164—165. ҲАМСАДОҲОИ ҶАРАНГДОР ВА БЕҶАРАНГ

**Машқи 540.** Ба ҷойи ҳамсадоҳои аввали беҷаранг ҳамсадоҳои ҷарангдорро монда нависед ва маънои калимаҳоро шарҳ диҳед.

Тор, панд, фасл, сар, шола, чанг, кардан, хор.

**Машқи 541.** Талаффузи ҳамсадоҳои *б, д, э, г, ғ*-ро шарҳ диҳед ва сабаби тағйири онҳоро фаҳмонед.

Бадтар, дегхона, дӯғкашӣ, сабк, лабханд, сабт.

**Машқи 542.** Ба талаффузи ҳамсадоҳои беҷаранги *т, п, ш, к* эътибор дода, калимаҳои поёниро ба дафтар рӯбардор кунед. Сабаби беҷарангшавии онҳоро гӯед.

Боғсозӣ, дӯғкашӣ, бадтар, дудкаш, бузкашӣ, дегшакл, зудтар, писта.

**Машқи 543.** Бо ҳамсадоҳои ҷуфти ҷарангдор ва беҷаранг мисол нависед.

## Дарси 166. КАЛИМАҲОИ ҲАММАЪНО ВА ЗИДМАЪНО

**Машқи 544.** Калимаҳои ҳаммаъноро муайян кунед.

1. Замин бо сабзаи тару тоза пӯшида мегардад. 2. Дар осмони софу беғубор ситораҳо медурахшиданд. 3. Қаламдони шаффоф аз байни коғази лӯлапеч кардашуда ғеҷида баромада тарафи ҷӯй шорид. 4. Оби зулоли чашма мавҷзанон ҳаракат мекард. 5. Ранги рухсораи вай мисли ранги себи сурх тоза, мусаффо буд.

**Машқи 545.** Хонед ва гӯед, ки мафҳумҳои зеринро боз ба воситаи кадом калимаҳо ифода кардан мумкин аст.

Хуб, камбағал, хушрӯй, далер, қишлоқ, офтоб, рӯй, муаллим, доно, нодон, бад, кӯпрук, тӯҳфа, қалам, хабар, хобидан, танбал.

**Машқи 546.** Ба кадом услубҳои нутқ мансуб будани калимаҳои ҳаммаънои поёниро гӯед.

Калон, бузург, кабир, азим, аъзам
Дунё, ҷаҳон, олам, гетӣ, даҳр.

**Машқи 547.** Даҳтоӣ калимаҳои зидмаъно ва ҳамшакл нависед.

## Дарси 167. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 548—551

**Машқи 548.** Аз таркиби ҷумлаҳо сифатҳоро муайян карда, ба дафтар нависед.

1. Офтоб домани нурҳои зарринашро меғундошт, сояи дарахтону теппаҳои сабз дарозтар мешуд. 2. Боғбонон дар ин айём ток, анҷир, анор барин растаниҳои гармидӯстро аз зери хок мебароранд. 3. Хурмоию мирсанҷарӣ, бинигорию қандак, рухиҷонону дарафшак, маҳтобию ҷавпазак, сафедпазаку оимхӯрак, шавлагию кадухасак, тоҷибой — ҳама бо роҳи пайванд ба вуҷуд омаданд. 4. Об аз сӯрох ба шиша таровида, қатра-қатра мечакид. 5. Зарро дар оташ, одамро дар меҳнат месанҷанд. 6. Оҳан дар гармиаш тоб мехӯрад, одам дар хурдӣ. 7. Ӯ басо тез ва ҷонкоҳона медавид. 7. Аз назди дарахтони азими сарсабз ҷӯйе равон мегашт. 8. Шохҳои дарахтон оҳиста-оҳиста ҷунбида, садои нозук мебароварданд.

**Машқи 549.** Панҷтоӣ исм ва сифатҳои мураккаб нависед.

**Машқи 550.** Феъл ва пешвандҳои феълсозро муайян кунед.

Бархостан, баргаштан, баркашидан, даргирифтан, вохӯрдан, боздоштан, бозмондан, вогузоштан, даркашидан, барафтидан, даргузаштан, дарафтидан, барангехтан.

**Машқи 551.** Ҷумлаҳое нависед, ки дар таркиб феъли таркибии номӣ ва феълӣ дошта бошанд.

## Дарси 168. ИСМ

**Машқи 552.** Даҳто исмҳои хоси ба исми ҷинс табдилшаванда нависед.

**Машқи 553.** Матнро хонед, исмҳои мураккаби аз исму исм таркибёфтаро ба дафтар рӯбардор кунед.

Шабе модари Аҳмад дар хона набуд, айёми тобистон буда, вақтҳои рӯйиҳавлихобӣ буд. Падари Аҳмад ним таноб барин гандумпояашро, ки дар рӯйдарича дошт, он шаб об дода буд. Дар вақти ба замин об сар додан шамол бошад ҳам, ҳанӯз замин бо об такдав нашуда, ҳаво ором гирифт.

Бинобар ин обрӯбакҳои гандумпоя ба як сӯ ғун нашуда монд.

Падари Аҳмад одами бодиққат буд, ӯ нахост, ки аз бешамолӣ замин ифлос шуда монад. Бинобар ин, як шохаи баргдори дарахти ғуҷумро бурида гирифта, ба замини нав обдодашуда даромада ва бо он шоха обро лат дода, обрӯбакҳоро ба як тараф ғундоштанӣ шуд. *(Аз «Аҳмади девбанд»-и С. Айнӣ)*

**Машқи 554.** Пасвандҳои калимасози исмро номбар кунед ва фарқашонро аз пасвандҳои ҷамъсоз гӯед.

**Машқи 555.** Бо пасвандҳои ҷамъсози исм мисолҳо нависед.

## Дарси 169. СИФАТ

**Машқи 556.** Ҷумлаҳоро ба дафтар рӯбардор карда, ба зери сифатҳо хат кашед. Дараҷаҳояшро номбар кунед.

1. Дар сараш чашмони заб-зард ва дар болои онҳо мижжаҳои садафину тоҷи монанди гули тоҷихурӯс суп-сурх аҷаб зебо ба назар мерасанд. 2. Ӯ танҳо монд ва аз хунукӣ дир-дир меларзид. 3. Шамоли сард мевазид. Шитир-шитир хазон мерехт. 4. Баргу шоххҳои дарахтон қасар-қасар садо мебароварданд.

**Машқи 557.** Матнро хонед ва мазмунашро маънидод кунед. Сифатҳоро дар алоҳидагӣ нависед.

### Гуфтугӯи рангҳо

Шунидӣ, сафед чӣ мегӯяд:
— Ман шир, ман қанд, ман барф!
Зард ҳам хомӯш намеистад:
— Ман пари мурғобича, ман гандум, ман офтоб!
Норинҷӣ низ аз қатор намемонад:
— Ман сабзӣ, ман афлесун, ман шафақи субҳ!
Аз паси вай сурх нидо мекунад:
— Ман лола, ман оташ, ман байрақ!

Сабз ҳам хитобан мегӯяд:
— Ман ғунча, ман барг, ман алаф!
Кабуд ба онҳо ҳамроҳ мешавад:
— Ман ранги хатнависӣ, ман осмон, ман баҳр!
Бунафш ҳам оҳиста пичиррос мезанад:
— Ман олу, ман гули ёсуман, ман шоми тирамоҳ!

Аммо борон хомӯш меистад. Ва баробари вай қаламҳои ранга ҳам дам намебароранд. Дар уфуқ тиру камон пайдо мешавад. Ҳанӯз ҳам ҳарҷо-ҳарҷо қатраҳои борон мечакад. Барорбари онҳо қаламҳои ранга ҳам ба гап медароянд.

— Тамошо кунед! — мегӯяд сафед. — Рангинкамон ман ҳастам!

— Ман ҳам! — табассум мекунад зард.
— Ман ҳам! — илова мекунад норинҷӣ.
— Ман ҳам! — шодӣ мекунад сурх.
— Ман ҳам! — хитоб менамояд сабз.
— Ман ҳам! — исрор мекунад кабуд.
— Ман ҳам! — механдад бунафш.

Ҳамаашон аз рангинкамони уфуқ хурсанданд — ҳам қанд, ҳам гандум, ҳам афлесун, ҳам байрақ, ҳам алаф, ҳам баҳр ва ҳам ёсуман. *(Аз китоби «Якшанбеҳо ҳархела-анд»)*

**Машқи 558.** Бо интихоб ва корбасти пасвандҳои сифатсози *-манд, -нок, -ваш, -осо, -гун, -тар* калимаҳо нависед.

## Дарси 170. ТАҲЛИЛИ ФОНЕТИКӢ, ЛЕКСИКӢ ВА САРФӢ

*Супориши 1.* Калимаҳои дилхоҳи таркиби ҷумлаҳоро таҳлили фонетикӣ кунед.

1. Забони тоҷикӣ хушоҳангу мавзун аст. 2. Мақсаду андешаҳои хубу бади инсон аз гуфтораш падид ояд. 3. Ҳар чӣ аз дил берун ояд, пок аст.

*Супориши 2.* Сифату феълҳои дилхоҳ нависед ва таҳлили сарфӣ кунед.

## Сарчашмаҳои китоби дарсӣ


1. Афсонаҳои халқи тоҷик. — Тошканд: «Тамаддун», 2013.

2. Каҳкашони орзу. — Тошканд: Нашриёти адабиёт ва санъати ба номи Ғафур Ғулом, 2000.

3. Қамарзода А. Гулистони адаб (барои синфҳои 5—6). – Тошканд: «Шарқ», 2007.

4. Маниёзов А., Мирзоев А. Луғати имло. – Душанбе: «Маориф», 1991.

5. Муҳаммадиев М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ. — Душанбе, «Маориф», 1993.

6. Саъдии Шерозӣ. Гулистон. — Тошканд, «Нисо», 2012.

7. Тазкираи адабиёти бачагонаи тоҷик. Ҷилди 1, 2. – Душанбе: «Маориф», 1982.

8. Тазкираи адабиёти бачагонаи тоҷик. Ҷилди 3, 4. – Душанбе: «Маориф», 1982.

9. Тазкираи адабиёти бачагонаи тоҷик. Ҷилди 5. – Душанбе: «Маориф», 1984.

10. Тазкираи бачаҳо. Ҷ. 1. Душанбе: «Адабиёти бачаҳо», 2012.

11. Тазкираи бачаҳо. Ҷ. 1. Душанбе: «Адабиёти бачаҳо», 2013.

12. Фарҳанги ибораҳои забони ҳозираи тоҷик. Ҷ. 1, 2. – Душанбе: «Маориф», 1993.

13. Фарҳанги ибораҳои забони ҳозираи тоҷик. Ҷ. 1. – М., 1969.

14. Фарҳанги ибораҳои забони ҳозираи тоҷик. Ҷ. 2. – М., 1969.

15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ Ҷ. 1, 2. – Душанбе, 2008.

16. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ. – Тошканд, «Муҳаррир», 2013.

# ИСТИЛОҲОТИ АСОСӢ

*Алифбо* — маҷмӯи аломатҳои ҳарфҳо, ки бо тартиби муайяни ба ин ё он забон махсус қабул гардидааст.

*Аломат* — ҳарфе, ки дар калима танҳо бо мақсади муайяни тарзи талаффуз навишта мешавад.

*Аломати диакритикӣ* — аломати иловагии боло ва зерсатрии ҳарфу овозҳо.

*Аломати савол* (?) — аломати китобатиест, ки пурсишу саволро ифода мекунад.

*Аломати хитоб* (!) — аломати китобатиест, ки фикри оҳангдору баландтарро ифода мекунад.

*Антоним* — калимаҳои ба ҳам зид, муқобилмаъно.

*Аорист* — шакли феълиест, ки замони ҳозира-ояндаи сиғаи шартӣ-хоҳишмандиро ифода мекунад.

*Архаизм* — калима ва ибораҳои кӯҳнашуда.

*Бандак* — ҳиссаи ёрирасони баъд аз реша ё худ асос омада.

*Ванд (аффикс)* — ҳиссае, ки пеш ё пас аз реша (асос) меояд.

*Вергул (,)* — аломати ист, ҷудокунанда, тақсимкунанда.

*Воҳидҳои забонӣ* — қисми нутқ, ки чун ҷузъи муайяни дорои вазифа ва маъною мазмун, мундариҷа ба таври ҳамешагӣ истифода мешавад.

*Воҳидҳои фонетикӣ* — овозҳои нутқ, ки барои ташкил ёфтани ин ё он шакл ва маънои калима иштирок мекунанд.

*Воҳиди фразеологӣ* — ибораи аз ҷиҳати сохту таркиб устувор, аз ҷиҳати ифодаи маъно яклухт, ки чун воҳиди тайёри нутқ истифода мешавад.

*Графика* — маҷмӯи ҳамаи воситаҳои хати мавҷуда.

*Дарозии овозҳо* — овозҳое, ки дар таркиби калима зада ба онҳо афтида нисбатан дарозтар, кӯтоҳтар талаффуз карда мешаванд.

*Дастнавис* — нутқи хаттӣ, ки аз тарафи муаллиф ба коғаз сабт карда мешавад.

*Дастгоҳи овозсоз* (нутқ, гуфтор) — мавҷудият ва ягонагии узвҳои овозсоз.

*Диалог* — нутқи ду нафар шахс.

*Зада* — ҳарф ва овози пурқувват, дарозтар, кашишноктар талаффуз карда.

*Интонатсия* — шиддатнокии нутқ, паст ё баланд шудани тарзи талаффуз.

*Исм* — ҳиссаи нутқи ифодакунандаи номи предмет.

*Калима* — маҷмӯи овозҳои муайянест, ки барои баёни матлаб чун воҳиди забонӣ хизмат мекунад.

*Калимаҳои иқтибосӣ* — калимаҳои аз дигар забон гирифташуда.

*Калимаҳои якҳиҷоӣ* — калимаҳое, ки аз як ҳиҷо иборатанд.

*Калимаҳои ҳамреша* — калимаҳои гуногуне, ки аз як реша сохта шудаанд.

*Қоида* — тартиб, низом ё таърифи ҳамеша амалкунандае, ки ин ё он ҳодисаи забонро ифода мекунад.

*Қоидаҳои грамматикӣ* — таъриф ё тавзеҳе, ки хусусиятҳои грамматикии нутқро мефаҳмонад.

*Қоидаҳои имло* — пешниҳод ва тавсияҳои қоидаҳои навишт.

*Лексика* — яке аз соҳаҳои илми забоншиносӣ, калима, луғат.

*Луғат* — китобе, ки дар он рӯйхати калимаҳои мавҷуда бо тартиби муайяни алифбо дода мешавад.

*Матн* — фикрҳои яклухти мазмунан алоқаманд.

*Мафҳум* — ифода ва маънои умумии фаҳмидашаванда.

*Машқ* — супорише, ки барои дар амал татбиқ кардани ин ё он қоидаи забонӣ дода мешавад.

*Маъно* — мафҳуме, ки дар натиҷаи ба ҳамдигар алоқаманд шудани овозҳои нутқ дар шакли калимаҳо ба вуҷуд меоянд.

*Маънои аслӣ*— маънои лексикии калима ё иборае, ки баръакси маънои кӯчидаи калима ё ибора тасаввур мешавад.

*Маънои лексикӣ (луғавӣ)* — маъное, ки дар асоси маҷмӯи овозҳои нутқ дар шакли калима ба вуҷуд меоянд.

*Маънои маҷозӣ* — ба маънои ғайриаслӣ, кӯчида, тамоман дигар омадани мафҳуми калима.

*Миёнванд (инфикс ё интерфикс)* — унсури дастуриест, ки дар дохили калима, ё дар дар байни  ду реша меоянд.

*Морфема* — қисми хурдтарини калима, ки онро дигар тақсим кардан мумкин нест.

*Монолог* — нутқе, ки ба шунаванда ё ба худи гӯянда нигаронида мешавад.

*Мухотаб* — калима, таркиб ё иборае, ки гӯянда ба воситаи он муроҷиат мекунад.

*Ним тире* — хати дар байни қисмҳои калимаи мураккаб гузошташаванда.

*Нутқ* — як намуди фаъолияти инсонист, ки ҳангоми истифодаи забон дар ҷараёни мубодилаи афкори байни ҳамдигар воқеъ мегардад.

*Овоз* — воҳиди нутқи гуфташудаистода, ки ба воситаи узвҳои нутқ ба вуҷуд меоянд.

*Овози комӣ* — овозе, ки баробари ба коми боло расидани миёни забон пайдо мешавад.

*Овози ларзанда* — овозе, ки ҷараёни ҳавои аз шуш бароянда забонро мунтазам ларзонда ба вуҷуд меорад.

*Овози нимсадо* — овозе, ки дар ҳиҷо гоҳ чун садонок, гоҳ чун ҳамсадо вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад.

*Овози ҳалқӣ* — овозе, ки дар ҳалқ пайдо мешавад.

*Овозҳои беҷаранг* — ҳамсадоҳои беҷаранг талаффузшаванда.

*Овозҳои димоғӣ* — овозҳое, ки дар вақти талаффузашон лабҳо маҳкам ба ҳам часпида, ҷараёни ҳаво ба воситаи сӯрохии димоғ хориҷ мегардад.

*Овозҳои зич* — овозҳое, ки дар натиҷаи ба ҳамдигар сахт часпидани узвҳои овозсози фаъол ва нофаъоли нутқ ба вуҷуд меоянд.

*Овозҳои зичу рахнадор* — овозҳое, ки дар натиҷаи нисбатан сусттар ба ҳамдигар часпидани узвҳои овозсози фаъолу нофаъоли нутқ пайдо мешаванд.

*Овозҳои лабудандонӣ* — овозҳое, ки дар натиҷаи ба ҳамдигар расидан ё ҷафс шудани лабу дандон ба вуҷуд меоянд.

*Овозҳои лабулабӣ* — овозҳое, ки дар натиҷаи ба ҳам ҷафс шудани ду лаб ба вуҷуд меоянд.

*Овозҳои ноустувор* — овозҳое, ки дар талаффуз ҳамеша як хел хусусият надошта, гоҳ дароз ва гоҳ кӯтоҳ мешаванд.

*Овозҳои нутқ* — воҳидҳое, ки дар нутқ талаффуз карда мешаванду ба воситаи узвҳои овозсози нутқ ба вуҷуд меоянд.

*Овозҳои пасизабонӣ* — овозҳое, ки дар натиҷаи ба коми боло бардошта шудани забон ба вуҷуд меоянд.

*Овозҳои пешизабонӣ* — овозҳое, ки дар натиҷаи ба дандонҳо ва вораҳои пеш наздик шудан ё расидани қисми пеши забон ба вуҷуд меоянд.

*Овозҳои садонок* — овози танҳо аз садо иборатбуда.

*Овозҳои роғ* — овозҳое, ки кашишдор талаффуз мешаванд.

*Овозҳои устувор* — овозҳое, ки дар талаффуз хусусияти якхелаи худро ҳамеша нигоҳ медоранд.

*Овозҳои лабӣ* — овозҳои дар лаб ба вуҷуд омада.

*Овозҳои ғайрилабӣ* — овозҳое, ки дар ташкилшави онҳо лабҳо иштирок намекунанд.

*Овозҳои қатори пеш* — овозҳое, ки аз ҷиҳати иштироки забон ва тарзи ҳаракати он ба пеш пайдо мешаванд.

*Овозҳои ҳамсадо* — овозҳои шавшувдору бе шавшув (сонорӣ)-и ба садопардаҳо бархӯранда.

*Овозҳои ҷарангдор* — ҳамсадоҳои ҷарангдор талаффузшаванда.

*Оҳанг* — пасту баланд, бекашишу кашишдор талаффуз шудани овоз.

*Пасванд (суффикс)* — ҳиссае, ки пас аз реша меояд.

*Пауза (ист)* — муваққатан қатъ шудани овоз.

*Поварақ* — ҳошияи зери варақ, лаби поёни варақ.

*Пешванд (префикс)* — ҳиссае, ки пеш аз реша меояд.

*Садо* — овозе, ки баробари ларзиш ва ба ҳамдигар дучор шудани садопардаҳои кашидашуда дар натиҷаи тазъиқи ҳавои берунбароянда дар гулӯ ба вуҷуд меояд.

*Садопардаҳо* — дар ғуҷуми хурди мускулҳое, ки ба охири гулӯ пайваста буда, ба тарзи горзионталӣ ҷойгир шудаанд.

*Сархат* — ҷойи холие, ки аз аввали сатр ба миқдори ғунҷойиши се ё чор ҳарф гузошта мешавад. Инчунин порчаи хаттӣ ва ё чопии матнест, ки аз як ё чандин фикри ба ҳамдигар алоқаманд иборат аст.

*Сарлавҳа* — калима, таркиб, ибора ё ҷумлаест, ки дар аввали матн меояд.

*Сатр* — гурӯҳи ҳарфҳо, калимаҳо ё аломатҳои ҷудогонае, ки дар як хат навишта ё чоп карда мешавад.

*Талаффуз* — дар асоси ҳаракати узвҳои нутқ ба вуҷуд овардани овозҳо.

*Тире* — аломати китобист, бо андак дарозӣ аз аломати нимтире фарқ мекунад.

*Узвҳои овозсоз* — лаб, забон, забонча, ҳалқ, садопардаҳо, ки дар бунёди овозҳо иштирок мекунанд.

*Фонема* — воҳиди хурдтарини овоз, ки барои ба вуҷуд омадан ва фарқ кардани воҳидҳои маънодори забон — калимаю морфемаҳо хизмат мекунад.

*Ҳарф* — аломати графикӣ дар таркиби алифбои забон, ки дар хат барои ифодаи овозҳо ва намудҳои онҳо хизмат мекунанд.

*Ҳарфи калон* — ҳарфе, ки аз ҷиҳати сохт, ҳаҷм, нисбат ба ҳарфҳои қаторӣ фарқ карда меистад.

*Ҳарфи хурд* — ҳарфҳое, ки дар ҳаҷм ва шакл баробар буда, пас аз ҳарфҳои калон навишта мешаванд.

*Ҳошия* — канори сатр.

*Шарҳ* — ошкор намудани маънои пӯшида, маънидоди маънои калима, ибора.

*Шифр* — аломати шартӣ барои махфинависӣ, ҳуҷҷати махфӣ.

*Шрифт* — акс, аломати бо ҳарф тасвиргардида, сабтёфта.

*Эпиграф* — ибора, ифодае, ки дар сарлавҳа ё пеш аз ягон қисми матн ва мундариҷаи он оварда мешавад.

# ЛУҒАТИ КАЛИМАҲОИ ДУШВОРФАҲМ

## А

*Аттор* — атрфурӯш
*Аккос* — сураткаш, суратгир
*Аккол* — номи бозии кӯдакон
*Афзуд* — зиёдтар, бештар гардид
*Андӯҳ* — ғам
*Афкор* — фикр, ақида
*Ахтар* — ситора
*Анбоз* — рафиқ, шарик, ҳамдам
*Анбарнисор* — хушбӯй
*Або* — либоси болопӯши васеи остинкӯтоҳ
*Алвонҷ* — арғунчак
*Амният* — осоиштагӣ, оромӣ

## Б

*Базм* — зиёфат, тӯй
*Барангехтан* — ба ҷӯш овардан, иғво кардан
*Бол* — қанот, пар

## В

*Ваҳӣ* — паём ва илҳоме, ки гуё худо бо пайғамбарон мефиристонад
*Вогузаштан* — супурдан, ба ихтиёри касе додан, ҳавола кардан
*Волидайн* — падару модар

## Г

*Гулоб* — оби муаттари як навъ гули садбарг
*Гулгун* — ба ранги гул, гулранг, сурхранг, сурх
*Гавҳар* — марворид, санги қимматбаҳо

*Гардун* — фалак, осмон
*Густурдан* — паҳн кардан

## Ғ

*Ғализ* — норавшан, нофаҳмо
*Ғафлат* — бехабарӣ, фаромӯшӣ, бепарвоӣ
*Ғусса* — ғам, андӯҳ
*Ғановат* — боигарӣ, дороӣ

## Д

*Дарҷ* — дохил, шомил
*Дабистон* — мактаб
*Дом* — ҳалқае, ки барои дастгир кардани паррандагон ба кор бурда мешавад
*Дидбон* — нигоҳбон, посбон
*Даббус* — гурз

## Ж

*Жарф* — чуқур, амиқ, бепоён

## З

*Зин* — афзоре, ки барои нишастан ба пушти асп ё дигар чорпоёни саворӣ мебанданд
*Зулмот* — маҷозан, ҷойи сиёҳ ва торик

## И

*Гесӯ* — мӯйи дарозу бофтаи занон, печа, милла, кокул

## К

*Кавар, ковара* — номҳои растанӣ
*Камёб* — хушбахт, саодатманд
*Комрон* — хушбахт, бахтиёр

## Қ

*Қабои зарбофт* — киноя аз осмони пурситора

## М

*Малул* — озурдахотир, хафа, ғамгин

*Матлаб* — мақсад, хоҳиш

*Маъюс* — дилшикаста, рӯҳафтода

*Меҳвар* — тири асосии чарх, хати рости мавҳумӣ ва тахминӣ, ки як сари он аз қутби ҷанубии замин мегузарад ва замин ба даври он мегардад

*Маҳҷур* — дар ҳаҷр буда, дурафтода, ҷудомонда

*Миннатдор* – ризоманд, сипосгузор

*Муаррих* — таърихшинос, таърихнавис

*Муҳаррир* — таҳриргар, ислоҳкунанда

*Муқарриз* — тақризчӣ, тақриздиҳанда

*Мунаққид* — танқидгар

*Мураттиб* — тартибдиҳанда

*Муассир* — таъсирбахш

*Маккор* — фиребгар, фиребдиҳанда

*Мизроб* — асбобест, ки бо он танбӯр, рӯбоб, ва олотҳои дигари ториро менавозанд, нохунак

*Муаттар* — хушбӯ

*Маҳзун* — ғамгин

*Мубодила* — бадал кардан, чизро ба чизе иваз кардан

*Мукаммал* — пурра

*Мутриб* — марди навозанда ва сароянда

*Муфассал* — тафсил, ба таври тамом ва пурра

*Машварат* — маслиҳат

*Меҳтар* — калонтар, бузургтар

*Минбар* — ҷойи хутбахонӣ

*Муҳаррик* — маҷозии ташвиқкунанда, ба шӯр оваранда

*Мустақиман* — рост, дуруст, саҳеҳ

## Н

*Нуктадон* — одами бофаҳм, касе, ки хубу бадро нағз фарқ мекунад

*Носуфта* — сайқалнаёфта, норавшан

*Нилобӣ* — кабуд, осмонранг

## О

*Омода* — муҳайё, тайёр, ҳозир

## П

*Пайкар* — найза, тир
*Поктинат* — вуҷудан тоза
*Пунба* — пахта

## Р

*Райъ* — фикр, андеша, тадбир, ақида
*Разм* — ҷанг, набард, ҷидол
*Роҷеъ* — оид, мансуб, доир
*Рутубат* — намӣ, тарӣ, намнокӣ

## С

*Саҳв* — хато, иштибоҳ
*Сайъ* — кӯшиш, ҷидду ҷаҳд
*Савт* — садо, овоз, оҳанги мусиқӣ
*Сарфароз* — сарбаланд, хурсанд, шоду хуррам
*Сидқ* — ростӣ, ростгӯӣ
*Сафо* — покӣ, тозагӣ
*Сад(д)* — гирифтани пеши чизе
*Судманд* — фоиданок, нафъовар
*Суд* — фоида, манфиат, нафъ
*Села* — рама, гурӯҳи парранда ва ҳайвонот
*Сокит* — ором, беҳаракат
*Суҳайл* — номи ситораи дурахшон

## Т

*Тарҳрезӣ* — банақшагирӣ
*Тасхир* — ром кардан, ба даст даровардан
*Тараннум* — замзама кардан, оҳиста-оҳиста хондан, сурудхонӣ
*Тараҳҳум* — раҳм, дилсӯзӣ, навозиш
*Таҳаммул* — ба сахтӣ тоб овардан, сабру тоқат доштан

*Тазъиқ* — касеро ба ҷойи танг андохтан, азоб додан
*Тиҷорат* — савдогарӣ, хариду фурӯш

**Ф**

*Фарҳафзо* — дилкушо
*Фарҳанг* — дониш, илм, маърифат, луғат
*Фараҳ* — хурсанд шудан, шодӣ, хушҳолӣ
*Фазл* — бартарӣ, афзалият
*Фанд* — макру фиреб, найранг
*Фирефтан* — фиреб додан, мафтун кардан

**Х**

*Ханҷар* — корди нӯгборик, аслиҳа
*Хаданг* — чӯби сахте, ки аз он найза, тир ва зини асп месозанд
*Хома* — қалам, килк

**Ҳ**

*Ҳарос* — тарс, бим
*Ҳуққа* — қуттича, қутичаи чӯбин, сандуқчаи ҷавоҳирот

**Ҷ**

*Ҷавҳар* — шакли арабишудаи гавҳар
*Ҷаҳолат* — нодонӣ, бехабарӣ, ғафлат
*Ҷилва* — намоиш, намуд, намудор шудан

**Ш**

*Шӯъбадабоз* — найрангбоз, найрангбозӣ

**Э**

*Эъзоз* — кори ҳайратовар, мӯъҷиза

**Ю**

*Юндӣ* — обе, ки пас аз шустани дегу табақ мемонад

**Я**

*Яқин* — собитшуда, дуруст
*Явшон* — номи растанӣ

## МУНДАРИЧА

**Дарси 1.** Забон — муҳимтарин воситаи алоқаи одамон ........ 4

### Такрор ва ҷамъбасти маводи омӯхташудаи синфҳои I—IV

**Дарси 2.** Калимаҳои ҳамреша ........ 6
**Дарси 3.** Таркиби калима ........ 8
**Дарси 4.** Исм ва сифат ........ 9
**Дарси 5.** Феъл ........ 11

### Наҳв ва аломатҳои китобат

**Дарси 6.** Ибора ........ 12
**Дарси 7.** Калимаи асосӣ ва тобеъ дар ибора ........ 14
**Дарси 8.** Ҷумла ........ 16
**Дарси 9.** Алоқаи грамматикии калимаҳо дар ҷумла ..... 17
**Дарси 10.** Хели ҷумлаҳо аз ҷиҳати ифодаи мақсад...... 19
**Дарси 11.** Ҷумлаи ҳикоягӣ ........ 21
**Дарси 12.** Ҷумлаи саволӣ ........ 22
**Дарси 13.** Ҷумлаи хитобӣ ........ 23
**Дарси 14.** Ҷумлаи амрӣ ........ 25
**Дарси 15.** Аъзоҳои ҷумла ........ 27
**Дарси 16.** Мубтадо ........ 29
**Дарси 17.** Хабар ........ 30
**Дарси 18.** Муайянкунанда ........ 32
**Дарси 19.** Пуркунанда ........ 34
**Дарси 20.** Ҳол ........ 36
**Дарси 21.** Ҷумлаҳои хуллас ва тафсилӣ ........ 38

**Дарси 22.** Ҷумлаҳои соддаи яктаркиба ........................... 39
**Дарси 23.** Ҷумлаҳои чидааъзо ........................................ 40
**Дарси 24.** Ҷумлаҳои чидааъзои пайвандакдор ............. 42
**Дарси 25.** Ҷумлаҳои чидааъзои бепайвандак ................ 44
**Дарси 26.** Мухотаб ........................................................ 45
**Дарси 27.** Ҷумлаҳои мураккаб ...................................... 46
**Дарси 28.** Нутқи айнан нақлшуда ................................. 48
**Дарси 29.** Муколама ...................................................... 49
**Дарси 30.** Такрори наҳв ва аломати китобат ................ 51
**Дарси 31.** Услубҳои нутқ ................................................ 53
**Дарси 32.** Матн ва сохту таркиби он ............................ 55

## Овозшиносӣ. Талаффузи адабӣ. Имло

**Дарси 33.** Маълумоти мухтасар доир ба овозшиносӣ, талаффузи адабӣ ва имло ............................................. 57
**Дарси 34.** Ҳосил шудани овозҳо ................................... 59
**Дарси 35.** Овоз ва ҳарф .................................................. 61
**Дарси 36.** Алифбо ........................................................... 63
**Дарси 37.** Овозҳои садонок ва ҳамсадо ......................... 65
**Дарси 38.** Овозҳои садонок ва хелҳои он ...................... 67
**Дарси 39.** Овозҳои ҳамсадо ва хелҳои он ....................... 68
**Дарси 40.** Ҳамсадоҳои ҷарангдор ва беҷаранг ............... 70
**Дарси 41.** Имлои садоноки *э* ............................................ 73
**Дарси 42.** Имлои садоноки *и* ............................................ 74
**Дарси 43.** Имлои ҳарфи *ӣ* .................................................. 76
**Дарси 44.** Имлои садонокҳои *у* ва *ӯ* ............................... 78
**Дарси 45.** Имлои садонокҳои *о* ва *а* ................................ 81
**Дарси 46.** Имлои ҳарфҳои ётбарсар ................................ 82
**Дарси 47.** Имлои ҳамсадоҳои шадда ............................... 83
**Дарсҳои 48—49.** Имлои ҳамсадои *ъ* ................................ 85
**Дарси 50.** Имлои ҳамсадоҳои *д, т, ҳ* ................................ 88

**Дарси 51.** Иҷрои машқҳои 226—230 ................................ 89
**Дарси 52.** Имлои ҳамсадои *й* ............................................ 91
**Дарси 53.** Такрори мавзӯъҳои чоряки якум ..................... 92
**Дарси 54.** Имлои ҳамсадои *с* дар калимаҳои
иқтибосӣ ................................................................. 92
**Дарсҳои 55—56.** Ҳиҷо ва хелҳои он ................................ 93
**Дарси 57.** Ба сатри дигар кӯчонидани
ҳиссаи калима ......................................................... 94
**Дарси 58.** Задаи калима ................................................... 96
**Дарсҳои 59—60.** Таҳлили фонетикӣ ................................ 98
**Дарси 61.** Такрори овозшиносӣ, талаффузи адабӣ
ва имло ................................................................... 100
**Дарсҳои 62—63.** Нақли хаттӣ аз рӯйи мазмуни матн . 100

## Калима

**Дарси 64.** Маънои луғавии калима ................................ 101
**Дарси 65.** Калимаҳои якмаъно ва сермаъно ................ 103
**Дарсҳои 66—67**. Маънои аслӣ ва маҷозии калима ...... 104
**Дарсҳои 68—69.** Калимаҳои ҳаммаъно (муродиф) ....... 106
**Дарси 70.** Иҷрои машқҳои 273—276 ............................. 108
**Дарси 71.** Калимаҳои зидмаъно (антоним) .................. 109
**Дарсҳои 72—73.** Калимаҳои ҳамшакл (омоним) .......... 110
**Дарси 74.** Иҷрои машқҳои 285—289 ............................. 112
**Дарсҳои 75—76.** Калимаҳои наздикталаффуз ............... 113
**Дарси 77.** Таҳлили лексикии калима ............................ 114
**Дарсҳои 78—79.** Интихоби сарлавҳа ва тартиб
додани матн ............................................................... 114
**Дарси 80.** Такрори мавзӯъҳои чоряки дуюм ................ 114

## Калимасозӣ ва имло

**Дарси 81.** Решаи калима ............................................. 115
**Дарси 82.** Пасванд .......................................................... 116

**Дарсҳои 83—84.** Пешванд ........ 117
**Дарси 85.** Асос ва бандак ........ 119
**Дарси 86.** Бандаки изофӣ ........ 120
**Дарси 87.** Бандакҷонишинҳо ........ 121
**Дарси 88.** Бандакҳои феълӣ ........ 122
**Дарси 89.** Бандакҳои хабарӣ ........ 123
**Дарси 90.** Калимаҳои ҳамреша ........ 123
**Дарси 91.** Такрори калимасозӣ ва имло ........ 124
**Дарсҳои 92—93.** Интихоби сарлавҳа ва тартиб додани матн ........ 124

## Сарф ва имло

**Дарси 94.** Сарф ва имло ........ 124
**Дарси 95.** Ҳиссаҳои нутқ........ 126

## Исм

**Дарси 96.** Исм ........ 127
**Дарси 97.** Вазифаи исм дар ҷумла ........ 128
**Дарси 98.** Исмҳои ҷондор ва беҷон ........ 129
**Дарси 99.** Исмҳои хос ва ҷинс ........ 130
**Дарси 100.** Ҳарфи калон ва имлои исмҳои хос ........ 131
**Дарси 101.** Исмҳои шахс ва ғайришахс ........ 134
**Дарси 102.** Исмҳои танҳо ва ҷамъ........ 135
**Дарси 103.** Исмҳои муайян ва номуайян ........ 137
**Дарси 104.** Ифодаи ҷинсият дар исм ........ 138
**Дарси 105.** Сохти исм. Исми содда ........ 140
**Дарсҳои 106—107.** Исмҳои сохта ........ 141
**Дарси 108.** Исмҳои мураккаб ........ 142
**Дарси 109.** Исм дар вазифаи мухотаб ........ 143
**Дарси 110.** Таҳлили сарфии исм........ 144
**Дарсҳои 111—112.** Такрори мавзӯи исм........ 145
**Дарсҳои 113—114.** Аз рӯйи мазмуни расм навиштани баён мувофиқи нақша ........ 146

## Сифат

**Дарси 115.** Сифат ............ 146
**Дарси 116.** Вазифаи сифат дар ҷумла ............ 148
**Дарси 117.** Сифатҳои аслӣ ва нисбӣ ............ 149
**Дарси 118.** Иҷрои машқҳои 404—428 ............ 151
**Дарси 119.** Дараҷаҳои сифат ............ 152
**Дарси 120.** Иҷрои машқҳои 412—416 ............ 153
**Дарси 121.** Сохти сифат ............ 155
**Дарси 122.** Пасванд ва пешвандҳои сифатсоз ............ 156
**Дарси 123.** Сифатҳои таъкидӣ ва такрор ............ 158
**Дарси 124.** Ифодаи камӣ ва хурдиву навозиш дар сифат ............ 159
**Дарси 125.** Таҳлили сарфии сифат ............ 160
**Дарси 126.** Такрори мавзӯи сифат ............ 161
**Дарси 127.** Тартиб додани матн ............ 162
**Дарси 128.** Такрори мавзӯъҳои чоряки сеюм ............ 163

## Феъл

**Дарси 129.** Феъл ............ 163
**Дарси 130.** Вазифаи феъл дар ҷумла ............ 165
**Дарси 131.** Шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъл ............ 166
**Дарси 132.** Асосҳои феъл ............ 168
**Дарсҳои 133—134.** Шахс ва шумора дар феъл ............ 170
**Дарсҳои 135—136.** Тасрифи феълҳо бо бандакҳои феълӣ ва хабарӣ ............ 174
**Дарси 137.** Феълҳои монда ва гузаранда ............ 175
**Дарси 138.** Феълҳои бевосита ва бавосита ............ 177
**Дарсҳои 139—140.** Тарзҳои феъл ............ 179
**Дарси 141.** Намудҳои мутлақ ва давомдори феъл ............ 180
**Дарси 142.** Забонхат ............ 181

**Дарси 143.** Сиғаҳои феъл ........................................ 182
**Дарси 144.** Иҷрои машқҳои 483—487 ........................... 184
**Дарси 145.** Иҷрои машқҳои 488—491 ........................... 185
**Дарси 146.** Замонҳои феъл ........................................ 186
**Дарси 147.** Замони гузашта ........................................ 187
**Дарси 148.** Замони ҳозира ........................................ 188
**Дарси 149.** Замони оянда ........................................ 189
**Дарси 150.** Иҷрои машқҳои 505—508 ........................... 190
**Дарсҳои 151—152.** Сохти феъл ................................ 191
**Дарсҳои 153—154.** Иҷрои машқҳои 515—519 ............ 192
**Дарси 155.** Ифодаи маънои инкор
ва тасдиқ дар феъл ........................................ 194
**Дарсҳои 156—157.** Таҳлили сарфии феъл .................. 195
**Дарси 158.** Такрори феъл ........................................ 196

## Такрори мавзӯъҳои солона

**Дарси 159.** Ибора ва ҷумла ........................................ 196
**Дарси 160.** Ҷумлаҳои ҳикоягӣ, саволӣ,
хитобӣ, амрӣ ........................................ 197
**Дарси 161.** Сараъзоҳои ҷумла ........................................ 197
**Дарси 162.** Аъзоҳои пайрави ҷумла ........................... 198
**Дарси 163.** Садонок ва ҳамсадоҳо ........................... 199
**Дарсҳои 164—165.** Ҳамсадоҳои ҷарангдор
ва беҷаранг ........................................ 199
**Дарси 166.** Калимаҳои ҳаммаъно ва зидмаъно ............ 200
**Дарси 167.** Иҷрои машқҳои 548—551 ........................... 200
**Дарси 168.** Исм ........................................ 201
**Дарси 169.** Сифат ........................................ 202
**Дарси 170.** Таҳлили фонетикӣ, лексикӣ ва сарфӣ ..... 203
Сарчашмаҳои китоби дарсӣ ........................................ 204
Истилоҳоти асосӣ ........................................ 205
Луғати калимаҳои душворфаҳм ........................................ 211

*O'quv nashri*

TAVAKKAL CHORIYEV

**TOJIK TILI**

(*mojik tilida*)

2-nashri

5-sinf uchun darslik


Муҳаррир *З. Тоҳириён*
Мусаввир *А. Чапленко*
Муҳаррири техникӣ *Т.Харитонова*
Муҳаррири бадеӣ *Е. Мирзаева*
Саҳифабанди компютерӣ *Л.Абкеримова*

Литсензияи нашриёт AI 158.
Ба чопаш 18 майи соли 2015 имзо шуд. Андозаи $60\times90^{1}/_{16}$.
Гарнитураи «Times Tad». Кегли 12, 10. Коғази офсетӣ.
Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 14,0. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 10,95.
Адади нашр 7381 нусха. Супориши № 15–260.

Дар Хонаи эҷодии табъу нашри «O'zbekiston»-и
Оҷонсии матбуот ва иттилооти Ӯзбекистон,
100129, Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30 чоп шудааст.

**Чориев, Таваккал.**

Ч-78 Тожик тили: Умумий ўрта таълим мактабларининг 5-синф ўқувчилари учун дарслик / Т. Чориев. — Т.: O‘zbekiston, 2015. — 224 б.

**УЎК: 811.222.8(075)**
**372.881.1**
**КБК 81.Тож-922**

## Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда

| № | Ному насаби довиш-омӯз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои роҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои роҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |

## Ҷадвали болоӣ ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани китоб аз тарафи роҳбари синф аз рӯйи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан |
|---|---|
| Хуб | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир гаштааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гаштааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайри-қаноатбахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда партофта шудааст, китоб барқарор карда намешавад. |

*O'quv nashri*

TAVAKKAL CHORIYEV

**TOJIK TILI**

(*mojik tilida*)

2-nashri

5-sinf uchun darslik

Муҳаррир *З. Тоҳириён*
Мусаввир *А. Чапленко*
Муҳаррири техникӣ *Т.Харитонова*
Муҳаррири бадеӣ *Е. Мирзаева*
Саҳифабанди компютерӣ *Л.Абкеримова*

Литсензияи нашриёт AI 158.
Ба чопаш 18 майи соли 2015 имзо шуд. Андозаи $60\times90^{1}/_{16}$.
Гарнитураи «Times Tad». Кегли 12, 10. Коғази офсетӣ.
Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 14,0. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 10,95.
Адади нашр 979 нусха. Супориши № 15–261.

Дар Хонаи эҷодии табъу нашри «O'zbekiston»-и
Оҷонсии матбуот ва иттилооти Ӯзбекистон,
100129, Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30 чоп шудааст.